**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ»**

---

**ВБД 330.341.1:005.591.6**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**МАҲМАДАЛИЕВ НАСРИДДИН КАРИМОВИЧ**

# АСОСНОК НАМУДАНИ МЕХАНИЗМИ ТИҶОРАТИКУНОНИИ НАВОВАРИҲО ДАР ШАРОИТИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИЁТИ ИННОВАТСИОНӢ

**Д И С С Е Р Т А Т С И Я**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –
доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва
рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсент Д.А. Ҳодиев

**КӮЛОБ – 2025**

МУНДАРИҶА

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**..............3
**МУҚАДДИМА**........................................................................4
**БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ МЕХАНИЗМИ ТИҶОРАТИКУНОНИИ НАВОВАРӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР**.....................................................................17
1.1. Ҷанбаҳои назариявии тадқиқи тиҷоратикунонии навоварӣ дар низоми умумии раванди навҷорисозӣ.....................................................17
1.2. Асосҳои консептуалии сохтори механизми тиҷоратикунонии навоварӣ.....................................................................33
1.3. Таҷрибаи хориҷии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ.......................51
**БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ЗАМИНАҲОИ АСОСӢ ВА ВАЗЪИ КУНУНИИ МЕХАНИЗМҲОИ ТИҶОРАТИКУНОНИИ НАВОВАРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**..............................................67
2.1. Заминаҳои асосии рушди механизмҳои тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.....................................................67
2.2. Тадқиқи омилҳои таъсиррасон ба механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.............................................85
**БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ МУКАММАЛГАРДОНИИ МЕХАНИЗМИ ТИҶОРАТИКУНОНИИ НАВОВАРИҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**..................................................103
3.1. Ташаккули муҳити мусоиди институтсионалии тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..........................................103
3.2. Инкишофи инфрасохтори тиҷоратикунонии навовариҳо.......................121
3.3. Моделсозии омилҳои инкишофи тиҷоратикунонии донишҳои нав дар муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои илмӣ...........................................136
**ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ**.................................................................154
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА**.........................................158
**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ**.........................179

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

АМИТ – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
АОНПҶТ – Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
ББМ – Бозори байналхалқии меҳнат
БДС – Барномаи давлатии сармоягузорӣ
БМР – Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон
БМТ – Базаи моддию техникӣ
БҶ – Бонки ҷаҳонӣ
ВАО – Васоити ахбори омма
ВМКБ – Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон
ДДМИТ – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
ИА – Иттиҳоди Аврупо
ИДМ – Иттиҳоди давлатҳои мустақил
ИИТ – Институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ
ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико
КАИ – Комиссияи аврупоии иқтисодиёт
КИТ – Корҳои илмию таҳқиқотӣ
КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ
ММД – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ
МММ – Маҷмуи маҳсулоти миллӣ
МТОК – Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ
МТИ – Муассисаю ташкилотҳои илмӣ
НИОКР – Научно-исследовательские и опытно-конструкторские работы
НТҶ – Ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ
ПИТ – Пешрафти илмию техникӣ
СИ – Сармояи инсонӣ
СММ – Созмони Миллали Муттаҳид
СМР– Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон дар давраи то соли 2030
СУС – Созмони умумиҷаҳонии савдо
СҲИР – Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд
ТИК – Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ
ТКИТ – Ташкилотҳои корҳои илмӣ-техникӣ
ШАМК – Шумораи аҳолии машғули кор
ШУК – Шумораи умумии кормандон
ҶМЧ – Ҷумҳурии Мардумии Чин
ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон
ҲҶТ – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Тоҷикистон ба марҳилаи нави рушду инкишофи иқтисодиву иҷтимоии худ ворид мешавад, ки он дар Стратегияи миллии рушди ҷумҳурӣ дар давраи то соли 2030 марҳилаи гузариш ба иқтисоди индустриалӣ унвон гирифтааст. Дар заминаи ин дар ин ҳуҷҷати муҳими стратегии кишвар сенарияи индустриалию инноватсионии рушд дар назар гирифта шудааст, ки он бунёди асосҳои рушди инноватсионии иқтисодиёти кишвар дар заминаи гузаронидани ислоҳот дар соҳаи маориф ва тайёр кардани мутахассисони замонавиро пешбинӣ мекунад. «Сенарияи мазкур имконият медиҳад, ки ҳангоми ташаккулдиҳии равишҳои инноватсионӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, тақвият бахшидан ба заминаи институтсионалии рушд, такмилдиҳии низоми ҳуқуқӣ ва тақвияти ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкӣ, аз ҷумла моликияти зеҳнӣ, шароит барои афзоиши ҳам сармоягузориҳои хусусию дохилӣ ва ҳам мустақими хориҷӣ муҳайё месозад. Ин ба истифодаи оқилонаи имкониятҳои нави ҳамгироӣ ва рушди инфрасохтори транзитии кишвар, диверсификатсияи иқтисоди миллӣ ва афзоиши назарраси содироти молу хизматрасониҳо оварда мерасонад. Аз рӯйи сенарияи мазкур манбаъҳои рушди иқтисодиёт ин истифодаи самараноки сармояи инсонӣ, имкониятҳои инфрасохтори нави транзитӣ ва долонҳои иқтисодӣ, рушди истеҳсолоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда, густариши содироти хизматрасониҳо ва маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда, инкишофи зироаткории органикӣ, манбаъҳои барқароршаванда ва аз ҷиҳати экологӣ тозаи нерӯ ҳамчун асоси «иқтисоди сабз», вусъатдиҳии механизми ҳамгироёнаи идоракунии захираҳои об, аз ҷумла рушди густурдаи сайёҳӣ шуда метавонанд» [123, с.18-19].

Модели нави рушди иқтисодӣ бояд дар худ хусусиятҳои иқтисоди навоваронаро таҷассум намояд. Рақобати шадид дар бозорҳои ҷаҳонӣ

тоқозо менамояд, ки истеҳсолкунандагони ватанӣ афзалиятҳои рақобатии худро дар заминаи пешниҳоди молу хизматрасонии хусусиятҳои навгонидошта тақвият бахшанд. Дар ҳоли ҳозир дар кишвар унсурҳои ибтидоии ташкили низоми миллии инноватсионӣ мушоҳида мешавад, ки заминаро ҷиҳати ба вуҷуд овардани нерӯи инноватсионии субъектҳои иқтисодӣ фароҳам меоварад. Аммо ин раванд бо як қатор мушкилиҳо ва душвориҳо алоқаманд дониста мешавад, ки яке аз муҳимтарини он ба низом даровардани асосҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии ташкили фаъолияти наоварона дар кишвар ба ҳисоб меравад.

Маълум аст, ки раванди ташкили фаъолияти навоварона як доираи хоси идоракунии марҳилаҳои марбут ба эҷоди идея, коркард, истеҳсоли озмоишӣ, истеҳсоли оммавӣ, тарғиб ва фурӯши маҳсулоти навро дар назар мегирад. Ворид шудани халал дар яке аз ин мароҳил метавонад, самараи ниҳоии фаъолияти навоваронаро зери суол барад. Дар ин миён, марҳилаи тарғиб ва фурӯши маҳсулоти нав, ки дар адабиёти иқтисодӣ чун марҳилаи тиҷоратикунонии навоварӣ шинохта шудааст, аз аҳамияти хос бархурдор мебошад, зеро натиҷаи ниҳоии фаъолияти навоварона маҳз дар ҳамин марҳила ташаккул меёбад ва заминаро барои идомаи самараноки фаъолияти навҷорисозӣ фароҳам месозад. Боиси таассуф аст, ки ин марҳилаи муҳими фаъолияти навҷорисозӣ дар ҷумҳурии мо чӣ аз нигоҳи назариявию методологӣ ва чӣ аз нигоҳи амаливу корбурдӣ ба таври кофӣ таҳқиқ нашудааст ва ба роҳ мондани тадқиқоти густардаро дар ин самт тақозо менамояд.

Дар ҳоли ҳозир бозори маҳсулоти нав дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз молҳои хориҷӣ таъмин карда мешавад. Идеяҳои нав ва сохтори молу хизматрасониҳои наве, ки аз тарафи муаллифони ватанӣ коркард мешаванд ва то марҳилаи гирифтани ҳуқуқи муаллифӣ омада мерасанд, аҳёнан ба бозор роҳ меёбанд ва ё аз тарафи истеҳсолкунандагони хориҷӣ ба худ шакли ниҳоии маҳсулотро гирифта ба бозор пешниҳод мешавад.

Ин ҳолат халали ҷиддӣ дар сислсилаи умумии фаъолияти навҷорисозӣ ба вуҷуд оварда, идомаи самараноки онро мутаваққиф менамояд. Вобаста ба ин, таҳқиқи ин мавзуъ ва дар асоси он пешниҳоди роҳу услуҳои асарбахши тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аҳамияти муҳими илмӣ бархурдор мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Асосҳои методологӣ ва назариявии омӯзиши инноватсия ҳамчун омили рушди иқтисодӣ дар асарҳои Филип Котлер, Шумпетер Йозеф, Янсен Феликс,. Бузгалин А.В., Климук В.В., Завлина П.Н., Кретов С.И., Морозова Г.А., Куликова М.В., Пороховский А.А., Хубиев К.А., Татаркин А.И., Тимофеев А.В., Уткин Э.А., Фатҳутдинов Р.А. ва дигарон таҷассум ёфтаанд. Усулҳои асосии тиҷоратикунонии навовариҳо аз ҷониби Анисимов Ю.П., Асаул А.Н., Безудная А.Г., Ведзижев А.В., Карлик А.Э., Мухин В.И. ва Мухопад В.И., Панченко А.И., Сироткина Н.В., Шкарупета Е.В. ва бисёр дигарон тадқиқ карда шудаанд.

Дар Тоҷикистон профессор Комилов С.Ҷ. ба унвони асосгузори илми инноватсия шинохта шудааст, ки тадқиқоти ӯ доираи васеи фаъолияти навҷорисозиро фаро мегирад ва масоили марбут ба тиҷратикунонии маҳсулоти нав низ шомил мешавад. Асосгузори дигари мактаби инноватсионии Тоҷикистон профессор Файзуллоев М.К. мебошад, ки мушкилоти ташаккули системаи миллии инноватсиониро таҳқиқ кардааст. Дар асарҳои Файзуллоев М.К. низ мушкилоти тиҷоратикунонии навовариҳо муфассал таҳқиқ шудаанд. Илова бар ин, олимоне ба монанди Каюмов Н.К., Султонов З.С., Амонова Д.С., Самадов Р.И., Ҷӯрабаев Ғ.Ҷ., Раҷабов Р.К., Алиева Г.Ш., Раҳмонов Ҷ.Р., Қодиров Ф.А., Юнусова М.М., Ҳодиев Д.А. паҳлуҳои мухталифи фаъолияти навоваронаро таҳқиқ кардаанд ва ба масоили марбут ба тиҷоратикунонӣ низ таваҷҷӯҳ зоҳир намудаанд.

Аммо, бо назардошти тағйирот дар муносибатҳои бозории хоҷагидории ҷаҳон, афзоиши аҳаммияти масоили марбут ба

тиҷортикунонии навовариҳо, нокифоя будани микдори тадқиқоти олимони ватанӣ дар ин самт зарурати ба таври густарда дар доираи як тадқиқоти мустақилона баррасӣ кардани мушкилот ва роҳҳои ҳалли тиҷоратикунонии навовариҳоро дар ҷумҳурӣ ба вуҷуд омадааст.

Бо назардошти ин ва ҳолатҳои дигар бо дилпурӣ метавон гуфт, ки мавзуи баррасишавандаи рисолаи илмӣ аз аҳаммияти бузурги илмию амалӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бархурдор мебошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Муқаррароти назариявию амалии кори илмӣ бо барномаҳои давлатии рушди инкишофи иқтисодиёти кишвар марбут мебошанд. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 инкишофи фаъолияти инноватсионӣ чун самти муҳимми ноил гардидан ба меъёрҳои рушди босубот муайян гардидааст. Инчунин барномаҳои рушди минтақаҳо, соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт фарогири муаммоҳои фаъолияти инноватсионӣ мебошанд.

Ҳамчунин мавзуи таҳқиқот дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ барои солҳои 2021-2025, ки дар Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ:

**Мақсади таҳқиқоти** диссертатсионии мазкур омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва методии самтҳо ва имкониятҳои такмилдиҳии механизми тиҷоратикунонии навовариҳо ва коркарди чорабиниҳои амалии инкишофи низоми идоракунии тиҷоратикунонии навоварӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Дар амал татбиқ намудани ҳадафи гузошташуда, зарурати ҳалли вазоифи зеринро ба миён меорад:

– таҳқиқи хусусиятҳо, моҳият ва зинаҳои асосии навоварӣ дар шароити муосири фаъолияти иқтисодӣ;

– омӯзиши асосҳои консептуалии сохтори механизми тиҷоратикунонии навоварӣ ва ҷамъбандии таҷрибаи хориҷии ташкили механизми самараноки идоракунии он;

– таҳлили заминаҳои асосӣ ва вазъи кунунии механизмҳои тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– баррасии арзёбии самаранокии дастгирии давлатии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– коркарди дастурҳои методӣ ва тавсияҳои амалӣ барои мукаммалгардонии механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– моделсозии омилҳои инкишофи тиҷоратикунонии донишҳои нав дар муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои илмӣ.

**Объекти тадқиқоти илмӣ** – механизми ташкилии таъмини инкишофи низоми идоракунии тиҷоратикунонии навовариҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқотро** маҷмуи муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоие ташкил мекунанд, ки дар ҷараёни такмилдиҳии низоми идоракунии тиҷоратикунонии навовариҳо ба миён меоянд.

**Фарзияи таҳқиқотро** андешаҳои муаллиф оид ба афзалияти таваҷҷуҳ ба такмили механизми ташкилии таъмини инкишофи низоми идоракунии тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ҳадафҳои расидан ба меъёрҳо ва талаботи иқтисодиёти навоварона ташкил медиҳад. Пешбинӣ мешавад, ки яке аз роҳҳои афзалиятноки расидан ба иқтисодиёти инноватсионӣ ин таъмини инкишофи низоми идоракунии тиҷоратикунонии навовариҳо дар кишвар мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот**. Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар солҳои 2017-2025 ба анҷом расонида шудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот** ба муқарраротҳои назариявӣ доир ба иқтисодиёти минтақа ва кишвар, иқтисодиёти соҳаҳо, алалхусус, бахши техналогия ва навоварӣ бахшида шудааст. Пояи назариявии диссертатсияро корҳои илмии поягузорони илми иқтисодӣ, таҳқиқотҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи устувори рушди субъектони иқтисодӣ ташкил кардааст. Ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои мушаххас доир ба механизми тиҷоратикунонии навовариҳо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузориҳо, ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва вилоят, дар маҷмуъ истифода шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқоти** диссертатсиониро равиши системавӣ, равишҳои муосири диалектикӣ-материалистӣ, асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ роҷеъ ба такмил ва ташаккули фаъолияти навҷорисозӣ, истифодаи оқилонаи усулҳои тиҷоратикунонии навоварӣ, пояҳои меъёрию ҳуқуқии он фаъолияти навҷорисозӣ, ҳисоботи илмӣ ва нашрияҳо дар бораи фаъолияти навҷорисозӣ, тиҷоратикунонии навоварӣ ташкил медиҳанд. Эътимоднокии хулосаҳои назариявии муаллиф тавассути истифодаи усулҳои умумии илмии равиши системавӣ, дедуксия ва индуксия, аналогия, ягонагии таҳлили таърихию мантиқӣ, оморӣ таъмин карда мешавад. Илова бар ин, усулҳои таҳлили абстрактӣ-мантиқӣ, муқоисавӣ, регрессионӣ, инчунин усулҳои моделсозии иқтисодӣ ва математикӣ барои асоснок намудани механизми идоракунии тиҷоратикунонии навовариҳо истифода мешаванд.

**Усулҳои таҳқиқот**. Ҷиҳати ҳаллу фасли вазифаҳои таҳқиқотии рисолаи мазкур усулҳои зерин истифода бурда шудаанд: усули монографӣ, таҳлил ва синтез, таҳлили оморӣ, усули математикию иқтисодӣ, усули таҳлилию қиёсӣ, усули таҷрибавию озмоишӣ ва ғ.

Истифодаи усулҳои зикршуда самаранокӣ ва асоснокии натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмиро таъмин намуданд.

**Сарчашмаи маълумот.** Дар кори мазкур ба сифати муҳимтарин заминаҳои иттилоотӣ санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паём ва баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати илм ва маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳи тадқиқотҳои илмии ИИТ, ҳисоботи солонаи корхонаҳои ватанӣ истифода шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таҳия гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навоварии рисолаи диссертатсионӣ дар асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ ва методии самтҳо ва имкониятҳои такмилдиҳии механизми тиҷоратикунонии навовариҳо ва коркарди чорабиниҳои амалии инкишофи низоми идоракунии тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтааст. Унсурҳои нисбатан назарраси навоварии кори диссертатсиониро муқаррароти зерин ташкил медиҳанд:

– хусусиятҳо, моҳият ва зинаҳои асосии навоварӣ дар шароити муосири хоҷагидорӣ мушаххас карда шуда, зинаи тиҷоратикунонии он ба унвони зинаи муҳимтарин, ки самаранокии натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти навҷорисозиро муайян менамояд, маънидод шудааст. Дар ин замина, нигоҳи шахсии муаллиф нисбат ба навоварӣ ё худ инноватсия пешниҳод шудааст, ки он чун фаъолияти ба коркарду истеҳсоли молу хизматрасониҳои нав, ки қобили фурӯш ва ба вуҷуд овардани арзиши иловашуда мебошад, таърифу васф мешавад.

– сохтори консептуалии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ бо таваҷҷуҳ ба ташаккулёбии маҷмуи роҳу усулҳои таҳвили донишҳои илмӣ-техникӣ дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ ва пешниҳоди хизматҳо,

тавассути механизмҳои ҷузъии баҳамалоқаманд ва баҳамтаъсиррасоне, ки ҳар як механизм функсияи муайянеро иҷро намуда ҳамчун як ҷузъи том ба самаранокии тиҷоратикунонии навоварӣ таъсири худро мерасонад, пешниҳод гардидааст. Таърифи мазкур бо таваҷҷуҳ ба омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар заминаи ташаккулдиҳии механизмҳои самараноки тиҷоратикунонии навовариҳо асоснок гардидааст;

– заминаҳои асосӣ ва вазъи кунунии механизмҳои тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, омилҳои боздорандаи он дастабандӣ гардидаанд, ки дар байни онҳо омилҳои институтсионалӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маркетингӣ ва технологӣ мавқеи муҳим доранд. Бо таваҷҷуҳ ба ин зиддияти омилҳои баррасишаванда дар заминаи таҳлили «сабаб-натиҷа» ошкор гардонида шуда, стратегияи умумии такмили механизми тиҷоратикунонии навовариҳо бо таваҷҷуҳ ба натоиҷи SWOT-таҳлил коркар шудааст;

– самаранокии дастгирии давлатии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи танқидӣ баҳогузорӣ карда шудааст, ки имкон дод сатҳи нокифояи ҳавасмандиҳои андозӣ, гумрукӣ ва буҷавии фаъолияти тиҷоратикунонии навовариҳоро ошкор карда шуда, ҷиҳати рафъи мушкилоти мавҷуда чораҳои муассир пешниҳод гардад;

– дастурҳои методӣ ва тавсияҳои амалӣ барои мукаммалгардонии механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард ва пешниҳод гардидаанд, ки алоқамандӣ ва таносуби ҳаҷм ва шаклҳои дастгирии давлатиро бо потенсиали инкишофи фаъолияти навоваронаи корхонаҳои истеҳсолӣ муайян менамояд. Дар заминаи он принсипҳо ва нишондиҳандаҳои баҳодиҳии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ пешниҳод гардидаанд;

– модели иқтисодию риёзии омилҳои инкишофи тиҷоратикунонии донишҳои нав дар муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои илмӣ кор карда

баромада шудааст, ки дар асоси санҷиши зарибҳои тағйирёбандаҳои вобастаи – «марҳилаҳои асосии тиҷоратикунонии дониш», «омилҳои асосии таъсирбахши тиҷоратикунонии дониш», «омилҳои ташкилии тиҷоратикунонии дониш» ва «нишондиҳандаҳои тиҷоратикунонии дониш» тағйирёбии нишондиҳандаи мустақил – «тиҷоратикунонии дониш» – ро пешгӯӣ менамояд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя натиҷаҳои зерини илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд:

- таърифи нисбатан мукаммалшудаи мафҳуми навоварӣ, ки дар силсилаи давраи ҳаётии фаъолияти навҷорисозӣ марҳилаи тиҷоратикунониро ба унвони марҳилаи калидӣ ва муайянкунандаи самаранокии ҷараёни мазкур тафсир менамояд;

- механизми тиҷоратикунонии навоварӣ, ки нуктаи вурудиаш аз механизми дохилӣ ва хориҷии таъмини сатҳи баланди алоқамандии равишҳои муосири фаъолияти навҷорисозӣ ва нуктаи хуруҷиаш ба гузариши ботадриҷ ба иқтисодиёти навоварона бо таваҷҷуҳ ба саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ нигаронида шудааст;

- систематизатсияи принсипҳои асосии таъмини самаранокии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ, ки принсипи густариши ҳамгироии илм, истеҳсолот ва фаъолияти маркетингиро омили муҳимтарини рушди фаъолияти тиҷоратикунонии навовариҳо таъриф менамояд;

- нақшаи сохтории муҳити институтсионалии инкишофи тиҷоратикунонии навовариҳо, ки нақши институтҳои алоҳидаро дар раванди ташаккул ва инкишофи фарҳанги тиҷоратикунонии навовариҳо бо таваҷҷуҳ ба таъмини инфрасохтории фаъолияти навҷорисозӣ нишон медиҳад;

- модели иқтисодӣ-риёзии рутбабандии омилҳои инкишофи тиҷоратикунонии донишҳои нав дар муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои

илмӣ.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти** диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанад, ҷанбаҳои назариявии татбиқи принсипҳои асосии такмилдиҳии механизми тиҷоратикунонии навовариҳоро тақвият бахшад ва заминаи инкишофи методии идоракунии низоми тиҷоратикунонии навовариҳоро дар сатҳҳои мухталифи идоракунӣ, фароҳам оварад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқоти** диссертатсионӣ ин тавсияҳои илмию амалӣ, ки дар асоси натиҷаҳои таҳқиқи рисола ба даст омадаанд, ба такмилдиҳии механизми тиҷоратикунонии навовариҳоро, коркарди тавсияҳо ва дастурамалҳои муассир ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти навоваронаи корхонаҳои ватанӣ равона гардидаанд. Муқаррароти алоҳидаи рисолаи диссератсиониро метавон дар ҷараёни тадриси фанҳои «Иқтисоди навоварӣ», «Менеҷменти инноватсионӣ», курси махсуси «Тиҷоратикунонии навовариҳо» ва ғ. истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** озмоишҳо, маълумоти боварибахш, хаҷми кифояи маводи таҳқиқ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва маводи чопшуда тасдиқ менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо бар таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот асос ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Диссертатсия мувофиқ ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси КОА-и назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ иҷро гардидааст:

1.1. Рушди муқаррароти назариявӣ ва методологии фаъолияти инноватсионӣ; такмилдиҳии шаклҳо ва усулҳои тадқиқи равандҳои инноватсионӣ, рақамикунонӣ дар низомҳои иқтисодӣ;

1.6. Коркарди усулҳо ва механизмҳои ҳамгироии илми мактабҳои олӣ бо низоми миллии инноватсионӣ ва раванди ҷаҳонии инноватсионӣ. Рушди

усулҳо ва шаклҳои тиҷоратикунонии инноватсияҳои мактабҳои олӣ дар корхонаҳои хурди инноватсионӣ;

1.8. Тадқиқи силсилаи ҳаётии инноватсияҳо: андозаҳои силсила, абзор ва технологияҳои идоракунии андозаҳои силсилаи ҳаётӣ, рушди мутавозини силсилаҳои инноватсионӣ ва маблағгузорӣ дар низомҳои иқтисодӣ;

1.14. Рушди назария ва методологияи ташаккулёбӣ, идоракунӣ ва баҳодиҳии самаранокии амалкарди бозори инноватсияҳо. Усулҳо ва технологияҳои бароварда шудани маҳсулоти инноватсионӣ ба бозор, такмилдиҳии стратегияҳои тиҷоратикунонии инноватсияҳо;

1.27. Сохтор, мушаххасгардонӣ ва идораи хатарҳои фаъолияти инноватсионӣ дар марҳилаҳои гуногуни силсилаи ҳаётии инноватсияҳо.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ мустақиман аз ҷониби муаллиф сурат гирифтааст. Муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда шахсан аз ҷониби муаллиф таҳия гаштааст. Мафҳуму моҳияти такмилдиҳии механизми тиҷоратикунонии навовариҳо, роҳҳои дар шароити Тоҷикистон татбиқ намудани он низ аз ҷониби муаллиф мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Мӯҳтавои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза ва мақолаҳо дар конференсияҳову семинарҳои илмӣ ва илмию амалии аҳаммияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявидошта дар шаҳрҳои Душанбе ва Кӯлоб (Ҷумҳурии Тоҷикистон), Нур-Султан (Қазоқистон), Воронеж (Федератсияи Россия) дар давраи солҳои 2017-2025 пешниҳод ва баррасӣ шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Натиҷаҳои илмиву амалии рисолаи мазкур дар 17 мақолаи илмӣ, ки аз он 7 номгӯй дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда, нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисолаи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодот, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Матни асосӣ дар 182 саҳифаи чопии компютерӣ навишта шуда, фарогири 25 ҷадвал ва 16 расм мебошад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (БОБҲОИ ДИССЕРТАТСИЯ)

Дар **муқаддима** оид ба аҳаммият ва мубрамияти мавзуи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуҳои илмӣ ба таври возеҳ ва равшан шарҳ дода шудааст, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, усулу фарзияҳои таҳқиқот муайян гардидаанд, навгониҳои илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тавсиф шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия – “**Ҷанбаҳои назариявӣ-методологии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дар шароити муосир**” асосҳои назариявии тадқиқи тиҷоратикунонии навовариҳо дар низоми умумии раванди навҷорисозӣ таҳқиқ шудааст, сохтори механизми тиҷоратикунонии навоварӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, таҷрибаи хориҷии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ баррасӣ гардидааст.

Дар боби дуюм – “**Таҳлили заминаҳои асосӣ ва вазъи кунунии механизмҳои тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**” заминаҳои асосии рушди механизмҳои тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқ шудааст, омилҳои таъсиррасон ба механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст.

Дар боби сеюм – “**Самтҳои асосии мукаммалгардонии механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**” ташаккули муҳити мусоиди институтсионалии тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, инкишофи инфрасохтори

тиҷоратикунонии навовариҳо тавсиф шудааст ва омилҳои инкишофи тиҷоратикунонии донишҳои нав дар муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои илмӣ таҳлил карда шудааст.

**Дар хулосаи диссертатсия** пешниҳоду тавсияҳои муаллиф ҷиҳати дар амал ҷорӣ ва татбиқ намудани роҳу усулҳои мукаммалгардонии механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд.

# БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ МЕХАНИЗМИ ТИҶОРАТИКУНОНИИ НАВОВАРӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

## §1.1.Ҷанбаҳои назариявии тадқиқи тиҷоратикунонии навоварӣ дар низоми умумии раванди навҷорисозӣ

Рушди босуботи иқтисодиёт дар шароити муосир бо фаъолияти навоварӣ ва пешниҳоди маҳсулоти нав дар бозорҳои ватанӣ ва хориҷӣ ба таври мустақим алоқаманд мебошад. Кишварҳои пешрафтаи дунё ба таври возеҳ нишон доданд, ки омили муҳимтарини рақобатпазирӣ ва таъмини устувории рушди иқтисодиёти миллӣ аз самарнокии механизми идоракунии навовариҳо вобаста мебошад. Нуктаи муҳим ин аст, ки унсури асосии механизми идоркунии навовариҳо дар шароити кунунӣ ин зерсохтории тиҷоратикунонии навовариҳо ба шумор меравад.

Навҷӯиву навоварӣ, ғояву андешаҳои созанда инчунин кашфиёту ихтироот, ки далолаткунандаи паҳлуҳои гуногуни мафҳуми инноватсия мебошанд, дар маҷмуъ илме аз илмҳои иқтисодӣ маҳсуб меёбанд, ки ба афкори навоварӣ асос ёфтаанд. Натиҷаи мантиқии ин фаъолият ҳамоно тиҷоратикунонии он ба ҳисоб меравад. Чуноне ки Комиссияи аврупоии иқтисодиёт (КАИ) қайд менамояд, дар даҳсолаи охир навоварӣ ҳамчун омили калидии рушди иқтисодиёт, предмети тадқиқоти иқтисодӣ гардидааст. Натиҷаҳои тадқиқоти навоварӣ ҳамеша алоқамандиҳои байни навоварии дар ҷавҳари тадқиқоти илмӣ мавҷудбуда ва фаъолияти соҳибкориеро, ки ба тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ нигаронида шудааст, таъкид менамояд [163, с.123]. Яъне дар фаъолияти навҷорисозӣ мо бояд ба натиҷа бештар аҳаммият диҳем, маҳсулоти нав таҳияшударо дар бозор ба фурӯш барорем ва силсилаи (давраи, чархаи) фаъолияти навовариро идома диҳем.

Барои комёб шудан ба дастовардҳои муайяни илмӣ ва рушди илмҳое, ки метавонанд омили ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии ҳукумати кишвар - таъмини истиқлолияти энергетикӣ, пурра аз бунбасти

коммуникатсионӣ баровардани мамлакат ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ бошанд, дар низоми илмӣ воридшавии раванди инноватсия, робитаи илм бо истеҳсолот ва ҷалби бештари аҳли ҷомеа ба фаъолияти навоварӣ талаби замони муосир аст [24, с.136].

Дар шароити муосири хоҷагидорӣ оид ба маънидод намудани мафҳуми инноватсия ҳамчун «навоварӣ», «навҷорисозӣ» ва «навгонӣ» ақидаҳои зиёде мавҷуданд.

«Навоварӣ» ва «навҷорисозӣ» мафҳумҳои ҳаммаъно вале гуногунҷабҳа буда, инро метавон дар луғати муродифҳо ва ё дар луғати муосири иқтисодии таълифнамудаи Б.А. Рейзберг дарёбем. Дар луғатномаҳои машҳур мафҳуми навоварӣ, ҳамчун «технология, техникаи муосир» [118, с.69], «ташкили оқилонаи меҳнат ва раванди идоракунӣ» [115, с.54], «навоварие, ки дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ то ин дам паҳн нагардидааст» [115, с.164], «ихтирое, ки барои истифоданамудан оғоз гардидааст» [116], «натиҷаи ниҳоии фаъолияти навоарона» [115, с.35], «таҷдиди ҳамаҷонибаи фаъолияти ташкилотҳо» [129, с.40], «тадқиқот ва коркарди навоварона», «коркарди мол ва ё хизматрасонии нав» [116, с.162] тавсиф мешавад.

Дар адабиёти илмӣ тадқиқоти зиёде мавҷуданд, ки мафҳуми навовариро мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор додаанд. Чунончӣ олими рус А.Н. Ружейников дар тадқиқоти худ гурӯҳбандии мафҳуми навовариро дар асоси панҷ муносибат: объектӣ, равандӣ, таҷрибавӣ, молиявӣ-сармоягузорӣ ва субъектӣ нишон додааст [109, с.40]. Олимон А.Ф Уваров ва Ю.М. Осипов ин мафҳумро аз рӯйи чор ҷабҳа, яъне давраи ҳаётии моли аниқ; қонунгузории патентӣ; иқтисодиёти бозорӣ; серсоҳагии омӯзиш, илм ва навоварии объекти иқтисодӣ маънидод менамояд [135, с.84]. Дар асоси таҳлили гузаронидаи хеш Е.С. Зенова мафҳуми навовариро аз рӯйи чаҳор нуқтаи назар таъриф додааст: шабоҳат доштан ба навгонӣ, навоварии ҷоригардида, раванди

офариниш, раванди амалигардонӣ [15, с.95]. В. Н. Маковеев ин мафҳумро ба се гурӯҳ ҷудо менамояд: раванди офаридан, раванди амалӣ гардонидан ва навҷорисозӣ [44, с.314].

Ҳамчунин тадқиқоти ба ин монанди олимони ватанӣ низ мавҷуданд, ки мафҳуми навовариро вобаста ба самти тадқиқот ҳаргуна шарҳ додаанд.

С.Ҷ. Комилов навовариро ҳамчун "раванди тиҷоратикунонии донишҳо дар асоси технологияҳои иттилоотӣ, ки барои корхонаҳо манфиатҳои мушаххас фароҳам меорад, баррасӣ мекунад. Маърифати илмӣ, идеяҳои техникӣ ва пешрафтҳои нави технологӣ унсурҳои ҷудонашавандаи ташкили раванди истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ тавсиф мешаванд» [24, с.16]. Дар таърифи мазкур таваҷҷуҳи хос ба «раванди тиҷоратикунонӣ» дода шуда аст, ки гувоҳӣ бечунучарои аҳаммияти бузурги ин раванд дар фаъолияти навҷорисозӣ мебошад. Яъне ба ақидаи ин олими бузурги тоҷик нововарӣ бе фаъолияти тиҷоратикунонии он як раванди комил ва ба анҷомрасидашуда буда наметавонад.

Дар ҷойи дигар С.Ҷ. Комилов ва М.К. Файзуллоев қайд менамоянд, ки «Навоварӣ натиҷаи фаъолияти эҷодкорист, ки барои ба даст овардани самараи иҷтимоию иқтисодӣ дар ҷараёни эҷод, истеҳсол ва паҳнкунии маҳсулоти комилан рақобатпазир, технология ва усулҳои нави ташкили меҳнат, истеҳсол ва идоракунӣ нигаронида шудаанд» [30, с.118]. Дар таърифи мазкур низ таваҷҷуҳи хос ба «истеҳсол ва паҳнкунии маҳсулоти комилан рақобатпазир» ҷудо шудааст, ки бегумон аҳаммияти тиҷоратикуниро дар раванди фаъолияти навҷорисозӣ гушзад менамояд. Яъне ин ду олимони барҷастаи соҳаи навоварӣ ва навҷорисозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тиҷоратикуниро ҷузъи ҷудонопазири фаъолияти навоварӣ медонанд.

Т.Д. Низомова ва А.Ф. Каҷкуллоев чунин мепиндоранд, ки

«навоварӣ – ин равандест, ки ҳамчун шакли нави истифодабарии воситаҳо ё илова намудани хусусиятҳои нави истеъмолӣ дар соҳаи техника, технология, кор, хизматрасонӣ ё идоракунӣ буда, ба истифодаи комёбиҳои илм ва технологияи пешқадаме асос ёфтааст, ки самаранокии баланди истеҳсолӣ ва ҷамъиятӣ дорад» [67, с.36]. Мо ба ақидаи олимони мазкур розӣ ҳастем, аммо зарур медонем, ки дар таърифи мазкур бояд ба унсури муҳимми он, яъне «тиҷоратикунонӣ» низ бояд аҳаммият дода мешуд.

М.М. Юнусова дар мақолаи хеш қайд менамояд, ки «ба кадом қисмати иқтисодиёт мо диққатамонро нанигаронем, мақсаднок аст, ба фарқияти ду намуди навоварӣ сарфаҳм равем. Баъзе навовариҳо аз лабораторияҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавии фирмаҳои худӣ соҳаҳои иқтисодӣ бармеоянд. Дигар навовариҳо бошанд шакли таҷҳизот, қисмҳои алоҳидаи маводҳое, ки фирмаҳои мол супоранда пешниҳод менамоянд» [163, с.125]. Яъне М.М. Юнусова ба ақидаи олими рус А.Н. Ружейников такя намуда, чунин мепиндорад, ки навоварӣ дар ду шакл - таҷрибавӣ (лабараторӣ) ва объектӣ (дигаргунсозии хусусиятҳои мол) инъикос меёбанд.

Боиси қайд аст, ки навоварӣ ҳамчун раванди татбиқи он дар амалия (давраи ҳаётӣ) хусусиятҳои ба худ хос дошта зинаҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Пайдоиши навоварӣ – дарки талабот ва имконияти дигаргуннамоӣ, ҷустуҷӯ ва коркарди навоварӣ;

2. Аз худ намудани навоварӣ – табдил додан ба объект, таҷриба, бавуҷудовардани дигаргуниҳои истеҳсолӣ;

3. Диффузияи навоварӣ – паҳн намудан, зиёд намудани бисёркарата дар дигар объектҳо. Паҳн намудани навоварӣ – ин раванди иттилоотиест, ки шакл ва суръати он аз воситаҳои коммуникатсионӣ, хусусияти қабули иттилоот аз ҷониби субъектони хоҷагидорӣ ва

қобилияти истифодаи онҳо дар амалия иборат мебошад. Ба таври мукаммал диффузияи навоварӣ гуфта, ин раванди ба таври кумулятивӣ зиёд намудани шумораи тақлидгарон/тарафдорон, татбиққунандагони навовариро меноманд, ки навовариро дар муҳитҳои фарҳангии мухталиф паҳн мекунанд;

4. Кухнашавии навоварӣ – дар элементҳои доимамалкунандаи объектҳои мавҷуда татбиқ карда мешавад.

Ҳамаи ин давраҳо моҳиятан ҷараёни навовариро нишон медиҳанд. Ҷараёни навоварӣ – ин раванди мубаддалшавии донишҳои илмӣ (ақида) ба навоварӣ (маҳсули ниҳоӣ) ва паҳншавии минбаъдаи он дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ (диффузия) мебошад. Ин ҷараён ду зинаи ҳатмиро доро мебошад:

Зинаи 1. Ҷараёни офаридани моли нав (намуна, тимсол), ки барои истеҳсолоти минбаъда пешбинӣ шудааст (азхудкунӣ);

Зинаи 2. Ҷараёни ба кор андохтан, истеҳсол ва амалигардони (паҳннамоӣ, диффузия)-и навоварӣ.

Вобаста ба амалигардонии навоварӣ се шакли ҷараёни навовариро аз ҳамдигар фарқ менамоянд:

- одии дохилиташкилотӣ (табиӣ);
- одии байниташкилотӣ (молӣ);
- васеъ.

Навоварии оддӣ – ин навовариест, ки дохили як ташкилот истифода гардида, дар ин ҳолат шакли молиро надорад.

Навоварии оддии байниташкилотӣ дар ҷараёни навоварӣ ҳамчун предмети хариду фурӯш баромад менамояд. Дар чунин шакли навоварӣ, функсияи офаранда ва истеҳсолкунандаи навоварӣ аз истеъмокунанаи он ҷудо мебошад. Масалан, ташкилот-истеҳсолгар иҷозатномаи истеҳсоли навовариро аз институти илмӣ-тадқиқотӣ харидорӣ намудааст.

Ҷараёни навоварии васеъ яъне диффузия ҳамон лаҳза ба миён меояд, ки истеҳсолгарони нав бо маҳсулот ва хизматрасониҳои худ ба миён омада монополияи истеҳсолкунандаи асосиро тавассути рақобати байниҳамдигарӣ (рақобати носолим) барҳам медиҳанд.

Ҳамин тариқ, аз таҳлили назариявии ҷараёни навоварӣ бармеояд, ки ин раванди эҷоди афзалиятҳои рақобатии мол (хизмат)-и нав, механизми ташкилӣ-техникии нав, қарори хусусияти иқтисодӣ-иҷтимоӣ доштаи нав, мебошад, ки барои татбиқи минбаъдаи он дар истеҳсолот ба тиҷоратикунонӣ ниёз дорад.

Воқеан, навоварӣ ин як меҳнати зеҳнии инсон буда, он дар шакли фикру ақидаҳои нав доир ба истеҳсоли маҳсулот, ҷорӣ намудани дастовардҳои беҳтари илму техника ва татбиқи амалии онҳо дар истеҳсолоти муосир равона шудааст ва бешак танҳо дар асоси тиҷоратикунонӣ маънои мантиқӣ пайдо мекунад.

Вобаста ба мафҳумҳои дар боло овардашудаи навоварӣ ва ҷараёни навоварӣ рӯй меоварем ба мафҳуми тиҷоратикунонии навоварӣ. Тиҷоратикунонии навоварӣ дар пайвастагии ихтироъкор ва фармоишгар дар зинаи истеҳсолот ва муайян намудани ҳаҷми истеҳсолот ба миён меояд.

Навоварӣ ҳамон вақт эътироф ва шинохта мешавад, ки донишҳои назариявӣ дар фаъолияти одамон фаъолона истифода бурда шавад.

Ҳанӯз се қарн пеш дар асри XVIII санъатшиноси франсуз Ҷан Кондорсе диққат ба алоқамандии илм ва саноат дода, қайд мекунад, ки инкишофи илм инкишофи саноатро таъмин месозад. Дар навбати худ инкишофи саноат инкишофи илмро фаъол мегардонад ва чунин алоқамандиро аз ҷумлаи қонуниятҳои инкишофи башарӣ ҳисобидан мумкин аст. Вай инчунин имкони умумӣ будани илмро барои омма қайд карда мегӯяд, ки ҳар як насли одамон маҷмуи донишҳои навро ба вуҷуд меоваранд, ки мумкин аст дар як муддати вақт аз тарафи як қувваи фикрронӣ ба даст биёяд [32, с.280]. Ҷан Кондорсе вобаста ба мавқеи

иҷтимоӣ ва таърихии худ дар робита ба тиҷоратикунонии илм суҳбат карда наметавонист, аммо ҳамин, ки афзоиши илм дар замонаҳои муайянро таъкид мекунанд нишон медиҳад, ки идомаи мантиқии ҷараёни навовариро шарти зарурии инкишоф медонад.

Яке аз аввалинҳо шуда тадқиқоти навовариро дар инкишофи иқтисодӣ Н. Кондратьев [33, с.526] сар кардааст. Ба ақидаи ӯ навоварӣ омили муҳимтарини такрористеҳсоли иқтисодиёти ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Ба таваҷҷуҳ ба ин метавон гуфт, ки Н. Кондратев ҳам қоил ба аҳаммияти тиҷроратикунонӣ аст, зеро такрористеҳсол дар шароити бозор бидуни тиҷроратикунонии молҳои истеҳсолшуда ғайриимкон аст.

Ақидаҳои ӯро олими австриягӣ, иқтисодчӣ Йозеф Шумпетер давом дод. Йозеф Шумпетер асосгузор ё худ поягузори назарияи ҷараёнҳои навоварӣ (инноватсия) ба ҳисоб меравад.

Мазмуни инкишофи ҷараёни навовариро Йозеф Шумпетер дар умум ҳамчун мафҳуми «амалигардонии комбинатсияҳои нав» - номидааст. Комбинатсияҳои нав гуфта, истифодаи захираҳои воситаҳои истеҳсолот дар хоҷагии халқро меноманд. Бинобар ин, Шумпетер мақоми калони соҳибкориро дар ҷараёни навоварӣ ҷудо мекунад. Мувофиқи ақидаи вай, соҳибкор шахси татбиққунандаи тадқиқотҳо ва ҷорӣ намудани навоварӣ мебошанд [160, с.213]. Яъне Й. Шумпетер бевосита тиҷоратикунониро шарти асосии ҷараёни навоварӣ медонад. Ба ақидаи ӯ, навоварӣ ҳамон вақт ба натиҷаи мантиқии худ ноил мегардад, ки агар он дар асоси ташаббуси соҳибкор ба бозор ба фурӯш расонида шавад.

Олими дигаре, ки дар масоили навоварӣ таҳқиқот бурдааст, Герхард Менш мебошад. Ӯ се гурӯҳи калони навовариро ҷудо мекунад.1. Зербиноӣ; 2. Беҳтаркунанда; 3. Навоварии тақаллубӣ. Боз ҳар яке аз ин навовариҳо ба гурӯҳҳои дигар тақсим мешаванд. Хулосаи муҳимми ин гурӯҳбандӣ он аст, ки ҳам дар гурӯҳи зербиноӣ, ҳам дар

беҳтаркунанда ва ҳам дар тақаллубӣ нақши тиҷоратикунонӣ махсус қайд мешавад [8].

Мақоми калонро дар назарияи ҷараёни навоварӣ консепсияе мебозад, ки асоси тадқиқоти системаи технологӣ ва диффузияи навоварӣ шинохта шудааст. Ин консепсия, аз тарафи як қатор олимон ба монанди К.Фримэн, Ҷ. Кларк ва И. Суите инкишофу такмил дода шудаанд. Онҳо мафҳуми системаи технологиро ҳамчун як системаи томи техникӣ ва иҷтимоии навоварӣ номиданд. Мувофиқи ақидаи ин олимони иқтисодшинос суръати инкишофи иқтисодӣ аз инкишоф ва куҳнашавии равандҳои технологӣ вобаста мебошад. Яъне вақте раванди тиҷоратикунонӣ ба нуқтаи заволи худ мерасад, куҳнашавии равандҳои технологӣ ба вуҷуд меояд. Пас, ҳар қадар раванди тиҷоратикунонии навоварӣ муддати дарозтар идома ёбад, равандҳои технологӣ низ тӯлонитар мешавад.

Паҳн кардани навоварӣ ҳамчун механизми инкишофи системаи технологӣ ва суръати паҳнкунии он аз механизми бозор, мавҷуд будани шароит ва ҳавасмандӣ вобастагӣ дорад.

Бо ақидаи К. Фримэн ва ҳаммаслакони ӯ, қувваи такондиҳандаи инкишофи иқтисодӣ, ин пайдоиши навоварии зербиноӣ дар як соҳаи алоҳида мебошад. Куҳнашавии системаи технологӣ дар як давлат ва пайдоиши технологияи нав дар дигар давлатҳо ба нобаробарии инкишофи байнидавлатӣ оварда мерасонад. Инкишофи иқтисодиро ҳамчун натиҷаи пайдоиши соҳаҳои нав меҳисобанд.

Мақоми хоссаро дар ташаккули назарияи стратегияи рақобат олими америкоӣ М. Портер гузоштааст. М. Портер нишон медиҳад, ки ташкилот метавонад бартарии рақобатӣ дошта бошад, ба шарте, ки истеҳсолоташро бо хароҷоти кам дар асоси дифференсиатсияи сифати маҳсулот ба роҳ монад. Тадқиқоти вай оид ба параметрҳои стратегияи глобалии ширкатҳо, нишондиҳандаҳои бартарияти рақобатии мамлакатҳо, давраҳои инкишофи рақобатҳо мақоми хосро дар навоварӣ

доранд. Бо ақидаи М. Портер чор давраи рақобатнокии иқтисоди миллӣ ҷудо карда мешаванд:

- омилҳои истеҳсолот;
- сармоягузорӣ;
- навоварӣ;
- бойшавӣ.

Чуноне ки таҳлили ақидаҳои олимони соҳаи навоварӣ дар адабиётҳои иқтисодӣ ва мақолаҳо нишон дод, мафҳуми "навоварӣ" солҳои охир хеле зиёд истифода гардидааст. Хулосаи таърифҳои олимонро оид ба навоварӣ агар мурур намоем, чунин ба назар мерасад, ки навоварӣ – ин раванди татбиқи амалии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ мебошад. Дар навбати худ навоварии технологӣ низ корбурди густардае дорад. Навоварии технологӣ – ҷорӣ намудани дастовардҳои технологӣ дар маҳсулот мебошад [10, с.102]. Аз таърифҳои боло бармеояд, ки байни навоварӣ ва навоварии технологӣ робитаи сабаб ва натиҷа вуҷуд дорад, яъне навоварӣ дар натиҷаи навоварии технологӣ ба вуҷуд меояд. Навоварии технологӣ бошад, худ дар асари навоварӣ ба вуҷуд омадааст. Дар ин ҷо, нақши механизми тиҷоратикунонии навоварӣ ба таври барҷаста намудор мешавад. Зеро робитаи сабаб ва натиҷаи ду мафҳуми зикршуда тавассути механизми тиҷоратикунонии навоварӣ ба амал меояд.

Таҳлили моҳияти навоварӣ ва усулҳои гуногуни омӯзиши он имкон медиҳад, ки гурӯҳҳои зерини онро муайян намоем (ҷадвали 1.1.1.) [24, 162, 13].

Таҳлили мафоҳими дар ҷадвал овардашуда ҳам гувоҳи он аст, ки байни ҳама гурӯҳҳои навоварӣ робитаи сабаб ва натиҷа мавҷуд мебошад. Мувофиқан дар ҳар ҳолати баррасишаванда мавқеъ ва нақши тиҷоратикунонии навоварӣ барҷаста ба назар мерасад.

**Ҷадвали 1.1.1. - Гурӯҳҳои асосии навоварӣ**

| АЛОМАТ, ГУРӮҲБАНДӢ | ТАВСИФ |
|---|---|
| Соҳаи таклифот | Илмию техникӣ, ташкилию иқтисодӣ ва иҷтимоию моддӣ |
| Қонеъгардонии талабот | Ташкили талаботи нав ва инкишофи талаботи мавҷуда |
| Предмети таклифот | Маҳсулоти навоварӣ, ҷараёни навоварӣ, хизмати навоварӣ, бозори навоварӣ |
| Сатҳи истифодабарӣ | Базисӣ, системавӣ, афзоянда, навоварии тақаллубӣ |
| Дараҷаи тағйирот | Тағйироти микдорӣ, тағйироти одатҳо, шаклҳои нав, зоти нав ва ғайра |
| Сабаби пайдоиш | Стратегияи хос, бо роҳи табиӣ |
| Хислати таъсир | Инқилобӣ, тадриҷӣ |
| Мавҷи паҳншавӣ | Дар як соҳа истифодабаранда ва дар якчанд соҳа истифодабаранда |
| Мақом дар истеҳсолот | Асосӣ ва иловагӣ |
| Алоқа бо донишҳои назариявӣ | Шинохташаванда, номафҳум |

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Бояд гуфт, ки худи мафҳуми тиҷоратикунонии навоварӣ дар адабиёти иқтисодӣ ба таври мухталиф ва гуногунпаҳлу таъриф мешавад. Масалан, аз нигоҳи муҳаққиқи рус В.И. Мухопада тиҷоратикунонии навоварӣ – ин раванди тағйир додани объекти навоварӣ ба фоида (даромад) тавассути истифодабарии механизмҳои тиҷоратӣ мебошад [61, с.52]. Е.А. Монастирний ва Я.Н. Грик тиҷоратикунониро ҳамчун раванди ба даст овардани даромад аз ҳисоби фурӯши навоварӣ ва ё истифодаи он дар истеҳсолоти худӣ меноманд [60, с.85].

Олими дигар Ҷ. Козметский бошад тиҷоратикунониро ҳамчун раванде тасвир менамояд, ки тавассути он саривақт натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ, коркарди таҷрибавӣ-конструкторӣ ба маҳсулот ва ё хизматрасонӣ табдил меёбанд [22, с.11].

Олими машҳури тоҷик С.Ҷ. Комилов ва ҳамкорони ӯ дар робита ба тиҷоратикунонӣ андешаронӣ карда истода таъкид мекунанд, ки мафҳуми тиҷоратикунонӣ мафҳуми хеле васеъ дар низоми истилоҳҳои марбут ба навоварӣ мебошанд. Он шакли бозории муносибатро дар раванди пайдоиш ва интиқолии навоварӣ ифода мекунад. Аз ин рӯ, тиҷоратикунонӣ аз мафҳумҳое чун бозори навовариҳо, интиқоли навовариҳо, «ноу-хау», фурӯши патент, ҷавознома ва амсоли он васеътар аст. Балки тиҷоратикунонии навоварӣ мафоҳими зикршудар фаро мегирад ва ҳар яки он мафҳумҳо қисмате аз механизми тиҷоратикунонии навовариро инъикос менамоянд [31, с.196]. Яъне, тиҷоратикунонии навовариро метавон ҳамчун ҷараёни барориши молҳои хусусияти навоваридошта ба бозор маънидод намуд. Ин раванд - раванди хос ва мураккаби давраи ҳаётии навоварӣ мебошад, ки бо таваҷҷуҳ ба нақши барҷастаи тиҷоратикунонӣ шакли зеринро ба худ мегирад (расми 1.1.1.).

Дар расми мазкур дар ҳама давраҳои ҳаётии навоварӣ нақши ҳалкунанда ва калидии тиҷоратикунонӣ нишон дода шудааст. Ин маънои онро дорад, ки танҳо ҳамон навовариҳое татбиқи пурраву комили худро дар истеҳсолот пайдо мекунанд, ки ба тиҷоратикунони фаро гирифта шаванд. Дар акси ҳол, он навоварӣ ҳарчанд муҳим ҳам бошад аз назарҳо пинҳон мемонад. Назири чунин ҳолатро дар кишварҳои ҷаҳони сеюм зиёд мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар ҷараёни фаъолияти навоварӣ фикру андешаҳои нав тавлид мешаванд, маҳсулот ва ҷараёнҳои технологии наву такмилёфта ба миён меоянд, шаклҳои нави ташкил ва идораи соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ва сохторҳои он зоҳир мешаванд.




**Расми 1.1.1. - Давраи ҳаётии навоварӣ бо таваҷҷуҳ ба нақши афзояндаи тиҷоратикунонии навоварӣ**

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст.

Натиҷаи навовариҳо дар намуди маҳсулоти нав ифода меёбанд, ки метавонанд шакли молӣ ва ғайримолӣ дошта бошанд, онҳо дар бозор бароварда мешаванд, марҳилаҳои муайяни инкишоф ва таназзулро аз сар мегузаронанд. Дар ҳар давра як функсия аз функсияҳои умумии тиҷоратикунонии навоварӣ дар амал зоҳир мешавад. Мо ин функсияҳоро чунин тавсиф менамоем.

Функсияи аввал – агар корхона якчанд маҳсули навовариро коркард намояд, пас лозим меояд, ки ин навовариҳоро баҳо дода, ҳамонеро интихоб намоем, ки дар бозор манфиати бештар дорад. Баҳодиҳӣ тавассути гузаронидани ташхис аз рӯйи меёрҳои муайян: иқтидори маҳсули навоварӣ, талаботи маҳсулоти мазкур дар ҷомеа, талаботи маҳсулот аз ҷониби харидори аниқ (дар қисмат (сегмент)-и муайяни бозор), иқтидори самаранокии иқтисодӣ аз татбиқи мол (арзиши аслӣ, меъёри фоиданокӣ, мӯҳлати рӯйпӯш намудани хароҷот ва ғ.) дар амал татбиқ карда мешавад.

Функсияи дуюми тиҷоратикунонӣ ба ташкили захираҳои молиявии зарурӣ алоқамандӣ дорад. Одатан танҳо баъзе аз ташкилотҳои навоварӣ миқдори муайяни воситаҳои пулиро доро буда, имконияти мустақилона маблағгузориро доранд. Аз ин рӯ, зарурияти ҷалб намудани сармоягузорон ба миён меояд.

Функсияи сеюм – ин гирифтани ҳуқуқи муаллифӣ ба навоварии сохташуда бо дарназардошти тақсим намудани он байни иштирокчиёни ҷараёни навоварӣ.

Функсияи чоруми тиҷоратикунонии навоварӣ – ин ташкили истеҳсоли навоварӣ ва татбиқи навоварӣ дар ҷараёни истеҳсолот бо дарназардошти коркарди он дар ҳолати зарурӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, ба ақидаи мо тиҷоратикунонӣ– ин раванди табдили натиҷаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ ба маҳсулоти тайёр дар бозор бо мақсади гирифтани фоида аз навоварӣ мебошад, ки бо афзалиятҳои рақобатпазирӣ нигаронида шудааст.

Барои арзёбии тиҷоратикунонии маҳсулот ё хидмати нав, муҳаққиқон дар бораи меъёрҳои гуногун гузориш медиҳанд. Аммо дар маҷмуъ, тиҷоратикунонии маҳсулоти ба технология асосёфта бояд дар чаҳор меъёри асосӣ баррасӣ карда шавад: дастрасии бозор, имконпазирии тиҷоратӣ, рақобатпазирии технологӣ ва имкониятҳои

таҳқиқот ва рушд [17, с.15].

Барои молҳои дониш бо ҳиссаи баланди навоварӣ, хавфи тиҷоратикунонӣ нисбат ба молҳое, ки ба бозор ва ҷомеа маълуманд, хеле баландтар аст. Маҳсулоти баландтехнологӣ одатан бо маржаи баланди фоида аз як тараф ва хавфи баланди сармоя аз тарафи дигар алоқаманд аст. Баръакс, моле, ки сатҳи технологии миёна ё паст дорад, одатан меъёри фоидаи камтар дорад. Аммо аз сабаби омилҳое, ба монанди огоҳии кофии истеъмолкунандагон дар бораи маҳсулот, самаранокии таблиғ, стандартизатсия, хидматрасонии пас аз фурӯш ва ғайра, дар бозори истеъмолӣ имкониятҳои бештар барои тиҷоратикунонии ғоя, технология, маҳсулот ё хидмати нав мавҷуданд, ки дониш ва таҷрибаи махсусро талаб мекунанд.

Дар фарҳангҳои иқтисодӣ, тиҷоратикунонӣ маънои "истифодаи усулҳои пешбурди тиҷорат бо мақсади ба даст овардани фоида" - ро дорад. Дар ҷаҳони имрӯза технология калиди тиҷоратикунонӣ, тиҷоратикунонии арзиши иловашуда мебошад. Тиҷоратикунонӣ раванди табдил додани технологияҳои нав ба маҳсулоти аз ҷиҳати тиҷоратӣ муваффақ аст ва бисёр равандҳои муҳимми техникӣ, тиҷоратӣ ва молиявиро дар бар мегирад, ки технологияҳои навро ба маҳсулот ё хидматҳои муфид табдил медиҳанд. Ф. Котлер ба ин ақида аст, ки “Тиҷоратикунонӣ ин раванди ҷорӣ намудани маҳсулот ё усули нави истеҳсолот ба ҷаҳони тиҷоратӣ мебошад, то ин маҳсулот ё усули нав дар бозор дастрас бошад. Калимаи тиҷоратикунонӣ аксар вақт ба ворид шудани маҳсулот ба бозорҳои оммавӣ ишора мекунад. Бо вуҷуди ин, баъзан интиқоли ғоя аз лаборатория ба бозорҳои маҳдуд низ зери мафҳуми тиҷоратикунонӣ қарор мегирад” [34, с.224].

Тиҷоратикунонӣ ин раванди табдил додани ғояҳо ва ихтироот ба маҳсулот ё хидматҳои бозорӣ мебошад, ки боиси эҷоди ҷойҳои корӣ ва ҷамъоварии сарват мегардад. Истилоҳи тиҷоратикунонӣ оддӣ аст, зеро

ҳар касе, ки каме дар бораи иқтисод огоҳ аст, медонад, ки ҳар як мол пас аз истеҳсол бояд ба бозор ва истеъмолкунанда ворид шавад. Аммо ин як раванди хеле мураккаб ва техникӣ аст. Барои молҳои дониш, ки ҳиссаи инноватсия дар он баланд аст, хавф нисбат ба молҳое, ки ба бозор ва ҷомеа маълуманд, хеле баландтар аст.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки бисёре аз муҳаққиқони соҳибкорро ба ташвиш меорад, ин чӣ гуна тиҷоратикунонии ғояи мушаххас аст. Идея чӣ гуна пайдо мешавад? Оё идеяе, ки ба миён омадааст, ба қадри кофӣ арзишманд аст, ки дар асоси он маҳсулот ё хидмати соҳибихтисосро ба бозор барорад? Ҷанбаҳои муҳимтарини тиҷоратикунонии ғоя кадомҳоянд? Оё тиҷоратикунонии идея бо эҷоди маҳсулоти ниҳоӣ ба охир мерасад? Ин намунаи саволҳоест, ки метавонанд дар робита бо тиҷоратикунонии идея ба миён оянд. Ҷавоб ба ин савол дар он аст, ки арзиши идея ва татбиқи он аз татбиқи амалии он вобаста аст; дар асл, агар идеяи шумо метавонад ба чизи амалӣ табдил ёбад, он сазовори амалӣ шудан аст.

Ғояҳои калон одатан дар натиҷаи маҳдудиятҳо дар роҳи такмили доимӣ ё эътирофи камбудиҳои дониш дар соҳаҳои гуногун ба вуҷуд меоянд ва метавонанд дар ниҳоят дастрасӣ ба ҳалли муфидро таъмин кунанд. Албатта, бояд ҳамеша дар хотир дошт, ки барои пайдо кардани ҳалли амалӣ барои ғояҳо санҷиш, тасдиқ ва дар ниҳоят таҳияи ба ғоя асосёфта лозим аст.

Технология ба категорияи маҳсулоти саноатӣ таалluқ дорад ва бозоре, ки дар он таъминкунандагони технология ва харидорон бо ҳамдигар ҳамкорӣ мекунанд, як қисми маркетинги саноатӣ ё ба ибораи дигар, байнифарҳангӣ мебошад. Маҳсулоти саноатӣ маҳсулоте мебошанд, ки ширкатҳо ва ташкилотҳо барои истифода дар раванди истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ё роҳнамоии амалиёт ба даст меоранд. Молҳои саноатӣ на ҳамчун ашё, балки ҳамчун маҷмуи мураккаби

муносибатҳои иқтисодӣ, техникӣ, ҳуқуқӣ ва инфиродӣ байни харидор ва фурӯшанда муайян карда мешаванд. Раванди рушди технология ва тиҷоратикунонӣ аз се марҳила иборат аст: эҷоди илми нав; табдил додани илм ба технология; табдил додани технология ба маҳсулот.

Азбаски навоварӣ ва эҷоди технологияҳои нав дар асоси донишҳои мавҷуда сурат мегирад, рушди технология бештар аз олимон ва муҳандисон вобаста аст, ки дониши мавҷударо медонанд ва ба ғояҳо ва бозёфтҳои муҳаққиқони дигар дастрасӣ доранд. Чӣ қадаре, ки дониши кормандони техникӣ амиқ бошад ва дастрасии онҳо ба натиҷаҳои кори муҳаққиқони дигар васеътар бошад, эҳтимоли зиёд аст, ки онҳо ба технологияҳои нав, ки асоси маҳсулоти нав мешаванд, дастрасӣ пайдо кунанд. Интиқоли технология барои рушди технология муҳим аст. Пас аз рушди технология, мо ба тиҷоратикунонии технология ниёз дорем. Тиҷоратикунонӣ табдил додани технологияҳои нав ба маҳсулоти муваффақи тиҷоратӣ мебошад. Ин раванд фаъолиятҳоеро дар бар мегирад, ба монанди арзёбии бозор, тарроҳии маҳсулот, муҳандисии истеҳсолот, идоракунии моликияти зеҳнӣ ва ҳуқуқи зеҳнӣ, таҳияи стратегияи маркетинг, маблағгузорӣ ва омӯзиши қувваи корӣ ва ғ.

Омили муҳим ва нозукии давраҳои амалигардонии навоварӣ дар он аст, ки баъди санҷиш ин навоварӣ аз тарафи муассисаҳои таҷрибакунанда бевосита исбот мегардад, ки навоварӣ хосият ё хусусияти нави иқтисодию иҷтимоӣ дошта, самаранокии баланд дорад. Танҳо баъд аз он барои амалигардонии он қарор қабул карда шуда, навоварӣ ё тиҷоратикунонида мешавад.

Дар натиҷа истифодаи навоварӣ васеъ гардида фирмаҳо маҳсулоти наверо тавлид менамояд. Ҳамин тариқ, дар сурати ба муомилот баровардани навоварӣ, яъне тиҷоратикунонӣ аз тарафи истеъмолгарон камбудиҳо ва ё ноқисиҳои ин навоварӣ ошкор гардида аз нав коркард карда мешавад.

Хулоса, бобати маънидод намудани мафҳумҳои «навоварӣ», «навҷорисозӣ», «ҷараёни навоварӣ» ва «тиҷоратикунонии навоварӣ» байни назариячиён ва муҳаққиқон баҳсҳои бисёре ҷой дошта, ҳар яке вобаста ба соҳаи тадқиқот мафҳумҳои мазкурро ба таври гуногун маънидод менамоянд. Албатта, омили муҳимтарини муваффақият дар фаъолияти навҷорисозӣ тиҷоратикунонии он ҳисобида мешавад. Маълум шуд, ки дар давраи ҳаётии мол омили муҳимтарин, ки идомаи фаъолияти навҷорисозиро таъмин менамояд, тиҷоратикунонӣ мебошад. Ҳар қадар, ки тиҷоратикунонии навоварӣ хубтар ба роҳ монда шавад, ҳамон қадар фаъолияти навҷорисозӣ идомаи бештар пайдо мекунад. Вале ҳаминро зикр кардан бамаврид аст, ки рушди ҳама гуна соҳаи иқтисодиёти давлат бевосита бо моликияти зеҳнӣ ва сармояи инсонӣ алоқамандии қавӣ дошта, инкишофи бемайлони навоварӣ ва тиҷоратикунонии навоварӣ низ бо иқтидори зеҳнии давлат вобастагии зиёд дорад. Яъне барои рушди тиҷоратикунонии навоварӣ нахуст ба самти мустаҳкамгардонии иқтидори зеҳнӣ, ташкили лабараторияҳо ва институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ сармоягузорӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст.

## §1.2. Асосҳои консептуалии сохтори механизми тиҷоратикунонии навоварӣ

Таъмини механизми самараноки тиҷорати навоварӣ ва татбиқи ҳадафҳои расидан ба рушди инноватсионӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз самтҳои афзалиятноки рӯй овардан ба рушди босубот ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба ин, яке аз муаммоҳои муҳим дар шароити феълӣ ташаккул додани сохтори механизми тиҷоратикунонии навоварӣ шуморида мешавад, ки тавонад раванди муътадили пешбурди фаъолияти навҷорисозиро таъмин намояд.

Тавре маълум аст, дар ҷаҳони муосир барои рушди бомароми

иқтисодиёти миллӣ, пеш аз ҳама, мусоидати мақсадноки сиёсати иқтисодиву иҷтимоии давлатӣ бояд таъмин карда шавад.

Дар навбати худ истеҳсолот бидуни пешрафти илмию техникӣ самаранок буда наметавонад. Ин маънои онро дорад, ки ҳамеша навоварӣ ва чорабиниҳои марбут ба он бояд аз масоили афзалиятнок шинохта шавад.

Пешрафти илмӣ-техникиро дар тамоми ҷаҳон ба сифати омили муҳимтарини тараққиёти иқтисодиёт мешиносанд. Тавре ки профессор С.Ҷ. Комилов изҳор доштааст: “Навоварӣ чун татбиқи андешаҳои нави илмӣ, чун натиҷаи ниҳоии фаъолияти навҷорисозӣ, дар шакли маҳсулоти нави ба бозор баровარда шуда, асос ва омили калидии иқтисодиёти навоварона шинохта шудааст” [24, с.22]. Мақсади ин ҷараён ба даст овардани навоварӣ аст ва он аз тавлиди фикру андеша то марҳилаи тиҷорати онро дар бар мегирад. Бо ибораи дигар, ин ҷараён ҳамаи муносибатҳо – истеҳсол, мубодила ва истеъмолро фарогир аст, аз ин рӯ, онро метавон чун як система ва ё як механизми комил тараққӣ кард.

Мафҳуми “механизм” дар илм корбурди густардае дорад. Дар луғатномаҳои соҳавӣ мафҳуми “механизм” ҳамчун: низом (сохт, таркиб), муайянкунандаи тартиботи ин ё он намуди фаъолият [131]; сохтори дохилӣ ва ё низоми амалнамоии дастгоҳи ягон намуди фаъолият [132]; муайянкунандаи мураттабии (пайдарпайии) ҳолат ва раванди ин ё он амалиёт (зуҳурот); маҷмуи қоида ва қонуниятҳое, ки барои дуруст амал намудани объект имкон фароҳам меоварад [133] ва амсоли ин таъриф шудааст.

Қайд шудааст, ки “Дар консепсияи илмӣ-фалсафӣ “механитсизм” (принсипи ноқису яктарафаи ҷаҳонбинӣ) дар байни олимони классикӣ ва ғайриклассикии табиатшиносӣ нақши густурдаеро дошт, ки тамоми ҳодисаҳо ва воқеаҳо дар асоси принсипҳои механикӣ шарҳ медод. Дар иқтисодиёти нақшавӣ бошад мафҳуми механизм ба сифати механизми

хоҷагӣ паҳн гардид, ки маҷмуи принсипҳо, усулҳо, қонуниятҳо, қоида ва меъёрҳои расман қабулгардидаро дар бар мегирад” [120].

Дар тадқиқоти минбаъдаи иқтисодӣ мафҳуми механизм ба таври васеъ ва бо маъноҳои мухталиф вобаста ба самти тадқиқот мавриди истифода қарор гирифт. Чунончӣ:

- механизми бозорӣ – амалигардонии муносибатҳои иқтисодӣ тавассути баҳамтаъсиррасонии талабот, пешниҳод ва нарх [116, с.178];

- механизми иқтисодӣ – маҷмуи усулҳо ва воситаҳои таъсиррасонӣ ба равандҳои иқтисодӣ ва танзими он;

- механизми молиявӣ – қисми таркибии механизми хоҷагидорӣ, маҷмуи намуд, шакли ташкили муносибатҳои молиявӣ, шарт ва усулҳои баҳисобгирӣ, ки дар раванди ташкили захираҳои молиявӣ таъсис ва истифодаи фондҳои мақсадноки пулиро дар бар мегирад [151]; «маҷмуи омил, фишанг, воситаҳо, шакл ва усулҳои танзими равандҳои иқтисодӣ ва муносибатҳои молиявӣ»[117]; «маҷмуи намудҳо ва шаклҳои ташкили муносибатҳои молиявӣ, усулҳои махсуси муайян намудани миқдор, ташаккулёбӣ ва истифодаи захираҳои молиявӣ» [117, с.330]; «маҷмуи шакл ва усулҳое, ки тавассути он низоми муносибатҳои тақсимотӣ, ташкили даромад ва захира, ташкил ва истифодаи фондҳои пулии марказонидашуда ва ғайримарказонидашуда» [116, с.230] ва дигар мафҳумҳои механизм.

Мафҳуми механизми тиҷоратикунонӣ ибтидо аз солҳои 2000 инҷониб дар тадқиқоти олимони муосир ба таври васеъ истифода гардидааст. Чунончӣ Е.Б. Смирнов ва М.Г. Балихин мафҳуми механизми тиҷоратикунониро ҳамчун «маҷмуи элементҳои сохтори ташкилӣ ва комплекси иқтисодӣ, идоракунӣ, ҳавасмандгардонӣ, қоида ва тартиботи тиҷоратикунонии навоварӣ» [119, с.306] шарҳ додаанд.

Ба ақидаи С.В. Дронов механизми тиҷоратикунонии навоварӣ ин қисми ҷудонашавандаи сохтори ташкилии фаъолияти навоваронаи

корхона мебошад [12, с.168].

А.А. Полухин бошад, механизми тиҷоратикунонии навовариро дар соҳаи хоҷагии қишлоқ ҳамчун низоми баҳамтаъсиррасонии ташкилӣ-иқтисодии байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодяҳои илмӣ, ташкилотҳои молиявӣ ва хоҷагии қишлоқ шарҳ додааст [95, с.32]. Дар зинаи аз ҳама поён механизмҳои асосӣ амал менамоянд, ки ҳар яке функсияи худро иҷро намуда дар маҷмуъ ба самаранокии тиҷоратикунонии навоварӣ таъсири муайянеро мерасонанд. Дар навбати худ таъмини алоқамандии ин механизмҳо самараи синергетикии навро ба вуҷуд меоварад.

Ҳамин тавр, ҳоло таърифи ба таври умумӣ қабулгардидаи "механизми тиҷоратикунонии навовариҳо" вуҷуд надорад. Агар механизми тиҷоратӣ ҳамчун низом – ин маҷмуи элементҳои "баҳамалоқаманд" ва "баҳамтаъсиррасон"-е, ки як ҷузъи томро ифода намуда ба як мақсади умумӣ нигаронида шудааст [120, с.457], вобаста ба сохтори иерархӣ бошад – ин тарзи барпонамоӣ, ташкили низоми мураккабе, ки дар он ҳар як элемент ба зинаҳо ҷудо карда шуда, дар маҷмуъ як ҷузъи томи бисёрзинаро ба миён меоварад [120, с.148], пас, метавон чунин мафҳумро пешкаш намуд: механизми тиҷоратикунонии навоварӣ – ин маҷмуи роҳу усулҳои таҳвили донишҳои илмию техникӣ дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ ва пешниҳоди хизматҳо, тавассути механизмҳои ҷузъии баҳамалоқаманд ва баҳамтаъсиррасоне, ки ҳар як механизм функсияи муайянеро иҷро намуда, ҳамчун як ҷузъи том ба самаранокии тиҷоратикунонии навоварӣ таъсири худро мерасонад.

Тиҷоратикунонии навоварҳо банақшагирии бодиққат, идоракунии захираҳо ва чандириро барои ҳалли мушкилоти эҳтимолӣ талаб мекунад. Муваффақият дар ин раванд метавонад ба рушди иқтисодӣ, ташкили ҷойҳои корӣ ва рушди технологияҳои нав оварда расонад.

Тиҷоратикунонии инноватсия равандест, ки тавассути он ғояҳо,

ихтироот ё технологияҳои нав ба маҳсулот, хидматҳо ё равандҳое табдил меёбанд, ки метавонанд дар бозор фурӯхта шаванд.

Ин раванд марҳилаҳои гуногунро дар бар мегирад, аз муайян кардани идея то ба бозор баровардан.

- табдил додани идея ба прототип ё технологияи татбиқшаванда;
- маблағгузории марҳилаҳои тадқиқот ва рушд (аз ҳисоби захираҳои дохилӣ, сармоягузорон ё грантҳои давлатӣ);
- таҳлили бозор ва банақшагирии тиҷорат;
- таҳлили бозори мақсаднок ва муайян кардани муштариёни эҳтимолӣ;
- омӯзиши рақибон ва муайян кардани бартарии рақобатии навоварӣ;
- таҳияи стратегияҳои маркетинг ва нархгузорӣ;
- банақшагирии истеҳсол, тақсимот ва фурӯш;
- ҳифзи моликияти зеҳнӣ, патентҳо, тамғаҳои молӣ ё патентҳо барои ҳифзи инноватсия;
- таъмини он, ки ҳуқуқҳои моликияти зеҳнии шахсони дигар поймол нашаванд;
- ҷалби маблағҳо аз манбаъҳои гуногун, ба монанди сармояи венчурӣ (venture capital), сармоягузорони фаришта (angel investors), қарзҳои бонкӣ ё кӯмаки давлатӣ,  краудфандинг (crowdfunding);
- истеҳсол ва рушди маҳсулот, тарҳрезии равандҳои истеҳсолӣ ва таҳвили ашёи хом;
- истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ё рушди хизматрасонӣ;
- назорати сифат ва риояи стандартҳои зарурӣ;
- ҷорӣ намудани маҳсулот ба бозор тавассути каналҳои гуногун (рақамӣ, анъанавӣ ва ғ.);
- эҷоди огоҳии бренд ва ҷалби муштариён;
- рушди шабакаҳои дистрибюторӣ ва фурӯш;

- таъмини маҳсулот ё хидмат ба бозори мақсаднок;
- ҷамъоварии фикру мулоҳизаҳои муштариён ва такмил додани маҳсулот, хизматрасонӣ ва дастгирии пас аз фурӯш ба мизоҷон;
- навсозии маҳсулот е хидмат мувофиқи талаботи бозор;
- таҳлили иҷрои маҳсулот дар бозор;
- муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи раванди тиҷоратикунонӣ;
- такмили доимии маҳсулот ва равандҳо барои зиёд кардани ҳиссаи бозор;
- ҳамкории байнисоҳавӣ: ҳамоҳангсозӣ байни гурӯҳҳои R&D, маркетинг ва истеҳсолот;
- маблағгузории мувофиқ: дастрасӣ ба захираҳои кофии молиявӣ дар марҳилаҳои гуногун;
- қобилияти мутобиқ шудан ба тағйирёбии бозор ва ниёзҳои муштариён [72, с.167; 21, 46].

Аксари субъектони хоҷагидорӣ новобаста аз фаъолнокиашон дар самти тиҷорати навоварӣ, бинобар муҳлати тӯлониро дар бар гирифтани раванди тиҷоратикунонӣ ва ба даст овардани даромади муайян, то ба интиҳо расонида наметавонанд.

Тафовути асосии фаъолияти навоварӣ аз дигар намуди фаъолиятҳо ин вобастагии қавӣ аз муҳити беруна мебошад. Омилҳои зиёде метавонанд ба раванди тиҷоратикунонии навоварӣ таъсири худро расонанд.

Таъмини сатҳи баланди алоқамандии механизмҳои мазкур кафолати самаранокии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ ба ҳисоб меравад.

Инчунин алоқамандии байни механизми дохилӣ дар якҷоягӣ бо механизми хориҷӣ метавонад, таъмини сатҳи баланд ҷиҳати гузариши ботадриҷ ба иқтисодиёти навоваронаро ба бор орад (расми 1.2.1.).




**Расми 1.2.1. - Схемаи сохтории механизми тиҷоратикунонии навоварӣ (таҳияи муаллиф)**

Дар расми 1.2.1. нақш ва аҳаммияти принсипҳои асосии тиҷоратикунонии навоварӣ инъикоси худро наёфтаанд. Вобаста ба ин, баъзе аз хусусиятҳои асосии принсипҳои тиҷоратикунонии навоварӣ дар ҷадвали 1.2.1. оварда мешаванд.

**Ҷадвали 1.2.1. - Тавсифи принсипҳои асосии тиҷоратикунонии навоварӣ**

| ПРИНСИП | ТАВСИФ |
|---|---|
| **Ояндабинӣ** | Ин яке аз принсипҳои асосии тиҷоратикунонии навоварӣ мебошад. Риояи ин принсип имкон медиҳад, ки талаботи истеъмолии аҳолии минтақа ва миллиятҳои мухталиф дарозмуддат пешбинӣ шавад. Вобаста ба ин, инфрасохтори логистикии тиҷорати навоварӣ ба нақша гирифта мешавад. |
| **Ҳавасмандсозӣ** | Тиҷорати навоварӣ бояд заминаи рушди навоварӣ гардад. Даромад ва фоидае, ки аз тиҷорати навоварӣ ба даст меояд барои ҳавасмандсозии ҷараёнҳои навоварӣ равона карда мешавад. |
| **Тамомият (системность)** | Маҷмуи усулҳои ҳавасмандгардонии раванди тиҷоратикунонии навоварӣ ин системаи унсурҳои мухталифи қонунӣ, меъёрӣ, ташкилӣ ва муассисаҳои ба ҳам алоқаманд мебошад, ки онҳоро ин равандро дар як маҷро муттаҳид месозанд. Халалдор шудани яке аз пайвандҳои ин тамомият кулли ҷараёни тиҷоратикунониро ба бунбаст мекашонад. |
| **Қонуният** | Фаъолияти тиҷоратикунонии навоварӣ бояд дар доираи қонунҳои амалкунанда ба роҳ монда шавад. Риоя намудани ҳама намуди қонунҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ ҷиҳати фаъолияти тиҷоратикунонии навоварӣ боиси мегардад возеҳ ва шаффоф амалӣ гардидани тиҷорати наоварӣ мегардад. |
| **Технологӣ** | Дар асри 21, ки асри техникаю технология мебошад, фаъолияти тиҷоратикунонии навовариҳоро бо истифодаи технологияҳои навин ба роҳ мондан айни муддао ва самараноктар аст. Истифода аз технологияҳои пешрафтаи тиҷорат, усулҳои пешқадами маркетингӣ ва каналҳои мухталифи муаррифӣ ва фурӯши маҳсулоти нав гарави рушди муътадили навоварӣ мегардад. |
| **Иерархӣ** | Ин яке аз принсипҳои умумӣ (асосӣ) барои кулли намуди фаъолияти тиҷоратӣ ба хусус тиҷоратикунонии навовариҳо мебошад, ки онро мебояд зина ба зина аз поён ба боло тай намуд. Риоя нашудани ин принсип ба зиддияти байни зинаҳои мухталифи ҷараёни навоварӣ, минҷумла ҷараёнҳои муаррифиву фурӯши маҳсулот дар нукоти мухталифи логистикӣ шуда метавонанд. |
| **Муттасилӣ** | Раванди тиҷоратикунонии навоварӣ як қисмате аз раванди куллии фаъолияти навоварӣ мебошад. Аз ин рӯ, он бояд бетафаққуф бидуни фосила идома ёбад. Дар акси ҳол дар раванди умумии фаъолияти навоварӣ мушкилиҳои муайян ба вуҷуд меояд. |
| **Даромаднокӣ** | Мақсади ниҳоии ҳама гуна фаъолият ба даст овардани фоида мебошад, ки аз ин тиҷорати навовариҳо низ мустасно нест. Тиҷоратикунонии навоварӣ бояд дар маҷмуъ даромаднокии фаъолияти навовариро таъмин намояд. |

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст.

Илова ба принсипҳо дар расми 1.2.2. инчунин ба таъмини самаранокии ҳамгироии илм, истеҳсолот ва бозор тавассути маркетинги пешқадам таъкид шудааст. Дар шароити муосир ин яке аз шартҳои асосии ба роҳ мондани фаъолияти муътадили навоварӣ ба ҳисоб меравад. Дар робита ба ин В.В. Климук қайд менамояд, ки "Самти муайянкунии ҳадафҳо дар рушди системавии кишвар як механизми синергетикии ҳамкории ҷузъҳои таълимӣ, илмӣ ва тиҷоратӣ мебошад, ки имкон медиҳад маҳсулоти нави дорои хусусиятҳои инноватсионӣ дошта ба вуҷуд оварда шавад ва барои эҷоди ташаббусҳои инноватсионӣ дар байни таҳиягарон замина фароҳам орад [36, с. 65].

Муҳити таълимӣ, ки ҳамчун заминаи тайёр кардани мутахассисони оянда амал мекунад, бояд ба тамоюлҳои тағйирёбии соҳаҳои гуногуни касбӣ мутобиқ шавад. Донишгоҳ бояд ҳамчун ҷузъи ба амалия нигаронидашуда амал кунад, ки татбиқи малакаҳои амалии донишҷӯёнро дар шароити воқеӣ таъмин намояд. Ғайр аз ин, мавҷуд будани базаи тавоноии моддию техникӣ аҳаммияти калон дорад. Дар маҷмуъ, чуноне ки профессор М.К. Файзуллоев қайд менамояд "Рушди инфрасохторҳои инноватсионӣ, чун ҷамъбасти натиҷа, ба ҳамкории илм бо истеҳсолот тибқи натиҷаю хулосаҳои тадқиқоти бунёдӣ ва амалӣ равона карда шудааст. Муҳимтарин ва асоситарин вазифаи инфарасохторҳои инноватсионӣ баргузор намудани алоқаю робитаҳои зичи мутақобилаи байни институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва доираю соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ба шумор меравад" [147, с.49].

Ба андешаи мо барои барқарор намудан робитаи мустаҳкам байни илм, истеҳсолот ва тиҷорат бояд паҳлуҳои мухталифи ин ҳамгироӣ аз ҳар ҷиҳат поярезӣ шаванд. Механизми ҳамчунин ҳабастагиро дар шакли нақшаи зерин мушоҳида намудан мумкин аст (расми 1.2.2.).




**Расми 1.2.2. - Ҳамбастагии илм, истеҳсолот ва тиҷорат (таҳияи муаллиф)**

Ҳамчунин дар сохтори механизми тиҷоратикунонии навовариҳо, ки дар расми 1.2.1. оварда шудааст, бо омилҳои зерин таваҷҷуҳи хос ҷудо шудааст:

- таъмини рақобати озод дар бозори навовариҳо, қабули қарор оид ба меъёрҳои рақобати солим;
- ташкили муҳити мусоиди сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои инноватсионӣ;
- эҷоди муҳити мусоиди институтсионалии рушди тиҷорати инноватсияҳо.

Дар воқеъ, яке аз шартоҳои муҳимми ба роҳ мондани механизми самарноки тиҷоратикунонии навоварӣ ин таъмини рақобати озод дар бозори навовариҳо, қабули қарор оид ба меъёрҳои рақобати солим мебошад. Рақобати солим моҳияти аслии иқтисодиёти бозорӣ мебошад. Ҳанӯз Адам Смит ба зарурати рақобати озод ва солим ҷиҳати пешрафти иқтисодӣ таъкид карда буд. Дар шароити муосир низ ин омил ба унвони омили калидии рушди равандҳои иҷтимоиву иқтисодӣ баромад мекунад.

Бартараф намудани монополия дар тамоми бахшҳои иқтисодиёт, рафъи монеаҳои маъмурӣ ва коррупсия, таҳкими дастгирии молиявии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои хурд ва миёна, фароҳам овардани шароитҳои баробар ба субъектҳои мухталифи иқтисодӣ, таъмини дастрасии баробар ба захираҳо ва амсоли он аз шартҳои муҳимми таъмини рақобати солим ба шумор меравад [3, с.24].

Ҳамин тавр, таъсири мутақобили навоварӣ ба рақобатпазирӣ ва рақобатпазири ба навоварӣ шарҳ дода мешавад.

Самаранокии дастгирии давлатиро муносибати ҳамгироӣ ба ташкилот муайян мекунад. Инчунин, шаклҳо ва усулҳои сершумори дастгирии мақомоти ҷумҳуриявӣ (марказӣ) ва минтақаро ба назар гирифтан зарур аст. Таҳлили таҷрибаи кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар ин самт нишон медиҳад, ки талаботи асосии методологӣ дар ташаккули сиёсати давлатии дастгирии тиҷорати навоварӣ инҳоянд:

- манъи консентратсияи аз ҳад зиёд дар ихтиёри як шуъбаи тамоми захираҳои барои ин мақсадҳо ҷудошуда;

- ҷудо кардани самтҳои афзалиятноки тиҷорати хурди инноватсионӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди он.

Гузариши иқтисодиёт ба роҳи инноватсионии рушд дар шароити дохилӣ аҳаммияти фавқулоддаи ҳамкории тиҷорати хурд ва бузургро тақозо мекунад. Ин дар навбати худ, зарурати таҳкими робитаҳои воқеии байни фаъолони раванди инноватсиониро ба миён меоварад ва имкон медиҳад, ки таҳқиқоти илмӣ, коркардҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва равандҳои истеҳсолӣ ба танзим даровarda шаванд. Ин намуди ҳамкорӣ бо хусусиятҳои хоси худ вобаста ба манфиатҳои корпоративӣ ва ҳамгироии инноватсионии ҳама гуна ташкилот, новобаста аз андозаи онҳо тавсиф карда мешавад. Марҳилаи рушди муосири ҷаҳонӣ бо суръатҳои суръатноки пешрафти илмӣ-техникӣ ва дараҷаи баланди интеллектуалии омилҳои асосии истеҳсолот тавсиф карда мешавад. Дар ин замина, ташкили муҳити мусоиди инфрасохтори тиҷоратикунонии технологияҳо аз аҳаммияти муҳим бархурдор мебошанд.

Инкубаторҳои тиҷорӣ (бизнес-инкубаторы) ташкилотҳо ё барномаҳое мебошанд, ки барои дастгирии субъектҳои иқтисодӣ дар фаъолияти навоваронаи онҳо пешбинӣ шудаанд. Бо пешниҳоди захираҳо, хидматҳо ва машваратҳои коршиносон, онҳо ба ширкатҳои нав дар бартараф кардани мушкилоти аввалия ва муваффақ шудан ва рушд кӯмак мерасонанд. Инкубаторҳо одатан дар марҳилаҳои аввали рушди тиҷорат фаъоланд ва ҳадафи асосии онҳо зиёд кардани имконияти зинда мондан ва афзоиши ин ширкатҳо мебошад. Аз муҳимтарин вазоифи инкубаторҳо метавон ба машварат ва роҳнамоӣ, дастрасӣ ба мураббиён ва мушовирон бо таҷриба дар соҳаҳои гуногун, аз қабили маркетинг, молия, технология ва ҳуқуқшиносӣ ишора кард (ҷадвали 1.2.2.):

**Ҷадвали 1.2.2. - Хизматрасониҳои бизнес-инкубаторҳо**

| Намуди дастгирӣ | Хадамоти асосӣ |
|---|---|
| Маъмурӣ | – барқарор кардани робитаҳо байни стартапҳои резидентӣ ва сармоягузорони эҳтимолӣ;<br>– мусоидат дар ҷалби маблағгузорӣ; |
| Инфрасохторӣ | – ҷойҳои корӣ ва утоқҳои вохӯрӣ (интернет/пайвасти телефон);<br>– таҷҳизот (ҳам барои гузаронидани таҷрибаҳо/тадқиқотҳо ва ҳам таҷҳизоти идоравӣ); |
| Машварат (ҳам аз ҷониби коршиносони худи бизнес-инкубатор ва ҳам аз ҷониби соҳибкорон ва мутахассисоне, ки бо онҳо ҳамкорӣ мекунанд) | – маркетинг ва таблиғ;<br>– андоз ва баҳисобгирии муҳосибӣ;<br>– бақайдгирии ҳуқуқӣ;<br>– ҳифзи моликияти зеҳнӣ/иҷозатномадиҳӣ;<br>– интихоби модели бизнес ва рушди тиҷорат (курси «100 рӯзи аввал» ва ғайра);<br>– омӯзиш ва семинарҳо, гузаронидани курсҳои омӯзишӣ, семинарҳо ва семинарҳо барои такмили ихтисоси соҳибкорон;<br>– дастрасӣ ба маблағгузорӣ: кӯмак дар ҷалби сармоя тавассути ҷалби сармоягузорон, сармоягузоронӣ;<br>– дастгирии техникӣ ва инфрасохторӣ;<br>– таъмини дастрасӣ ба нармафзор ва технологияҳои зарурӣ;<br>– дастгирии ҳуқуқӣ ва маъмурӣ: кӯмак дар масъалаҳои ҳуқуқӣ, бақайдгирии ширкат, гирифтани иҷозат ва дигар равандҳои маъмурӣ. |

Сарчашма: Дар асоси монографияи Зараменских Е.П. Коммерциализация технологий / Монография. - Новосибирск, 2014. Издательство: ЦРНС. – 125 с. аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст.

Модели алоҳидаи инкубатсия Enterpreneurship in Residence ("Соҳибкорӣ дар як ширкати калон") номида мешавад. Навоварон дар доираи як ширкати калон/фонди сармоягузорӣ бо истифода аз тамоми захираҳои худ ҷиҳати дастрасӣ ба ғояҳои навоварона кор мекунанд. Дар навбати худ, ин ширкатҳо, ба ғайр аз натиҷаҳои тадқиқот / таҳияи мавзуъ, ҳуқуқи аввал ба интихобро мегиранд.

Марказҳои истифодаи муштарак воҳидҳои мутамаркази функсионалии ташкилотҳои илмӣ ва таълимӣ мебошанд, ки дастрасии

бисёр корбаронро ба таҷҳизот ва технологияҳо таъмин намуда, ба истифодабарандагон хизматрасонии таълимӣ, машваратӣ ва экспертиро пешкаш мекунанд. Маркази маъмулии истифодаи коллективӣ як воҳиди алоҳидаи сохтории ташкилот мебошад, ки дорои ҳайати шахсӣ, таҷҳизот ва биноҳои корӣ мебошад. Ин марказҳо хароҷоти худро тавассути пардохтҳое, ки аз муштариёни хидматҳои муштарак гирифтаанд ё тавассути грантҳои тадқиқотӣ мепӯшонанд.

Дар шароити кам шудани маблағгузории давлатӣ ба базаи моддию техникии илм нақши марказҳои истифодаи муштарак меафзояд. Ин модели дастрасии муштарак ба таҷҳизоти замонавӣ ва хидматрасонии баландихтисос ба гурӯҳҳои олимон имкон медиҳад, ки таҷҳизот, бартариятҳо ва имкониятҳои маркетингии ширкатҳои тиҷоратӣ, донишгоҳҳо ва марказҳои илмиро самаранок истифода баранд, яъне аз имкониятҳои тиҷоратикунонии навовариҳои худ бархурдор гарданд.

Намуди дигар ва хеле маъруфи инфрасохтори тиҷоратикунонӣ бизнес-акселераторҳо (Business accelerators) ба ҳисоб мераванд. Акселераторҳои тиҷорӣ, ташкилотҳо ё барномаҳое мебошанд, ки барои тезтар рушд кардани ширкатҳои инноватсионӣ кӯмак мерасонанд. Ин суръатфизоҳо одатан ба ширкатҳо дар бозор тавассути таъмин намудани захираҳо, мураббигӣ, шабака ва баъзан сармоягузорӣ кӯмак мерасонанд. Маъмулан, акселераторҳо нақшаҳои дарозмуддат доранд (одатан аз 3 то 6 моҳ), ки дар он ширкатҳо барои таҳияи маҳсулот, ҷалби сармоя ва рушди тиҷорат шадидан кор мекунанд. Аз ҷониби дигар, баъзе акселераторҳо бар ивази гирифтани саҳмияҳои ширкат сармояи ибтидоиро пешниҳод мекунанд. Дар шароити кунунӣ ва дар мисолҳои кишварҳои рӯ ба инкишоф ин одатан аз 20 то 100 ҳазор доллар аст. Яке аз дигар хизматҳои акселераторҳо менторинг аст, яъне дастрасӣ ба мураббиёни ботаҷриба, аз ҷумла соҳибкорони муваффақ, сармоягузорон ва мутахассисони соҳа, ки ширкатҳои инноватсионӣ ба маслиҳат

медиҳанд.

Қобили қайд аст, ки акселераторҳо аз имкониятҳои шабакавии худ истифода бурда барои муошират бо сармоягузорон, шарикони тиҷоратӣ ва дигар соҳибкорон шароит фароҳам меоваранд. Баъзе акселераторҳо фазои муштаракро ройгон ё бо нархи арзон таъмин мекунанд.

Акселераторҳо ба рушди босуръат ва омода кардани ширкатҳо барои ҷалби сармоя нигаронида шудаанд. Барномаҳо кӯтоҳанд. Аммо инкубаторҳо бештар ба таҳияи ғоя ва маҳсулот дар марҳилаҳои аввал тамаркуз мекунанд ва барномаҳо одатан дарозтар ва сусттаранд.

Камбудиҳои акселераторҳо инҳоянд:

- аз даст додани як қисми саҳмияҳои ширкат;
- фишори аз ҳад зиёд барои рушди босуръат, ки шояд барои баъзе ширкатҳо мувофиқ набошад;
- рақобати шадид барои иштирок дар барномаҳои маъруф.

Бояд гуфт, ки сармоягузорони фаришта (Angel Investors) одамон ё гурӯҳҳое мебошанд, ки сармояи худро мустақиман ба тиҷорати хурд сармоягузорӣ мекунанд. Ин сармоягузорон одатан дар марҳилаҳои аввали рушди тиҷорат ворид мешаванд ва бар ивази саҳмияҳо дар ширкат сармояи заруриро таъмин мекунанд. Илова ба маблағгузорӣ, сармоягузорони фаришта аксар вақт таҷриба, робита ва дониши худро барои кӯмак ба рушди тиҷорат истифода мебаранд.

Хусусиятҳои сармоягузорони фаришта аз он иборат аст, ки ин сармоягузорон одатан дар марҳилаҳои аввали ташаккули тиҷорат қарор доранд, вақте ки сармоягузорӣ хавфи баланд дорад ва дастрасӣ ба дигар манбаъҳои маблағгузорӣ, ба монанди қарзҳои бонкӣ ё сармояи венчурӣ душвор аст. Аз ҷониби дигар, сармоягузорони фаришта одатан миқдори нисбатан камро сармоягузорӣ мекунанд (аз даҳ ҳазор то сад ҳазор доллар). Ин сармоягузорон сатҳи баланди хавфро қабул менамоянд. Онҳо дар марҳилаҳои аввали тиҷорат сармоягузорӣ мекунанд, аммо дар

сурати муваффақ шудани тиҷорат фоидаи назаррас ба даст меоранд.

Ҳамчунин бисёре аз сармоягузорони фаришта ба ғайр аз маблағгузорӣ ҳамчун мушовир ё мураббӣ амал мекунанд ва таҷрибаи худро барои пешбурди тиҷорат истифода мебаранд. Онҳо усулҳои ҳавасмандгардонии гуногунро истифода мебаранд. Масалан, баъзе сармоягузорони фаришта аз сабаби таваҷҷуҳ ба соҳибкорӣ ё дастгирии ғояҳои инноватсионӣ сармоягузорӣ мекунанд, дар ҳоле ки дигарон фоидаи баланди молиявӣ меҷӯянд. Аслан, тафовут байни сармоягузорони фаришта ва сармоягузорони венчурӣ (Venture Capital) дар он аст, ки сармоягузорони фаришта одатан дар марҳилаи хеле барвақт (марҳилаи ибтидоӣ) ворид мешаванд, дар ҳоле ки сармоягузорони венчурӣ дар марҳилаи баъдӣ (марҳилаи афзоиш) сармоягузорӣ мекунанд. Аммо сармоягузорони фаришта нисбат ба сармоягузорони венчурӣ камтар сармоягузорӣ мекунанд. Зеро сармоягузорони фаришта одатан сарвати холиси худро истифода мебаранд, дар ҳоле ки сармоягузорони венчурӣ захираҳои аз дигар ташкилотҳо ё шахсони алоҳида ҷамъоваришударо истифода мебаранд. Хусусиятҳои сармоягузории фариштаро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст (расми 1.2.3.).

Ҳамин тавр, захираҳои зеҳнӣ дар якҷоягӣ бо технологияҳои нав дурнамои рушди иқтисодиётро муайян мекунанд, ки ин нишондиҳандаи истиқлолияти иқтисодӣ, некӯаҳволии кишвар ва рушди устувори иқтисодиёти миллӣ мебошад. Воридшавии устувории онҳо ба системаи муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ яке аз омилҳои асосии таъмини рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ба шумор меравад. Вазифаи асосии ин ҳамкориҳо беш аз пеш ба самти эҷоди навовариҳои технологии татбиқи ҷаҳонӣ табдил меёбад, ки бозорҳои умедбахши байналмилалии фурӯш доранд. Механизми тиҷоротикунонии навоварӣ дар соҳаи иқтисодиёт доираи нисбатан васеи моделҳои консептуалиро талаб менамояд.




**Расми 1.2.3. - Хусусиятҳои сармоягузории фаришта (таҳияи муаллиф)**

Тиҷоратикунонии навовариҳо омили асосии рушди иқтисоди миллӣ мебошад. Ин раванд на танҳо ба эҷоди сарват ва шуғл, балки ба баланд бардоштани рақобатпазирӣ, диверсификатсияи иқтисодиёт ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва экологӣ мусоидат мекунад. Барои ноил шудан ба ин имтиёзҳо сиёсати дастгирӣ, сармоягузорӣ ба таҳқиқот ва рушд ва ҳамкорӣ байни бахшҳои гуногун зарур аст.

Навоварӣ дар рушди иқтисоди миллӣ нақши муҳимро мебозад. Ин

раванд на танҳо ба эҷоди арзиши иқтисодӣ, балки ба баланд бардоштани рақобатпазирӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Тиҷоратикунонии инноватсия боиси эҷоди маҳсулот, хидматҳо ва технологияҳои нав мегардад, ки онҳоро дар бозорҳои дохилӣ ва байналмилалӣ муаррифӣ кардан мумкин аст. Ин ба афзоиши ММД ва рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад. Аз дигар тараф, тиҷорати навовариҳо ба корхонаҳо ва соҳаҳо кӯмак мекунанд, ки дар бозорҳои дохилӣ ва ҷаҳонӣ рақобатпазиртар бошанд. Ин махсусан дар давраи ҷаҳонишавӣ ва рақобати технологӣ муҳим аст. Бояд махсус қайд кард, ки тиҷоратикунонии инноватсия ба таъсиси корхонаҳои нав ва рушди соҳаҳои нав оварда мерасонад. Ин раванд мустақиман ё бавосита ба эҷоди ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад ва сатҳи бекориро коҳиш медиҳад. Бидуни шак, навовариҳои муваффақ метавонанд сармоягузорони ватанӣ ва хориҷиро ҷалб кунанд. Ин сармоягузорӣ метавонад ба рушди минбаъдаи технология ва тавсеаи иқтисодӣ оварда расонад. Маълум аст, ки тиҷоратикунонии инноватсия ба диверсификатсияи иқтисоди миллӣ низ мусоидат мекунад. Бо рушди соҳаҳои нав ва коҳиши вобастагӣ аз захираҳои анъанавӣ (ба монанди нафт ва газ), иқтисод устувортар мешавад.

Навовариҳои тиҷоратӣ одатан ба беҳтар шудани равандҳои истеҳсолӣ, кам шудани хароҷот ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ оварда мерасонанд. Ин ба баланд бардоштани даромаднокии ширкатҳо ва беҳтар кардани нишондиҳандаҳои умумии иқтисодиёт мусоидат мекунад. Маҳсулот ва хидматҳои инноватсионӣ метавонанд ба бозорҳои байналмилалӣ ҳамчун содироти нав интиқол дода шаванд. Ин ба афзоиши воридоти асъор ва беҳтар кардани тавозуни савдои кишвар мусоидат мекунад. Тиҷоратикунонии инноватсия ба рушди технологияҳои пешрафта ва афзоиши донишҳои техникӣ дар ҷомеа оварда мерасонад. Ин дар навбати худ ба эҷоди давраҳои нави навоварӣ

ва пешрафт кӯмак мекунад. Навовариҳои тиҷоратӣ метавонанд дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва экологӣ, аз қабили ифлосшавӣ, норасоии захираҳо ва тағйирёбии иқлим кӯмак кунанд. Ин ба беҳтар шудани сифати зиндагӣ ва устувории экологӣ оварда мерасонад. Тиҷоратикунонии бомуваффақияти инноватсия ба таҳкими экосистемаи инноватсионии кишвар мусоидат мекунад. Ин экосистема донишгоҳҳо, марказҳои тадқиқотӣ, стартапҳо, ширкатҳои калон ва ҳукуматро дар бар мегирад, ки дар якҷоягӣ ба эҷод ва рушди навоварӣ мусоидат мекунанд.

### §1.3. Таҷрибаи хориҷии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ

Муаммои тиҷоратикунонии навоварӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳалталаб дар тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Маҳз тавассути тиҷоратикунонии навовариҳо, аксари кишварҳои мутараққӣ тавонистанд дар бозори байналхалқии маҳсулоти технологӣ мақоми ба худ муносибро ишғол намоянд, ки ин нишонаи муваффақ гардидан ба натиҷаҳои тиҷоратикунонии навоварӣ дар асоси самаранок истифода бурдани механизмҳои танзими он мебошад.

Омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ имкон медиҳад, ки роҳу услуҳои пешқадами танзим ва ҳавасманд гардонидани фаъолияти навҷорисозӣ ва тиҷорати он дар кишвари мо ба роҳ монда шавад. Дар баробари ин, бояд хусусиятҳои хоси инкишофи иқтисоди миллӣ, шароити маҳал, нерӯи захиравӣ ва муҳити иҷтимоиву иқтисодии кишвари мавриди таваҷҷуҳ ба назар гирифта шавад. Бояд гуфт, ки кишварҳои пешрафтаи ҷаҳони муосир дар мавриди тиҷоратикунонии навовариҳо таҷрибаи ғанӣ андӯхтаанд ва омӯзиши таҷрибаи ин давлатҳо албатта дар шароити кишвари мо хеле муассир хоҳад буд.

Барои инкишофи раванди навоварӣ дар бозор ҳар як кишвари пешрафта муҳити тиҷорати навоварии ба худ хос дошта, вобаста ба шароити институтсионалӣ, аз ҷумла вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар омилҳо ба таври куллӣ фарқ мекунанд. Вале механизмҳое, ки бо

дарназардошти талаботи ҷаҳонӣ барои ташаккул додани муҳити тиҷорати навоварӣ таҳия шудаанд, дар аксари кишварҳои ҷаҳон яктела истифода гардида, фарқиятҳои кам доранд. Механизмҳои асосие, ки дар ҷаҳон барои ташаккул ва истифодаи тиҷоратикунонии навовариҳо истифода мегарданд, дар расми 1.3.1. оварда шудааст.

**МУҲИТИ ТИҶОРАТИКУНОНИИ НАВОВАРӢ**

| ТАЪМИНИ МЕЪЁРӢ-ҲУҚУҚӢ | ТАЪМИНИ ИНФРАСОХТОР | УСУЛИ ДАСТГИРӢ ВА ҲАВАСМАНДГАРДОНӢ |
|---|---|---|
| - таъмини ҳимояи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ;<br>- таъмини ҳамкориҳои байни давлат, тиҷорат ва илм | - ташкили марказҳои тадқиқоти навоварӣ;<br>- ташкили фондҳои махсуси тадқиқ ва амалисозии навоварӣ | - пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, субсидия ва дотатсия, грант ва қарзҳои имтиёзнок;<br>- таъмини иттилоотӣ ва мураттабӣ |

**РУШДИ БОСУБОТИ ТИҶОРАТИКУНОНИИ НАВОВАРӢ**

**Расми 1.3.1. - Механизмҳои ташаккулёбии муҳити тиҷоратикунонии навоварӣ**

Сарчашма: Дар асоси адабиёти зерин таҳия гардидааст [157, 212].

Механизми аз ҳама муҳим барои ҳалли мушкилоти тиҷоратикунонии навоварӣ ва ҷорӣ намудани маҳсулоти навоварӣ дар бозор, ин санадҳои меъёриву ҳуқуқии вобаста ба навоварӣ, ки дар асоси санадҳои дахлдори қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, шартномаҳои байналмилалӣ (аз ҷумла раванди тиҷоратикунонии навоварӣ) амал мекунанд, ба ҳисоб меравад. Аммо, албатта, ин санадҳо дар кишварҳои мухталиф ба таври гуногун истифода мегарданд, ки аз характери рушди иқтисодии ин кишварҳо вобаста мебошад. Вобаста ба ин, мо кишварҳои дар заминаи тиҷорати навоварӣ ба муваффақияти муайян ноил гардидаро ба се дастаи асосӣ ҷудо намудаем, ки дар идома бо тартиби хос ба омӯзиши таҷрибаи онҳо мепардозем.

Гурӯҳи якумро кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ташкил медиҳанд, ки ба он умдатан (аз нигоҳи рушди тиҷорати навоварӣ) Олмон, Британияи Кабир, Финляндия, Шведсия, Фаронса ва Ҳолланд дохил мешаванд. Албатта, дигар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ низ дар бахши тиҷорати навовариҳо комёбиҳои назаррас доранд, вале таҷрибаи онҳо аз дагар кишварҳои минтақаи мазкур зиёд фарқ намекунанд.

Дар Олмон донишгоҳҳо ҷиҳати тавлиди дониш бо ҳам ҳамкорӣ менамоянд. Дар ин кишвар 346 донишкадаи олӣ мавҷуд буда, 170-тои онҳо дар соҳаи илмҳои амалӣ ба кори таълимӣ ва таҳқиқотӣ машғуланд. Донишгоҳҳо барои тадқиқот тарҳрезӣ шудаанд, онҳо наметавонанд дар як вақт ба фаъолияти маркетингӣ ва тиҷорат машғул бошанд. Аммо ин маънои онро надорад, ки донишгоҳҳои Олмон ба тиҷорати навоварӣ машғул нестанд. Онҳо фановариҳои навро ба марказҳои омӯзиш интиқол медиҳанд, ки дар сохтори таркибии ширкатҳо фаъолият менамоянд. Дар марказҳои омӯзишӣ имконоти ба истеҳсолот баровардани навовариҳои пешниҳодшуда баррасӣ мешаванд. Ба ҳисоби миёна аз 500 лоиҳаи навоварӣ яке ба истеҳсолот роҳ меёбад. Дигар навовариҳо барои истеҳсолоти оянда пешбинӣ мешаванд ва ё дар ҷараёни истеҳсоли навовариҳои дигар чун замина хизмат мекунанд.

Ду провайдери асосии хидматрасонии интиқоли фановариҳо дар Олмон “Ҷамъияти Фраунгофер оид ба пешбурди таҳқиқоти амалӣ” ва “Сандуқи Штейнбейс” мебошанд. Ҷамъияти Фраунгофер асосан ба фаъолияти тадқиқотӣ ва конструкторӣ машғул аст, Сандуқи Штейнбейс бошад бо мизоҷон кор мекунад. Ҷамъияти Фраунгофер ва Сандуқи Штейнбейс бо ширкатҳои пурқуввати тиҷоратӣ ҳамкории зич доранд: онҳо медонанд, ки бозор чӣ гуна инкишоф меёбад, кадом тамоюлҳо дар он ба вуҷуд меоянд, системаҳои банақшагирии истеҳсолот доранд [159, с.28].

Солҳои охир воситаи нави ҳамгироии фаъолияти инноватсионӣ, таълимӣ ва тадқиқотӣ бо номи “Платформаи кушодаи инноватсионӣ” васеъ паҳн шудааст. Платформаи мазкур механизми ҳамоҳангсозии равандҳои ҳамкории илм ва истеҳсолот тавассути тиҷоратикунониро таҷассум намуда, фазои сифатан нави ҳамкории байни соҳаҳои илм, маориф ва тиҷоратро фароҳам меоранд. Ин моделро ба таври дигар “Секунҷаи дониш” низ меноманд. Айни ҳол, чунин модели ҳамкорӣ дар Финляндия нисбатан инкишоф ёфтааст. Ба вижа аломатҳои нисбатан барҷастаи онро дар минтақаи Тампере дар мисоли ҳамкории донишгоҳҳо, ширкатҳои тиҷоратӣ ва марказҳои тадқиқотӣ баръало дидан мумкин аст. Хусусиятҳои умдатарини чунин модели ҳамкориро ба таври зерин метавон тавсиф кард. (нигаред ба ҷадвали 1.3.1.)

Дар Финляндия ба тиҷоратикунонии навовариҳо аҳаммияти зиёд дода мешавад. Метавон қайд кард, ки хусусиятҳои системаи тиҷоратӣ навоварӣ дар Финляндия инҳоянд [37, с.92]:

- ташкили марказҳои тиҷоратикунонӣ бо паркҳои саноатӣ;
- маблағгузории бевоситаи лоиҳаҳои тиҷоратикунонӣ тавассути грантҳо ва қарзҳо;
- ташкили марказҳои тиҷоратӣ ҳамчун воситаи иқтисодиёти ба содирот нигаронидашуда;
- ҳамкории зичи марказҳои тиҷоратӣ бо шарикони хориҷӣ (шабакаҳо, ҷомеаҳо, сармоягузорон, ширкатҳо);
- мавҷудияти тақсимоти минтақавӣ ва соҳавӣ.

Тиҷоратикунонии навоварӣ дар Британияи Кабир таърихи дуру дароз дорад. Дар ин кишвар аз қадимулайём тиҷорат яке аз манбаъҳои асосии даромади миллӣ ба ҳисоб меравад. Маълум аст, ки маҳз тавассути британиявиҳо фановариҳои нав ба машриқзамин, Ҳинд ва Чину Ҷопон паҳн шудааст.

**Ҷадвали 1.3.1. - Бартариятҳои модели “Секунҷаи дониш” дар бахши тиҷоратикунонии навоварӣ**

| БАРТАРИЯТ | САМАРА |
|---|---|
| ТАМАРКУЗ БА АРЗА | Бо таваҷҷуҳ ба зарфият ва тавоноии марказҳои тадқиқотӣ лоиҳаҳои навоварӣ ба нақша гиифта мешаванд. Барои дар амал татбиқ намудани он маблағҳои зарурӣ аз сарчашмаҳои мухталиф ҷамъоварӣ мешаванд. Масъулини иҷрои лоиҳа барои иҷрои амалҳои худ муаззаф шуда доираи вазифаҳои тарафҳои мухталиф муайян мешаванд. |
| ТАМАРКУЗ БА ТАҚОЗО | Дар ин равиш тақозо дар ҳоли ҳозир ва барои соҳои наздик пешгуӣ мешавад. Натиҷаи пешгӯиҳо ба баланд бардоштани самаранокии бахши давлатӣ тавассути хариди маҳсулоти инноватсионӣ, оммавӣ гардонидани фаъолияти инноватсионӣ ва ба кор андохтани нерӯи аҳолии босавод, такмили механизмҳои идоракунии моликияти зеҳнӣ дар ширкатҳо ва донишгоҳҳо мусолидат менамояд. |
| ТАМАРКУЗ БА ИСТЕҲСОЛОТ | Секунҷаи дониш асосан дар муҳити кластерҳои минтақавии саноатӣ арзи ҳастӣ мекунад. Ин кластерҳо ҳомии асосии донишгоҳҳо ва марказҳои тадқиқотӣ ба шумор меравад. Навовариҳо бештар барои эҳтиёҷоти истеҳсолии онҳо банақша гирифта мешавад ва амалӣ мегардад. |
| ТАМАРКУЗ БА ВУСЪАТИ БОЗОР | Секунҷаи дониш ба инкишофи бозор нигаронида шудааст. Пеш аз ҳама бозорҳои мамлакатҳои ҳамҷавор, баъдан кишварҳо рӯ ба инкишоф мавриди омӯзиш ва экспансия қарор мегиранд. Ҳаҷми зиёди истеҳсоли молу хадамоти инноватсионӣ аз вижагиҳои ин равиш мебошад. |
| ТАМАРКУЗ БА КОРҲОИ ИЛМИЮ ТАДҚИҚОТӢ ВА ОЗМОИШИВУ КОНСТРУКТОРӢ (НИОКР) | Инфрасохтори корҳои илмию тадқиқотӣ ва озмоишиву конструкторӣ пайваста дар ҳолати таҷдид ва азнавсозӣ аст. Аз тарафи дигар Финляндия кишварест, ки ба омода намудани муҳандисони сатҳу соҳаҳои мухталиф шуҳратёр мебошад. Мувофиқ бо модели “Секунҷаи дониш” омода намудани мутахассисони баландпоя, пеш аз ҳама муҳандисони фановариҳои электронӣ, ва ҷалби онҳо ба корҳои илмию тадқиқотӣ ва озмоишиву конструкторӣ аз афзалиятҳои фаъолияти тиҷоратикунонии навовариҳои шинохта шудааст. |

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст.

Имрӯзҳо сиёсати илм, технология ва инноватсия дар Британияи Кабир тавассути “Раёсати соҳибкорӣ, инноватсия ва таҳсилоти касбӣ”, ки мақоми асосии ҳокимияти иҷроия мебошад, барои таҳия,

маблағгузорӣ ва идоракунии илм ва тадқиқот дар кишвар амалӣ карда мешавад. Дар баробари ин, Британияи Кабир ба иқтидори илмию технологии мактабҳои олӣ ва лабораторияҳои давлатӣ ва системаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ, муҳандисию техникӣ аҳаммияти ҷиддӣ медиҳад.

Шуроҳои Тадқиқотии Британияи Кабир (Research Councils UK), ки шарикии ҳафт шурои тадқиқотӣ дар соҳаҳои гуногуни илмро таъмин менамояд, фаъолияти бисёрҷонибаи худро дар бахши навоварӣ ва тиҷорати он босамар ба роҳ мондааст. Ин ташкилот тадқиқоти фундаменталии илмиро дастгирӣ намуда, ҳар сол миллиардҳо фунт стерлинг барои тадқиқоти бунёдӣ ва амалӣ сармоягузорӣ мекунад. Давлат ҳамаҷониба фаъолияти навҷорисозиро дастгирӣ менамояд. А.Ҷ. Ятимов қайд мекунад, ки “Механизми калидии дастгирии давлатии рушди илм ва технологияҳои пешрафта дар Британияи Кабир имтиёзҳо дар пардохти андоз ба ташкилотҳое мебошад, ки ба НИОКР машғул мебошад. Нақши муҳимро инчунин дастгирии иттилоотии фаъолияти инноватсионӣ мебозад. Бо ин мақсад агентии инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва такмили ихтисос дар сомонаи расмии худ ҳаҷми калони мадорикро ҷой медиҳанд, ки онҳо метавонанд барои иштирокчиёни раванди инноватсионӣ муфид бошанд” [165, с.117].

Дар Фаронса се система мавҷуд аст, ки дар онҳо тадқиқоти бунёдӣ (фундаменталӣ) ва амалӣ, роҳандозӣ карда мешавад.

Дар раванди тиҷоратикунонии навовариҳо нақши донишгоҳҳои Фаронса он қадар назаррас нест (тақрибан, 20-30%). Бештари навовариҳо натиҷаи фаъолияти марказҳои тадқиқотии илмҳои бунёдӣ мебошад. Хусусияти фарққунандаи навоварӣ қисми асосии заминаҳои донишгоҳҳои Фаронса барои дастгирии корҳои лабораторӣ мебошад.

Дар донишгоҳҳо ва мактабҳои муҳандисӣ намудҳои гуногуни лабораторияҳо мавҷуданд. Аз ҷумла:

✓ лабораторияҳои тадқиқотии муштарак (UMR - Unités Mixtes de Recherche);

✓ лабораторияҳои тадқиқотии донишгоҳӣ (EA – Équipes d'Accueil);

✓ лабораторияҳои байналмилалии ҷамъиятӣ (LIA – Laboratoires Internationalaux Associates).

Ҳамаи ин лабораторияҳо бо дастгирӣ ва танзими бевоситаи структураҳои асосии давлатӣ фаъолият мекунанд. Инчунин вақтҳои охир дар ҳудуди технопаркҳо ва технополисҳо ҷойгир кардани лабораторияҳои илмии донишгоҳҳо низ зуд-зуд ба мушоҳида мерасад, ки бешубҳа, ба тиҷоратикунонии натиҷаҳои навовариҳо мусоидат мекунад.

Инчунин, муассисаҳои давлатии саноатӣ ва тиҷоратӣ, ки марказҳои илмии миллии Фаронсаро намояндагӣ мекунанд, аз инҳо иборат мебошанд:

ADEME – экология;

CNES – кайҳон;

CEA - энергияи ҳастаӣ;

ANVAR - Агентии миллии инноватсия.

Инҳо иттиҳодияи ҷамъиятӣ-хусусӣ ё агентиҳо ва бонки венчурӣ буда, махсусан барои расонидани кӯмаки муассир ба лоиҳаҳои ширкатҳои хурд тавассути пешниҳоди қарзи бефоиз тибқи шартнома ва бидуни шартҳои гарав ё кафолат пешбинӣ шудааст [38, с.248].

Сиёсати инноватсионии Фаронса бештар ба рушди инкубаторҳои корхонаҳои инноватсионии кишвар равона шудааст. Вобаста ба он, ба тадқиқотҳои илмӣ, ки асосан бо ташаббуси муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар сатҳи минтақавӣ роҳандозӣ карда мешаванд, зиёдтар эътибор медиҳанд. Мақсади таъсиси инкубаторҳо мусоидат ба эҷоди навовариҳо мебошад, ки аз ҷониби ширкатҳои хурд барои эҷод намудани маҳсулоти нав (инноватсия) ва технология равона карда шудааст. Дар ин ҳолат,

харидорони асосии маҳсулоти нав корхонаҳои хурду бузург баромад мекунанд. Яъне як механизми муназзами тиҷоратикунонии навовариҳо амал мекунад. Таҳлилҳо нишон додаанд, ки аксари навовариҳое, ки аз ҷониби инкубаторҳо пешниҳод шудаанд ва тиҷоратикунонида шудаанд, ба такрористеҳсоли васеъ фаро гирифташудаанд. Яъне дар истеҳсолот муфид будани худро собит кардаанд [38, с.251].

Дар Фаронса сиёсати андозии муназзаме амал мекунад, ки ба рушди корхонаҳои инноватсионӣ равона шудааст. Инчунин, як корхонаи сармоягузории инфиродии дорои хавфи баланд (IIPPR) мавҷуд аст, ки ба соҳибкорон имкон медиҳад, ба лоиҳаҳои худ сармоягузорӣ намоянд ва таҷрибаи худро ба корхонаҳои навтаъсис интиқол диҳанд. Соҳибкороне, ки ба фаъолияти тиҷоратикунонии навоварӣ машғул мешаванд, агар ғояҳои навро ҷорӣ намояд, барои 10 сол аз андози корпоративӣ ва андози даромад озоданд. Ҳамзамон, саҳми муҳимро дар ин самт ширкатҳои стартап, ки бевосита ба навоварӣ машғуланд, мебозад. Корхонаҳое, ки ба тиҷоратикунонии навовариҳо дар Фаронса машғуланд, аз тарафи давлат дастгирии молиявӣ (субвенсия) карда мешаванд. Дар маҷмуъ, раванди тиҷоратикунонии навовариҳоро дар Фаранса ба шакли зерин метавон тасвир кард (расми 1.3.2.).

Гурӯҳи дуюмро кишварҳои Осиёи Шарқӣ ба мисли Ҷопон, Ҷумҳурии мардумии Чин, Индонезия, Сингапур ва амсоли инҳо ташкил медиҳанд. Хусусияти хоси таҷрибаи ин давлатҳо дар он мебошад, ки дар бозор сегментҳои хосро ҳадаф қарор медиҳанд ва барои дар як бахши бозор мавқеи худро мустаҳкам намудан тамоми саъю кӯшиши худро сарф мекунанд. Барои ин давлатҳо, сифат муҳимтарин нишондиҳандаи самаранокии фаъолияти навоварӣ ва мувофиқан, баҳои он дар раванди тиҷорати навовариҳо мебошад.




**Расми 1.3.2. - Модели тиҷоратикунонии навоварӣ бо усули фаронсавӣ (таҳияи муаллиф)**

Дар Ҷопон, масалан, ба бастани шартномаҳои дарозмуддат бо муштариён бештар аҳаммият медиҳанд. Баъд аз баста шудани шартномаҳои ҳамкорӣ дар робита ба интиқоли фановариҳо, фурӯш, бурда насб намудан, кафолат ва дигар хадамоти баъд аз фурӯш, ширкатҳои Ҷопонӣ ҳаргиз шартномаро нақз намекунанд. Ширкатҳои ҷопонӣ, ки ба ҳайаташон омӯзгорон (муҳаққиқон) тааллуқ доранд, бо марказҳои интиқоли технологияҳои донишгоҳҳо (TTCS) ҳамкории зич доранд ва дар тиҷоратикунонии технологияҳои донишгоҳӣ кӯмак мекунанд. Илова бар ин, Ҳукумати Ҷопон барои хароҷоти амалиётҳои тиҷорати нававарӣ маблағи муайяни кумакпулӣ ҷудо мекунад [58,с.114].

Иқтисоди Чин дар асоси тиҷоратикунонии технология пеш меравад. Тибқи маълумоти бонки ҷаҳонӣ, иқтисоди Чин баъд аз соли 2020 аз иқтисоди ИМА пеш гузаштааст. ИМА то соли 2011 бузургтарин иқтисоди ҷаҳон буд, аммо Чин тавонист ин рекордро шикаст диҳад ва ҳамчун яке аз довталабони асоси иқтисоди бузурги олам баромад кунад. Мақомоти Чин чунин мешуморанд, ки дар замоне, ки истифодаи технологияҳои нав ва таваҷҷуҳ ба ин бахш метавонад даромад ба даст орад, бояд ба ин бахш диққати бештар дода шавад.

Давлати Чин айни замон ба ҳашт бахши асосӣ, аз қабили микроэлектроника, компютерҳо, таҷҳизоти коммуникатсионӣ, энергетикаи ҳастаӣ, биотехнология, химия, авиатсия ва кайҳон тамаркуз карда, ба муҳаққиқон ё олимоне, ки дар ин соҳаҳо кор мекунанд, маблағҳои назаррас ҷудо мекунад. Бахши низомӣ яке аз бахши серимтиёзи Чин аст ва ҳамеша лоиҳаҳо ё технологияҳои наве, ки дар ин бахш муаррифӣ шаванд, истиқбол карда мешаванд.

Яке аз нававариҳое, ки Чин дар соҳаи тиҷоратикунонии технология ва натиҷаҳо кардааст, даъват кардани ширкатҳои хориҷӣ барои сармоягузорӣ ба кишвар мебошад. Департаменти Вазорати илм ва техникаи Ҷумҳурии мардумии Чин барои муҳаққиқон маблағҳои зарурӣ

фароҳам оварда бо институтҳои илмӣ-тадқиқотии донишгоҳҳо ва вазоратҳои саноат ва технология, тандурустӣ ва кишоварзӣ имтиёзҳо дадааст, то ки донишгоҳҳо аз потенсиали дар дигар вазоратҳо ҷойдошта истифода баранд.

Омилҳои муҳимтарини рушди тиҷоратикунонии навовариҳоро дар ҶМЧ ба таври зерин метавон хулосабандӣ намуд (ҷадвали 1.3.2.).

**Ҷадвали 1.3.2. - Омилҳои муваффақияти тиҷоратикунонии навовариҳоро дар ҶМЧ**

| ОМИЛ | ТАВСИФ |
|---|---|
| Рақобати шадид | Дар Чин шакли солимтарин рақобат амал мекунад. Илова бар ин, шумораи зиёди аҳолӣ, рушди корхонаҳои хурду миёна, алоқамандии зич бо ширкатҳои хориҷӣ сатҳи рақобатро дар Чин хеле боло мебарад. Вобаста ба ин, тиҷоратикунонии наовариҳо низ дар чунин шароити мураккаби рақобатӣ аз суръати баланди инкишоф бархурдор мебошад. |
| Соҳибкории оммавӣ | Соҳибкорӣ дар Чин машғулияти оммавӣ аст. Соҳибкорони чинӣ ҳатман ба молу маҳсулотҳои худ тобишҳои ҷузъии хусусияти навгонӣ дошта илова мекунанд. Ҳамин тавр, дар як муҳити кучак ҳам навоварӣ коркард мешавад, ҳам ба истеҳсолот ҷорӣ мешавад ва ҳам тиҷоратикунонида мешавад. |
| Маблағҳои бузурги давлатӣ ва хусусӣ барои тадқиқоти илмӣ | Давлат ҳомии асосии фаъолияти навоварӣ аст. Дар Чин барномаҳои махсуси густариши фаъолити навоварӣ амал мекунанд, ки иҷроиши онҳо дар амал аз тарафи давлат ба таври ҷиддӣ назорат карда мешаванд. Дар доираи ин барномаҳо маблағҳои бузурги молиявӣ барои соҳибкорони навовар, тадқиқоти бунёдӣ ва тиҷоратикунонӣ, пешбинӣ шудаанд. |
| Мутобиқшавии зуд ба мартабаҳои нави технологӣ (технологический уклад) | Соҳибкорони чинӣ қобилияти зуд ба муҳити атроф мутобиқ шуданро доранд. Дар шароити кунунӣ, ки фановариҳои иттилоотӣ ва истеҳсолӣ зуд тағйир меёбанд, соҳибкорони чиниро водор менамояд ки ҳамеша ба ин дигаргуниҳо омода бошанд. Ва дар ин самт онҳо шояд аз ҳама пешсаф бошанд. |
| Бозори бузург | Чин дар дохили кишвар бозори бузургеро дар ихтиёр дорад. Аз ҷониби дигар, соҳибкорони чинӣ дар тамоми минтақаҳои олам тиҷорат ва доду гирифт доранд яъне имрӯз бозори аз ҳама бузургро Чин дар ихтиёр дорад. Аз ин рӯ, бозори бузургтарини тиҷоратикунонӣ ҳам дар ихтиёри Чин аст. |
| Равиши даромад меҳвар | Хусусияти муҳимми фаъолияти навоварӣ ва соҳибкорӣ дар Чин таваҷҷуҳ ба даромад ва фоида аст. Фаъолияте, ки даромади ночизе ҳам дошта бошад, аз мадди назари соҳибкорони чинӣ дур намемонад. |

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст.

Индонезия ва Сингапур низ аз кишварҳои аз нигоҳи навоварӣ пешрафта ба ҳисоб меравaнд. Тиҷорати навоварӣ дар ин кишварҳо низ дар пайравӣ ба Ҷопон ва Чин барномарезӣ шудааст.

Қисмати сеюми кишварҳоро кишварҳои пасошуравӣ дар бар мегиранд, ки ба таври мухтасар дида мебароем.

Ҷумҳурии Белорус яке аз кишварҳои нисбтан пешрафтаи ИДМ ба ҳисоб меравад. Асоси сиёсати инноватсионии Ҷумҳурии Беларусро барномаҳои мушаххасе, ки аз тарафи давлат роҳандозӣ карда мешаванд, ташкил медиҳад. Дар Ҷумҳурии Белорус "Барномаи давлатии рушди инноватсионӣ барои солҳои 2021-2025" қабул шудааст, ки аз ҷумла чорабиниҳои амалиро ҷиҳати таҳкими фаъолияти тиҷоратикунонии навовариҳо дар бар мегирад. Ҳадафи асосии ин барнома муаррифии маҳсулоти инноватсионии Ҷумҳурии Беларусро ҷиҳати баланд бардоштани рақобатпазирии он дар бозорҳои ҷаҳонӣ мебошад.

Сиёсати давлатии инноватсионӣ ва фаъолияти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Беларус аз тарафи давлат танзим ва роҳандозӣ карда мешавад. Яъне давлат дар ин самт хеле фаъол мебошад. Имрӯзҳо яке аз самтҳои асосие, ки Ҷумҳурии Беларус ба таври ҷиддӣ пайгирӣ менамояд, ин такмили низоми тиҷоратикунонии инноватсия бо таваҷҷуҳ ба баромадан ба бозорҳои Осиё ва Африқо мебошад. Дар ин замина, рушди ҳамкории байналмилалии илмию техникӣ ва инноватсионӣ, такмили сиёсати кадрӣ дар соҳаи инноватсионӣ мунтазам бозбинӣ мешавад [39, с.65].

Аммо таъмини иҷрои самтҳои дар боло зикршуда дар сурати рушди дурусти инфрасохтор имконпазир аст. Дар солҳои охир мавқеи Беларус дар шохиси глобалии инноватсионӣ боз ҳам мустаҳкамтар шуд. Тибқи маълумоти соли 2020, Беларус дар раддабандии 64-ум ва дар байни 37

кишвари даромади миёна дар ҷои 18-ум ва дар байни 37-ум қарор дорад [9].

Аз тарафи дигар дар Беларус мушкилоти рушди инноватсионӣ вуҷуд дорад, ки хусусияти такмилёбӣ ва рушдро дорад. Ботеновская Е. [6], омилҳое, ки рушди инноватсионии Ҷумҳурии Беларус ва тиҷоратикунонии онро метавонанд маҳдуд кунанд, ба таври зерин тасниф намудааст:

- омилҳои структурӣ ва иқтисодӣ дохил мешаванд. Онҳо ба ташаккули рушди моликияти зеҳнӣ ва пайдоиши навоварӣ таъсир мерасонанд.

- омилҳои ташкилӣ, аз қабили суст инкишоф ёфтани инфрасохтори инноватсионӣ, таъминоти нокифояи ҳуқуқии фаъолияти илмию техникӣ ва инноватсионӣ, нарасидани кадрҳои баландихтисос ва ғ.

- омилҳои молиявӣ, ки аз тарафи давлат ё секторҳои хусусӣ ҷиҳати сармоягузории корҳои навоварона сарф мешаванд.

Фазои мусоиди инноватсионӣ барои фароҳам овардани шароит ҷиҳати тиҷоратикунонии навоварӣ ҳамчун нишондиҳандаи самараноки татбиқи сиёсати инноватсионии давлат метавонад таъсири мусбӣ расонад.

Федератсияи Россия аз кишварҳои бонуфузи олам аст. Яке аз самтҳои асосие, ки Россия пеша кардааст, ин тиҷоратикунонии навоварӣ барои баланд бардоштани иқтисодиёти кишвар мебошад. Ин тақозо мекунад, ки иқтидори илмии кишвар бо роҳи сармоягузорӣ ба самти навоварӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳия ва татбиқи технология ва маҳсулоти нав, техникаи нав ва дигар навовариҳо амалӣ карда шаванд.

Сиёсати имрӯзаи давлат дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ такмил додани самти хоҷагидорӣ бо такя ба усулҳои мухталифи иқтисодӣ,

ташкил намудани фазои мусоид ҷиҳати дарёфти ғояи навоваронадошта ва тиҷоратикунонии навовариҳо равона карда шудааст [2, с.112].

Дар Россия рушд ва тиҷоратикунонии инноватсионӣ бештар дар самтҳои афзалиятноки давлатӣ ба монанди истихроҷи маъдан, нафту газ, коркарди чуб, саноати нассоҷӣ, металлургия ва кишоварзӣ авлавият дода мешавад. Масъалаи дуюм, ин сармоягузорӣ ба инфрасохтор, ба роҳ мондани истеҳсолот ва харидорӣ намудани таҷҳизот инчунин такмил додани соҳаи маркетингӣ мебошад.

Дар иқтисодиёти Россия соҳаҳое ҳастанд, ки аз ҷиҳати рушди инноватсионӣ умедбахшанд. Инноватсия аксар вақт сармоягузориҳои калонро талаб мекунад. Соҳаҳои дорои ҳаҷми зарурии истеҳсолот (масалан, саноати нефту газ, энергетика, металлургия) метавонанд муҳаррики асоси барои ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам ва марказҳои миллии инноватсионӣ гарданд.

Солҳои охир тиҷорати навоварӣ дар Россия низ аз маъруфияти хос бархурдор шуда истодааст. Дар ин самт, тақрибан пурра асоси қонунӣ ва меъёрӣ ташкил карда шудааст. Инчунин, дар ин кишвари паҳновар давлат ба логистикаи тиҷорати навовариҳо аҳаммияти бештар медиҳад. Интиқоли фановариҳо ба хориҷа барои Россия сол аз сол душвортар шуда истодааст.

Тибқи маълумоти оморӣ, тавозуни интиқоли фановариҳо (трансфер технологии) дар Россия манфӣ буда, дар солҳои охир тафовут то ба андозаи 150 маротиба зиёд шудааст [35, с.60]. Ҳол он ки арзиши мутлақи пардохтҳо дар Россия назар ба мамлакатҳои тараққикарда даҳ баробар кам аст. Вазъияти кунунӣ, бӯҳрони системавии истеҳсолӣ ва технологиро таҳдид мекунад. Ин ба бисёр соҳаҳои саноат, масалан, металлургия, саноати химия, истеҳсоли хӯрокворӣ ва ғайра дахл дорад. Вазъият дар натиҷаи таҳримҳои кишварҳои Ғарбӣ ба муқобили

Федератсияи Россия тезу тунд мегардад. Аз ин рӯ, самти рушд дар оянда бояд ба интиқоли технологияҳо дар дохили кишвар нигаронида шавад.

Узбекистон низ солҳои охир ба дастовардҳои муайян ноил гардидааст. Дар байн солҳои 2000 то 2016 Узбекистон сиёсати дарҳои пушидаро интихоб карда буд. Маҳз дар ҳамин давра иқтидори инноватсионии кишвар ташаккул дода шуд. Корхонаҳои муштарак бо сармояи хориҷӣ бунёд гардиданд, ки ба истеҳсоли молу хизматрасониҳои хусусияти навгонидошта машғул мебошанд. Баъд аз соли 2017 ва комилан боз шудани сиёсати хориҷии Узбекистон интиқоли фановариҳо аз Узбекистон ва ба Узбекистон вусъати тоза пайдо кардааст.

Дар ин кишвар Стратегия миллии рушди илм то соли 2030 қабул гардидааст, ки афзалиятҳои зеринро дар сиёсати навҷорисозӣ дар назар гирифтааст, ки аз ҷумла инкишофи минбаъдаи тиҷоратикунонии навовариҳоро инъикос менамояд:

- якум, такмил додани системаи идоракунӣ дар соҳаи илм;
- дуюм, такмили системаи маблағгузории илм ва фаъолияти илмӣ, инчунин диверсификатсияи манбаъҳои маблағгузорӣ;
- сеюм, тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва инженерию техникӣ ва ба фаъолияти илмӣ равона намудани онҳо;
- чорум, бунёди инфрасохтори муосир барои рушди илм;
- панҷум, ташаккули муҳити муосири иттилоотӣ, ки ба рушди илм мусоидат мекунад.
- шашум, ҷустуҷӯи роҳҳои интиқоли маҳсулоти илмӣ ба хориҷи кишвар [42].

Ҳамин тавр, омӯзиши таҷрибаи хориҷии тиҷоратикунониии навовариҳо нишон медиҳанд, дар шароити кунунӣ кишварҳои мухталиф ҷиҳати босамар ба роҳ мондани интиқоли навовариҳо аз роҳу услуҳои зиёде истифода мебаранд. Таҷрибаи Ҷопон, Чин, Финляндия ва дигар давлатҳои пешрафта барои кишвари мо хеле муассир метавонад бошад.

Аммо баро ин мо бояд аввал фазои хуби соҳибкории инноватсионии саноатиро дар кишвар ба роҳ монем. Тиҷорати саноатӣ, истифодаи эҷодкоронаи таҷрибаи дахлдори хориҷӣ бояд қисми таркибии сиёсати куллӣ дар соҳаи таҷдиди иқтисодиёти хурди кушод гардад, зеро, дар маҷмуъ, соҳибкорӣ, новобаста аз миқёси худ, раванди ягона ва ба ҳам алоқаманд мебошад. Бисёр олимон ва иқтисодчиёни Тоҷикистон бо ин хулоса розӣ ҳастанд. Нусхабардории кӯр-кӯрона ва таҷрибаи хориҷӣ ба воқеияти вазъи кунунии трансформатсионии давлати мо мувофиқат намекунад. Аз маҷмуи таҷрибаи хориҷӣ бояд танҳо он чизеро интихоб кард, ки ба хусусиятҳои мо мувофиқ бошад. Истифодаи усулҳои сиёсати давлатии рушди тиҷорати навоварӣ, ки дар боло оварда шуданд, барои ҳимояи соҳибкории навоварона дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он нақши асосӣ дошта, коркарди барномаҳои нави тиҷоратикунонии навовариро тақозо менамояд.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ЗАМИНАҲОИ АСОСӢ ВА ВАЗЪИ КУНУНИИ МЕХАНИЗМҲОИ ТИҶОРАТИКУНОНИИ НАВОВАРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## §2.1. Заминаҳои асосии рушди механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тоҷикистон роҳи инноватсионии рушдро ба сифати самти стратегии инкишофи иқтисоди миллӣ интихоб намудааст. Қайд намудан бамаврид аст, ки солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди босуботи нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар ва беҳтар гардидани сифати зиндагонии аҳолӣ мушоҳида мегардад. Тоҷикистон ба шарофати имкониятҳои ҷуғрофӣ ва табиии худ яке аз муҳимтарин кишварҳои Осиёи Марказӣ буда, бо иқтидори табиӣ ва иқтисодии худ дар минтақа мавқеи хоса дорад. То ба даст овардани истиқлолият, яъне то 9 сентябри соли 1991, иқтисодиёти кишвар ба нақшаҳои марказонидашудаи Маскав асос ёфта, дар таркиб Иттиҳоди шуравӣ нақши маҳдуд дошт ва дар муқоиса бо дигар ҷумҳуриҳои шӯравӣ нисбатан камтараққӣ буд. ММД-и Тоҷикистон дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ пасттарин аст. Соли 1988 ба ҳиссаи Тоҷикистон ҳамагӣ 8% ММД Иттиҳоди Шуравӣ рост омад, аз ҷумла 4% истеҳсоли саноатӣ ва 2,1% истеҳсоли кишоварзӣ, ки 8,41% - и он ба содирот ба дигар ҷумҳуриҳо рост меомад. Содироти Тоҷикистон ба кишварҳое, ки ба Иттиҳоди шӯравӣ дохил нестанд, танҳо 9,6% -и истеҳсоли холиси моддии ҷумҳуриро ташкил медод. Дар маҷмуъ, Тоҷикистон яке аз камбизоаттарин ҷумҳуриҳои собиқ иттиҳоди шӯравӣ буда, дорои аз ҳама камтарин ММД ва даромади ҳар сари аҳолӣ дар байни 15 ҷумҳурӣ ба шумор мерафт.

Сиёсати иқтисодии ҳукумат ин аст, ки Тоҷикистонро аз кишвари дорои иқтисоди агросаноатӣ ба кишвари саноатӣ табдил диҳад. Метавон гуфт, ки зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ

бевосита бо ҷалби сармояи нав ва бунёди корхонаҳои саноатӣ алоқамандии зиёд дорад.

Аз ин рӯ, чуноне ки маълумоти оморӣ собит менамоянд, солҳои охир дар ҳудуди мамлакат ҳаҷми сармоя нисбат ба солҳои пешин 3,5 маротиба зиёд гардида, дар соли 2023 шумораи корхонаҳои саноатӣ 3453 ададро ташкил дод, ки ин нисбати соли 2013 47,76% ё худ 1649 адад зиёд мебошад, ки шаҳодати рушди бемайлони иқтидори саноатӣ дар таркиби иқтисодиёти миллӣ мебошад.

Ҳамчунин, айни замон инкишофи иқтисодиёти Тоҷикистон аз ҳисоби рушди соҳаи савдо низ хело назаррас аст. Дар таркиби гардиши бозории истеъмолии аҳолӣ мавқеи асосиро савдои чакана ишғол менамояд. Мутобиқи маълумоти оморӣ гардиши савдои чакана дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023 48 518,5 млн. сомонӣ, ё худ 33 647,4 млн. сомонӣ нисбати соли 2010 зиёд мебошад (ҷадвали 2.1.1.).

**Ҷадвали 2.1.1. - Динамикаи нишондиҳандаҳои рушди макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | 2023/ 2010,% |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2015 | 2020 | 2022 | 2023 | |
| ММД, млн. сомонӣ | 24 707,1 | 50 977,8 | 83 958,3 | 118 181,7 | 130 791,5 | 5,29 |
| Аҳолии мамлакат, ҳаз. нафар | 7 621,2 | 8 551,2 | 9 716,8 | 10 078,4 | 10 288,3 | 1,35 |
| ММД ба ҳар сари аҳолӣ, ҳаз. сомонӣ | 3 285,8 | 6 031,7 | 8 922,2 | 11 838,8 | 12 868,8 | 3,91 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар кишвар, млн. сомонӣ | 11 913,0 | 16 925,0 | 32 440,0 | 42 988,0 | 46 857,0 | 3,93 |
| Ҳаҷми сармоягузорӣ, млн сомонӣ | 4 669,4 | 9 749,9 | 11 775,5 | 16 655,2 | 20 699,8 | 4,43 |
| Ҳаҷми умумии гардиши чакана, млн сомонӣ | 14 871,1 | 25 170,7 | 33 399,3 | 42 043,8 | 48 518,5 | 3,26 |
| Хизматрасонии пулакӣ (бо нархи соли ҷорӣ), млн. сомонӣ | 12 678,1 | 16 991,7 | 15 341,7 | 20 766,6 | 23 840,1 | 1,88 |
| Шумораи корхонаҳои хурди амалкунанда, адад | 3 890 | 5 176 | 4 919 | 4 455 | 4 455 | 114,5 |
| Шумораи муассиса ва ташкилотҳое, ки корҳои илмӣ-техникиро иҷро менамоянд (ТКИТ), адад | 56 | 66 | 82 | 80 | 80 | 142,8 |
| Алоқамандии ТКИТ бо шумораи корхонаҳои хурди амалкунанда,% | 1,43 | 1,27 | 1,66 | 1,79 | 1,79 | 80,18 |

Сарчашма: Дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. таҳия гардидааст [84, с.10-15].

Таҳлил нишон дод, ки аксари нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯ ба афзоиш мебошанд. Ин ҳолат гувоҳи он аст, ки дар кишвар ботадриҷ фазои мусоиди татбиқи стратегияи такмили фаъолияти навҷорисозии субъектҳои иқтисодӣ, махсусан дар самти инкишофи тиҷоратикунонии навовариҳо, фароҳам мешавад. Вобаста ба ин, ҳама гуна тавсияҳое, ки ҷиҳати такмили механизми тииҷоратикунонии навовариҳо пешниҳод мешаванд, бояд ҷуқур омӯхта шаванд ва ба қадри имкон татбиқ шаванд.

Рушди бемайлони шумораи корхонаҳои хурд, ки ҷавҳари асосии тиҷорати навоварӣ дар кишвар мебошанд, яке аз нишондиҳандаҳои асосии рушди босуботи иқтисодиёти кишвар дар маҷмуъ ва минтақаҳои он дар алоҳидагӣ маҳсуб меёбанд.

Маълумоти омории дар боло овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки шумораи корхонаҳои хурд дар давраи 2010-2023 то 50% афзоиш ёфтаанд, ки ин нишонаи баланд будани иқтидори соҳибкорӣ дар миқёси кишвар мебошад. Вобаста ба ин, шарти асосии рушди механизми тиҷорати навоварӣ дар кишвар ин ҷалби соҳибкорони ватанӣ ба фаъолияти навоварӣ мебошад, ки метавонад боиси истифодаи самараноки иқтидори навоварӣ ва сарчашмаҳои нави молиягузорӣ гардад.

Дар маҷмуъ, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳама самтҳои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ тамоюли инкишофи мусбиро касб кардааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки вазъи иқтисодию иҷтимоии кишвар нисбати солҳои сипаригардида ба маротиб рушд намуда истодааст. Аммо ҳанӯз дар кишвар заминаҳои воқеии рушди иноватсионӣ ва тиҷорати самараноки навовариҳо ба вуҷуд наомадааст. Ҷудо намудани манбаҳои асосии рушди иқтисоди миллӣ, ки навовариҳо дар он нақши калидӣ дошта бошанд, гузаронидани тадқиқотҳои густардаро тақозо менамоянд.

Дж. Козметский [22, с.62], ки яке аз олимони маъруф дар ин соҳа мебошад, рушди устувори иқтисодиётро аз манбаҳои зерин иборат медонад (расми 2.1.1.). Аммо барои ба ҳаракат даровардани манбаҳои мазкур ташаккули бозори навовариҳо шарти муҳимтарин мебошад. Яъне манбаҳои мазкур ҳамон вақт ба раванди самараноки такрористеҳсол фаро гирифта мешаванд, ки агар бозори мувофиқ ҷиҳати гардиши онҳо вуҷуд дошта бошад.




**Расми 2.1.1. - Манбаҳои асосии рушди иқтисодиёт**

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Бозори инноватсионӣ ба фазое ишора мекунад, ки дар он ғояҳо, маҳсулот, хидматҳо ва технологияҳои инноватсионӣ пешниҳод ва талабот доранд. Бозор метавонад ҷисмонӣ (масалан, намоишгоҳҳои технологӣ ё марказҳои инноватсионӣ) ё рақамӣ (масалан, платформаҳои онлайн) бошад. Мақсади асосии бозори инноватсионӣ мусоидат ба ҳамкорӣ байни таъминкунандагони инноватсия (масалан, тоҷирон, ихтироъкорон ва ширкатҳои технологӣ) ва истеъмолкунандагон (масалан, ширкатҳо, сармоягузорон ва истеъмолкунандагон) мебошад.

Бозори инноватсионӣ ҳамчун пули байни таҳиягарони ғояҳо ва сармоягузорон ё муштариён хизмат мекунад ва ба рушди технологияҳои нав мусоидат мекунанд. Соҳибкорон ва ширкатҳои инноватсионӣ метавонанд тавассути ин бозорҳо сармоя ҷалб кунанд. Аз тарафе бозори инноватсионӣ ба мубодилаи дониш ва таҷриба байни иштирокчиён мусоидат мекунад. Ин фазо ҳамзамон ҳам рақобат ва ҳам ҳамкории байни субъектҳои гуногунро ташвиқ мекунад.

Намудҳои бозорҳои инноватсионӣ:

- бозорҳои ҷисмонӣ ба монанди намоишгоҳҳои технологӣ, марказҳои инноватсионӣ ва технопаркҳо.

- бозорҳои рақамӣ - платформаҳои онлайнӣ мебошанд, ки ба талабот ва пешниҳоди навоварӣ нигаронида шудаанд.

- бозорҳои махсус, яъне бозорҳое, ки ба соҳаҳои мушаххас нигаронида шудаанд, ба монанди технологияҳои иттилоотӣ, биотехнология ё энергияи барқароршаванда.

Водии Силикон дар ИМА ҳамчун яке аз маъруфтарин бозорҳои инноватсионӣ дар ҷаҳон шинохта шудааст. Платформаҳои краудфандинг (crowdfunding) ба монанди Kickstarter ва Indiegogo ба стартапҳо дар ҷалби маблағҳои зарурӣ кӯмак мерасонанд. Намоишҳои технологӣ, ба монанди CES (Consumer Electronics Show), ки дар он технологияҳои навтарин намоиш дода мешаванд. Умуман, бозори инноватсионӣ дар пешрафти иқтисодӣ ва технологӣ нақши калидӣ дорад ва ҳамчун муҳаррики рушд дар бисёр соҳаҳо хизмат мекунад.

Бозори навовариҳо дар ҷумҳурии мо ҳанӯз ба таври комил ташаккул наёфтааст. Гузашта аз ин, бозори тиҷорати навовариҳо ва ё бозори тиҷоратикунонии навовариҳо низ фаъолияти худро ба таври пурра шурӯъ накардааст. Бояд гуфт, ки унсурҳои асосии бозори навовариҳо, чуноне ки дар расми 2.1.2. оварда шудааст [31, с.43], дар ҷумҳурии мо ҳанӯз алоқамандии мустақим надоранд.




**Расми 2.1.2. - Гурӯҳбандии бозори навовариҳо**
**(бо таваҷҷуҳ ба тавсифи онҳо)**

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Дар маҷмуъ, бояд ин унсурҳои бозори навоварӣ бо ҳам алоқамандии мустақим дошта бошанд. Аммо азбаски ҳар яки ин унсурҳо ҳанӯз худ мустақил нестанд, таъмини алоқамандии онҳо низ ғайриимкон мебошад. Бо таваҷҷуҳ ба ин нукта, мо бештар оид ба заминаҳои инкишофи бозори навоварӣ баҳс хоҳем кард.

Хавфҳои назаррас барои дурнамои рушди макроиқтисодӣ аз вазъи номатлуби тавозуни тиҷорати байналхалқӣ, сатҳи пасти истифодаи захираҳои табиӣ, алоқамандии нокифояи корхонаҳо ва бахши бонкӣ ба миён меоянд. Идоракунии хуби макроиқтисодӣ афзалияти таъмини тасҳеҳоти зарурӣ, баланд бардоштани устувории кишвар ба таҳдидҳо ва фароҳам овардани заминаи боэътимоди рушди иқтисоди миллиро ифода менамояд. Нигоҳ доштани қурби асъори миллӣ дар дохил ва хориҷи кишвар аз истифодаи оқилонаи иқтидори инноватсионӣ вобаста мебошад [28, с.19], ки он бевосита аз кадрҳои соҳибихтисос ва

кормандони илмӣ дар соҳаи инноватсия сарчашма мегирад. Ҳоло, чуноне ки профессор С.Ҷ. Комилов қайд менамояд “Шумораи олимон ба як миллион нафар аҳолии Тоҷикистон назар ба Ӯзбекистон 2,7 маротиба, назар ба Федератсияи Россия 5 маротиба ва назар ба Финландия 12 маротиба камтар аст. Масалан, Финляндия бо шарофати маблағгузории афзалиятноки давлатии соҳаи илм ва бе захираҳои ашёи карбогидрат аз рӯйи нишондиҳандаҳои асосии сатҳи зиндагӣ ба яке аз ҷойҳои аввал баромад. Кормандони баландихтисос, олимони дорои дараҷаҳои илмӣ нерӯи инноватсионии ҳама кишварҳоро муайян мекунанд. Дар айни замон, дар 75 пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шумораи умумии кормандон 17 868 нафар, кормандони илмӣ 10 304 нафар, яъне 55,6% -ро ташкил медиҳанд. Аз онҳо докторҳои илм – 794, номзадҳои илм – 2 975 нафар мебошанд” [29, с.29-34].

Таъсири таназзули иқтисодии Русия ба Тоҷикистон зарурати таъҷилии заминасозиро ба модели нави рушд таъкид мекунад. Ҳалли мушкилоти марбут ба осебпазирии бахши молиявӣ ва таъмини идоракунии хуби бахши давлатӣ барои кам кардани хавфҳои буҷетӣ ва расонидани хидматҳо ба истеъмолкунандагон ба тариқи сарфакорӣ муҳим хоҳад буд. Ислоҳот барои фароҳам овардани муҳити тиҷоратӣ бештар бояд ислоҳоти ҳамаҷонибаи бахши давлатиро ҳамроҳӣ кунанд. Сиёсати мусоидат ба ташкили ҷойҳои нави корӣ дар бахши хусусӣ барои мусоидат ба таъмини шуғли муҳоҷирони бозгашта муҳим хоҳад буд. Аз тарафи дигар, коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва таъмини сатҳи муътадили даромади аҳолӣ дастрасии бештарро ба имкониятҳо ва хидматҳои асосӣ, аз қабили маориф, об, санитария ва гармӣ фароҳам меоварад.

Ҳоло мавқеи Тоҷикистон дар раддабандиҳои ҷаҳонӣ дар самти рушди инноватсионӣ чандон мустаҳкам нест [63, с.75]. Яъне кишвари аз рӯйи ин нишондиҳандаҳои муҳим ба қатори кишварҳои гурӯҳи сеюм мансуб мебошад.

Дар давоми солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Ҳукумати малакат бо мақсади таҳким бахшидани рушди нановарӣ ва механизмҳои тиҷоратикунонии навоварӣ оид ба дастгирии нерӯи илмӣ, таҷдиди соҳаи илм ва ба самти ҳалли масъалаҳои муҳимми иҷтимоию иқтисодӣ равона кардани он чораҳо андешида шудаанд.

Дастгирии иқтидори илмӣ дар Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳимест, ки метавонад ба пешрафт ва рушди кишвар дар соҳаҳои гуногуни илмӣ, технологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мусоидат кунад. Тоҷикистон дар солҳои охир шоҳиди афзоиши назарраси илм ва муҳандисӣ шудааст, аммо барои пурра истифода бурдани ин потенсиал дастгирии иловагӣ ва банақшагирии бештар лозим аст. Баъзе тадбирҳое, ки барои дастгирии иқтидори илмии Тоҷикистон заруранд, дар ҷадвали зер (ҷадвали 2.1.2.) оварда шудаанд.

**Ҷадвали 2.1.2. - Тадбирҳое, ки барои дастгирии иқтидори илмии Тоҷикистон заруранд:**

| САМТҲО | ТАДБИРҲОИ АМАЛӢ |
|---|---|
| Молия ва сармоягузорӣ | - афзоиши маблағгузории тадқиқоти илмӣ: афзоиши маблағгузорӣ барои таҳқиқоти илмӣ ва лоиҳаҳои тадқиқотӣ дар донишгоҳҳо ва марказҳои тадқиқотӣ;<br>- дастгирии ширкатҳои ба дониш асосёфта: таъмини имкониятҳои молиявӣ, қарзҳои фоизи паст ва сармоягузорӣ ба технология;<br>- фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ба лоиҳаҳои илмию техникӣ. |
| Рушди инфрасохтори илмӣ-таҳқиқотӣ | – таҷҳизоти лабораторияҳо ва марказҳои тадқиқотӣ: таъмини таҷҳизоти муосир барои марказҳои тадқиқотӣ ва донишгоҳҳо;<br>– таъсиси боғҳои илмӣ-техникӣ: рушди боғҳои илмӣ-техникӣ дар саросари кишвар бо мақсади осон кардани робитаҳои байни саноат ва донишгоҳҳо;<br>– интернети баландсуръат ва дастрасӣ ба захираҳои илмӣ: беҳтар кардани дастрасӣ ба интернети баландсуръат ва пойгоҳи додаҳои байналмилалии илмӣ. |
| Дастгирии муҳаққиқон ва олимон | – пешниҳоди стипендия ва таҳқиқоти илмӣ: дастгирии молиявии донишҷӯен ва муҳаққиқон барои идомаи таҳсил ва гузаронидани тадқиқот дар дохил ва хориҷа;<br>– таъсиси ҷойҳои кории мувофиқ: таъсиси ҷойҳои корӣ, ки ба таҷрибаи муҳаққиқон дар марказҳои тадқиқотӣ ва саноатӣ мувофиқанд;<br>– ҳавасмандгардонӣ ва эътирофи олимони барҷаста: эҳтироми олимон ва муҳаққиқони барҷаста ва додани мукофотҳо ва ҳавасмандгардонии молиявӣ. |

Идомаи ҷадвали 2.1.2.

| | |
|---|---|
| Ҳамкории байналмилалӣ | – рушди ҳамкориҳои илмӣ бо дигар кишварҳо: ташкил ва таҳкими ҳамкориҳои илмӣ-тадқиқотӣ бо донишгоҳҳо ва марказҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ;<br>– иштирок дар конфронсҳо ва машваратҳои байналмилалӣ: дастгирии иштироки муҳаққиқон дар конфронсҳо ва машваратҳои байналмилалӣ;<br>– ҷалби олимони тоҷик аз хориҷа: фароҳам овардани шароити мусоид барои бозгашти олимони тоҷики дар хориҷа зиндагӣкунанда ва истифодаи таҷрибаи онҳо. |
| Таълим ва таълими касбии кадрҳо | – баланд бардоштани сифати таҳсилоти олӣ: баланд бардоштани сифати таълим дар донишгоҳҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ тавассути навсозии барномаҳои таълимӣ ва усулҳои таълим;<br>– такмили ихтисос: гузаронидани курсҳои омӯзишӣ ва семинарҳои махсус барои донишҷӯен ва муҳаққиқон;<br>– дастгирии элитаи ҷавон: муайян ва дастгирии донишҷӯен ва донишҷӯени элита тавассути барномаҳо ба монанди олимпиадаҳои илмӣ ва фестивалҳои донишҷӯен. |
| Таҳияи технологияҳои нав | – дастгирии тадқиқот дар соҳаҳои нав: таваҷҷуҳ ба таҳқиқот дар соҳаҳое, ба монанди зеҳни сунъӣ, нанотехнология, биотехнология ва энергияи барқароршаванда.<br>– тиҷоратикунонии тадқиқоти илмӣ: мусоидат ба раванди табдил додани ғояҳои илмӣ ба маҳсулоти тиҷоратӣ ва технологияҳои дар бозор мавҷудбуда. |
| Эҷоди муҳити мусоид барои навоварӣ ва эҷодкорӣ | – коҳиши бюрократияи маъмурӣ: коҳиш додани монеаҳои маъмурӣ ва ҳуқуқӣ барои гузаронидани тадқиқот ва пешбурди тиҷорати ба дониш асосефта;<br>– ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ: таҳияи қонунҳо ва қоидаҳои қатъӣ барои ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ва патентҳо;<br>– фарҳанги инноватсиониро ташвиқ кунед: фарҳанги инноватсионӣ ва қабули хавфҳоро дар ҷомеаи илмӣ ва саноатӣ ташвиқ кунед. |
| Нигоҳ доштан ва баргардонидан кадрҳои мутахассис | – фароҳам овардани шароити мусоид барои зинда мондани элита: беҳтар кардани шароити зиндагӣ ва кор барои элитаи илмӣ барои пешгирии муҳоҷирати онҳо ба хориҷа;<br>– барномаҳои бозгашт: таҳияи барномаҳои махсус барои баргардонидани олимон ва мутахассисони тоҷик, ки дар хориҷа зиндагӣ мекунанд. |
| Рушди тадқиқоти амалӣ | – тамаркуз ба таҳқиқоти амалӣ: самти тадқиқот барои ҳалли мушкилот ва мушкилоти воқеии кишвар дар соҳаҳое, ба монанди тандурустӣ, муҳити зист, энергетика ва кишоварзӣ;<br>– ҳамкории байни донишгоҳҳо ва саноат: таҳкими робитаҳои байни донишгоҳҳо ва саноат барои гузаронидани тадқиқоти амалӣ ва ҳалли мушкилоти саноатӣ. |
| Баланд бардоштани огоҳии ҷомеа дар бораи аҳаммияти илм ва технология | – тарғибот ва иттилоот: баланд бардоштани огоҳии ҷомеа дар бораи аҳаммияти илм ва технология тавассути васоити ахбори омма ва барномаҳои таълимӣ;<br>– ҷалби ҷомеа барои иштирок дар лоиҳаҳои илмӣ-техникӣ; |

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Бо татбиқи ин қарорҳо ва дастгирии ҳамаҷонибаи иқтидори илмӣ, Тоҷикистон метавонад ба яке аз марказҳои илмию техникӣ дар минтақа ва ҷаҳон табдил ёбад ва ба ин васила ба рушди устувор ва беҳтар шудани сифати зиндагии шаҳрвандон ноил гардад.

Азбаски коҳиши интиқоли маблағҳои муҳоҷирон эҳтимолан дарозмуддат хоҳад буд, муҳим аст, ки Тоҷикистон ислоҳоти сохториро амалӣ кунад, ки барои фароҳам овардани заминаи рушди фарогир дар дохили кишвар заруранд. Бо дарназардошти номуайяниҳои муҳити беруна ва фишорҳои афзояндаи дохилӣ, Тоҷикистон бояд барномаи ҳамаҷонибаи ислоҳоти сохториро барои дастгирии рушд, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ татбиқ кунад. Вазъи душвори кунунӣ бояд ҳамчун имкони равона кардани иқтисодиёт ба сӯи модели рушди иқтисодии миллӣ баррасӣ карда шавад. Барои нигоҳ доштани ҷараёни интиқоли маблағҳо ва афзоиши онҳо бояд чораҳои таъхирнопазир андешида шаванд. Зеро интиқоли маблағҳои муҳоҷирон манбаи асосии рушди соҳибкори хурду миёна ва аз тариқи он рушди инноватсионии кишвар мегардад.

Имрӯзҳо ҳиссаи иқтисодиёти навоварӣ дар ММД-и давлатҳои мутараққӣ то 40-50%-ро ташкил медиҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, соли 2022 ҳамагӣ 0,83% аз маҷмуи умумии хароҷот ба илм равона гардидааст [85, с.144]. Саноати истихроҷи мамлакат бо сабабҳои объективӣ хело рушд кардааст. Аз ин рӯ, ҳатто бо истеҳсоли маҳсулотҳои ин соҳа наметавон бо ММД мамлакатҳои мутараққӣ баробар гардид. Ягона имконияти таъмини рушди навоваронаи иқтисодиёт дар мамлакат – ин таъмини рушди механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дар кишвар мебошад. Зеро он имкон медиҳад, ки сикли пурраи навоварӣ таъмин карда шавад.

Иштирокчиёни асосии навовариҳои татбиқшуда фирмаҳо, корхонаҳо, ширкатҳо, яъне субъектҳои хоҷагии навоварона мебошанд.

Фаъолияти онҳо, сарфи назар аз монеаҳо ва маҳдудиятҳои мавҷуда, солҳои охир ба таври назаррас шиддат гирифт. Дар муқоиса бо соли 2010, дар соли 2022, ба гуфтаи коршиносон, барои иҷрои фаъолияти соҳибкории худ (амалиёти ҷорӣ) ширкатҳо монеаҳои зиёдеро паси сар карданд ва навовартар шуданд. Ин аз афзоиши иқтидори инноватсионӣ дар иқтисоди миллӣ шаҳодат медиҳад. Аммо, то ба имрӯз масъалаҳои бесуботии сиёсӣ дар минтақа (бо таваҷҷуҳ ба вазъи феълии Афғонистон), сатҳи баланди иқтисоди ғайрирасмӣ, коррупсия ва меъёрҳои баланди андоз ба унвони мушкилоти умдатарини садди роҳи инкишофи соҳибкории навоварона боқӣ мемонанд. Ҳалли мусбии онҳо калиди таъмини самаранокии истифода аз нерӯи инноватсионӣ мебошад ва дар натиҷа боиси рушди устувори иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳад шуд.

Рушди интенсивии тиҷорати навоварӣ бевосита сатҳи рушди иқтисодиётро муайян менамояд. Чунончӣ дар ҳуҷҷати “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030” қайд гардидааст: “Асоси таҳияи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои давраи то соли 2030 се принсипи асосии рушди оянда: (1) боздоранда (пешгирии осебпазирии рушди оянда), (2) саноатикунонӣ (баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои миллӣ) ва (3) инноватсионӣ (рушд дар асоси навовариҳо дар тамоми соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар) ташкил менамоянд [123, с.104].

Қайд намудан бамаврид аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон замони гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ, бахусус солҳои 90-уми асри гузашта ва ибтидои асри XXI ба якборагӣ паст гардидани фаъолияти навоваронаи корхонаҳои саноатии кишвар ба назар расид, ки ба ин, пеш аз ҳама нокифоягии воситаҳои худӣ, маҳдудиятҳои молиягузории буҷавӣ ва ғайрибуҷавӣ, мушкилот дар ҷалби воситаҳои қарзӣ барои сармоягузорӣ боис гардиданд.

Сатҳи инкишофи тиҷорати навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали зерин оварда шудааст (ниг. ба ҷадвали 2.1.3.).

**Ҷадвали 2.1.3. - Динамикаи рушди навоварӣ ва тиҷорати навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2000-2022**

| Нишондиҳандаҳо | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2022 | 2022/ 2000 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хароҷот ба самти илм аз буҷети давлатӣ (ҳаз. сомонӣ) | 1155,8 | 7663,3 | 27581, 4 | 52890, 7 | 82820, 4 | 119586 ,7 | 103,5 мар. |
| Шумораи муассисаҳои илмӣ-техникӣ, адад | 57 | 57 | 56 | 66 | 82 | 80 | 1,4 мар. |
| Шумораи умумии кормандон дар соҳаи фаъолияти илмӣ-техникӣ, нафар | 5376 | 4891 | 5756 | 3701 | 4269 | 4496 | 0,8 мар. |
| | **аз он ҷумлаи дорои унвони илмӣ** | | | | | | |
| - доктори илм | 351 | 415 | 334 | 328 | 337 | 320 | 0,9 мар. |
| - номзади илм | 967 | 1245 | 896 | 748 | 849 | 913 | 0,9 мар. |
| Ҳаҷми кори иҷрогардида (ҳаз. сомонӣ) | 1296,1 | 6890,7 | 22027, 0 | 52799, 8 | 75292, 7 | 99133, 1 | 76,5 мар. |
| Аз он ҷумла корҳои илмӣ техникӣ (ҳаз. сомонӣ) | 1247,7 | 6817,5 | 21887, 3 | 52287, 2 | 74907, 1 | 98588, 1 | 79,0 мар. |
| | **аз он:** | | | | | | |
| Корҳои илмӣ – тадқиқотӣ, (ҳаз. сомонӣ) | 704,4 | 6520,5 | 17987, 3 | 51935, 6 | 68295, 8 | 90218, 4 | 128,1 мар. |
| Аз ҷумла; | | | | | | | |
| - асосӣ (ҳаз. сомонӣ) | 684,1 | 5592,3 | 8508,7 | 8806,2 | 9157,2 | 14568, 7 | 21,3 мар. |
| -корҳои лоиҳавӣ-конструкторӣ ва технологӣ (ҳаз. сомонӣ) | 7,3 | - | 22,8 | 319,0 | 575,0 | 632,5 | 86,6 мар. |
| -истеҳсоли намунаҳои таҷрибавӣ (ҳаз. сомонӣ) | 20,3 | 59,0 | - | - | - | - | - |
| Хизматрасонии илмӣ-техникӣ (ҳаз. сомонӣ) | 10,3 | 168,2 | 3867,2 | 32,6 | 5990,8 | 7706,3 | 748,2 мар. |

Сарчашма: Дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. таҳия гардидааст [84, с.68-69].

Шумораи кормандони машғули тадқиқот ва коркард – нишондиҳандаи асосии иқтидори кадрӣ ва фаъолияти навоварӣ мебошад. Таҳлили ҷадвали 2.1.3. нишон медиҳад, ки шумораи кормандон дар соҳаи илму техника дар ҳамин давраи гузашта то 16,37% кам гардидааст. Сабабҳои асосии кам гардидани шумораи кормандон дар соҳаи илму техника ба таври оммавӣ ҷумҳуриро тарк намудани кормандони соҳибтахассус (махсусан, кормандони дорои дараҷаҳои илмӣ), аз кор мондани баъзе корхонаҳои саноатӣ, гусаста гардидани ҳамкориҳои институтҳои тадқиқотӣ бо корхонаҳои истеҳсолӣ, ба таври назаррас коҳиш ёфтани маблағгузориҳои соҳаи илм ва таҳсилот ба шумор меравад. Дар ин замина, инчунин сатҳи пасти самаранокии механизми тиҷоратикунонии навовариро низ метавон қайд кард. Зеро гусаста гардидани яке аз занҷираҳои сикли навоварӣ ба натиҷаҳои ниҳоии он бетаъсир нест.

Профессор С.Ҷ. Комилов вазъияти мазкурро таҳлил карда истода қайд менамояд, ки сабабҳои асосии чунин вазъ инҳо ба ҳисоб меравstatic: “...ақибмонии технологӣ ва тараққиёти корхонаҳои хурди инноватсионӣ, набудани инфрасохтори зарурии инноватсионӣ, номукаммалӣ ва дар баъзе ҳолатҳо набудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ барои рушди нерӯи инноватсионии соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дар корхонаҳои саноатии кишвар, аз се як қисми таҷҳизот аз 20 сола боло буда, аз 10-20 сол - 15% аст. Мутаносибан, фарсудашавии маънавӣ ва ҷисмонии он дар ҳудуди 60-65% мебошад. Ин ҳолат имконияти истеҳсоли маҳсулоти баландтехнологиро ба таври назаррас маҳдуд мекунад ва сатҳи пасти рушди нерӯи инноватсионии соҳаҳоро нишон медиҳад” [29, с.31].

Яке аз муаммоҳои инкишофи механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мавҷуд набудани талабот ба тиҷоратикунонии навоварӣ дар иқтисодиёти миллӣ мебошад. Сатҳи баланди иқтисоди ғайрирасмӣ имкон намедиҳад, ки навовариҳои

ихтироъшуда бемамониат ба фурӯш бароварда шавад. Дар раванди ихтироъ то фурӯши маҳсулоти нав монеаҳои зиёди бюрократӣ мавҷуданд, ки ба самаранокии механизми тиҷоратикунонӣ халали ҷиддӣ ворид менамоянд.

Қайд шудааст, ки "На бахши хусусӣ ва на бахши давлатӣ барои ҷорӣ намудани инноватсияҳо ва тиҷоратикунонии навоварӣ манфиатдории кофӣ зоҳир намекунанд. Сатҳи фаъолнокии инноватсионии корхонаҳо назар ба нишондиҳандаҳои бештари кишварҳои ИДМ дар ин соҳа паст мебошад" [16, с.104].

Чуноне ки Л.Н. Дробишевская қайд менамояд, фаъолияти навоварӣ ва механизми тиҷорати наоварӣ – ин намуди фаъолиятест, ки дар асоси натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ коркарди маҳсулоти воқеан нав, хизматрасонии нав, дониши нав, натиҷаҳои наве, ки пештар вуҷуд надоштанд ба роҳ монда мешавад [11, с.49]. Нишонаҳои дахлнопазири механизми тиҷорати навоварӣ, ин ба бозор баромадани маҳсулоти нави рақобатпазир мебошад.

Солҳои охир теъдоди аризаҳо барои гирифтани патент дар Тоҷикистон коҳиш ёфтааст. М.Ҳ. Исмоилзода ва Б.И. Назаров дар ин бора қайд менамоянд, ки "Тайи солҳои 1993–2022 аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифтани патент ба ихтироъ 534 ариза пешниҳод гардидааст. Нишондиҳандаи аз ҳама баланд дар таносуби соли пешниҳод ба соли 2001 рост меояд, ки 77 ададро ташкил додааст. Мутассифона, ин нишондиҳанда бо тағйирёбиҳои сол ба сол паст рафта, дар панҷсолаи охир (солҳои 2018–2022) ба сифр баробар гардидааст" [19, с.121]. Албатта, падидаи мазкур як падидаи хеле манфӣ буда ба коҳиши фаъолияти тиҷоратикунонӣ таъсири мустақим дорад. Маълумотҳои омории ариза барои дарёфти патент ва дарёфти воқеии он дар Тоҷикистон, мутаассифона, хеле нигаронкунанда аст (ҷадвали 2.1.4.).

Яке аз муҳимтарин стратегияҳои дарозмуддати иқтисодӣ, ташкилӣ ва

системавии Тоҷикистон рақамикунонии сохторҳои гуногуни иқтисодӣ ва маъмурии кишвар эълон шудааст, ки ба тиҷоратикунонии идеяҳо, лоиҳаҳо, маҳсулотҳои фикрӣ ва илмӣ таъсири мустақим дорад. Бо дарназардошти хусусияти демографии Тоҷикистон ва далели муҳиме, ки ҷавонон беш аз 70% аҳолии кишварро ташкил медиҳанд ва тақрибан 37% аҳолиро кӯдакони то 14-сола ташкил медиҳанд, рушди ин бахш метавонад имкониятҳои оличаноб, инчунин мушкилоти ҷиддии амният, ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварро ба вуҷуд орад.

**Ҷадвали 2.1.4. - Динамикаи пешниҳоди ариза ва дарёфти ҳуҷҷати муҳофизатӣ ба ихтироъ (патент)**

| Соҳаи патент ва ихтироот | | 1994/ 2002 | 2003/ 2009 | 2010/ 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Қонеъгардонии талаботи ҳаётии инсон | I | 27 | 3 | - | - | - | - | 30 |
| | II | - | - | - | - | - | - | - |
| | III | - | 10 | 4 | 6 | 2 | - | 22 |
| Тиб | I | 54 | 48 | 7 | - | 1 | - | 110 |
| | II | 2 | 5 | 20 | 2 | 3 | 3 | 35 |
| | III | - | 132 | 337 | 44 | 48 | 50 | 611 |
| Кишоварзӣ | I | 25 | 2 | 1 | - | - | - | 28 |
| | II | - | - | 3 | - | - | - | 3 |
| | III | - | 42 | 108 | 10 | 14 | 13 | 187 |
| Байторӣ | I | 8 | 7 | - | - | - | - | 15 |
| | II | - | - | - | - | - | - | - |
| | III | - | 22 | 44 | 4 | 2 | 7 | 79 |
| Ҷараёнҳои гуногуни технологӣ | I | 10 | 3 | 1 | - | - | - | 14 |
| | II | - | - | - | - | - | - | - |
| | III | - | 3 | 12 | 2 | 7 | 8 | 32 |
| Интиқолдиҳӣ | I | 6 | - | - | - | 3 | - | 9 |
| | II | - | - | - | - | - | - | - |
| | III | - | 2 | - | - | - | - | 2 |
| Кимиё | I | 126 | 14 | 2 | - | - | - | 142 |
| | II | 1 | 1 | 2 | 1 | - | - | 5 |
| | III | - | 19 | 132 | 16 | 8 | 25 | 100 |
| Металлургия | I | 16 | 4 | - | - | - | - | 20 |
| | II | 2 | 4 | 4 | 4 | - | - | 14 |
| | III | - | 15 | 79 | 7 | 15 | 16 | 132 |
| Саноат (аз ҷумла хӯрокворӣ) | I | 12 | 9 | - | - | - | - | 21 |
| | II | 1 | - | - | 2 | - | - | 3 |
| | III | - | 33 | 42 | - | 1 | 8 | 84 |
| Нассоҷӣ | I | 9 | 3 | 1 | - | - | - | 13 |
| | II | - | - | 3 | - | 1 | - | 4 |
| | III | - | 18 | 34 | 2 | 2 | 4 | 60 |
| Сохтмон | I | 15 | 4 | 1 | - | - | - | 20 |
| | II | 1 | 1 | 4 | - | 2 | - | 8 |

Идомаи ҷадвали 2.1.4.

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | III | - | 12 | 30 | 6 | 3 | 7 | 58 |
| Обтаъминкунӣ | I | - | - | - | - | - | - | - |
| | II | - | - | - | - | - | - | - |
| | III | - | 3 | - | - | - | - | 3 |
| Корҳои кӯҳӣ | I | 1 | - | - | - | - | - | 1 |
| | II | - | - | - | - | - | - | - |
| | III | - | 2 | 1 | 1 | - | 5 | 9 |
| Механика | I | 15 | 6 | 4 | - | - | - | 25 |
| | II | 1 | 1 | 2 | - | - | - | 4 |
| | III | - | 34 | 57 | 4 | 1 | 1 | 97 |
| Мошинасозӣ | I | 3 | - | - | - | 3 | 8 | 14 |
| | II | - | - | - | - | - | - | - |
| | III | - | 4 | 3 | - | 1 | 1 | 9 |
| Гармидиҳӣ | I | 1 | 1 | - | - | - | - | 2 |
| | II | 1 | 1 | - | - | - | - | 2 |
| | III | - | 4 | 12 | 1 | 1 | 1 | 19 |
| Физика | I | 16 | 9 | 2 | - | - | - | 27 |
| | II | - | 1 | 1 | 1 | - | - | 3 |
| | III | - | 24 | 46 | 7 | 11 | 5 | 93 |
| Барқ | I | 11 | 2 | 2 | - | - | - | 15 |
| | II | - | 1 | 2 | - | - | 1 | 4 |
| | III | - | 27 | 43 | 2 | 7 | 7 | 86 |
| Ҳамагӣ, миллӣ/хориҷӣ | I | 119/236 | 95/20 | 10/11 | - | 0/7 | 0/8 | 224/282 |
| | II | 9/0 | 15/0 | 41/0 | 10/0 | 6/0 | 4/0 | 85/0 |
| | III | - | 398/7 | 972/14 | 112/0 | 122/1 | 158/0 | 1753/22 |
| ***Эзоҳ***: I – патентҳои дошуда; II - патентҳои Авруосиё (шурӯъ аз 2003 с.); III – нахустпатенҳо (шурӯъ аз 2004 с.) | | | | | | | | |

Сарчашма: Дар асоси маколаи Исмоилзода, М. Ҳ. Таҳлили вазъи фаъолияти ихтироъкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ: дурнамо ва рушд / М. Ҳ. Исмоилзода, Б. И. Назаров // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2024. – No. 2(86). – P. 121-139. – EDN GVQZEN таҳия гардидааст [19].

Аз ин нуқтаи назар, табдили рақамӣ ва тавсеаи фазои маҷозӣ дар байни мардум баояндаи муносибатҳои кишварҳои дигар бо Тоҷикистон, бо назардошти равишҳои гуногуни фарҳангӣ, иқтисодӣ, минтақавӣ ва стратегии онҳо, метавонад таъсири мусбат ё манфӣ расонад.

Ҳадафҳои рушди иқтисоди рақамии кишвар инҳоянд: 1) Мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ; 2) Афзоиши сармояи инсонӣ. Сарфи назар аз он, ки барои бунёди заминаи рушди дарозмуддати иҷтимоию иқтисодии худ Тоҷикистон бояд экосистемаи фарогир, васеъ ва бехатари рақамиро рушд диҳад, ин иқдом ҳамзамон бо мушкилот ва имкониятҳо

рӯ ба рӯ мешавад. Ду даҳсола пеш Тоҷикистон аввалин кишвари Осиёи Марказӣ буд, ки муоширати рақамии рушдёфтаро сиёсати худ эълон кард. Аммо интихоби сиёсати бесамар ва андозҳои баланди телекоммуникатсионӣ ҳавасмандии бахши хусусиро барои ворид шудан ба ин бахши муҳим ва сармоягузорӣ ба технология ва таҷҳизоти барои ин бахш зарурӣ кам мекунад.

Дар натиҷа, Тоҷикистон ҳоло аз аксари кишварҳои ҳамсоя хеле қафо мондааст. Ҳукумати Тоҷикистон дар стратегияи миллии рушди худ барои соли 2030 аҳаммияти тақвияти рақобатро дар бозори алоқа бо мақсади зиёд намудани сармоягузорӣ ва рушди инфрасохтор эътироф менамояд. Аммо дар амал барои расидан ба ин ҳадафислоҳоти зиёд вуҷуд надорад.

Албатта, мо бояд эътироф кунем, ки дар атрофи рушди рақамӣ фарҳанги умумии тарс ва нобоварӣ вуҷуд дорад. Гарчанде, ки хидматҳои молиявии рақамӣ аксар вақт бо ҳаёти ҳаррӯзаи одамон сарукор доранд, аз сабаби нобоварӣ ба системаи молиявӣ, онҳо бо эҳтиёт қабул карда мешаванд.

Аз ин рӯ, чунин ба назар мерасад, ки барои коҳиш додани ин нобоварӣ сармоягузорӣ ба омӯзиши малакаҳо ва баланд бардоштани фаҳмиши ҷомеа ва саводнокии ин фаъолият зарур аст. Ин сармоягузорӣ ба системаи маориф ва муҷаҳҳаз кардани мактабҳо бо интернет метавонад ин нобовариро бартараф кунад. Айни ҳол, камтар аз 20% мактабҳои Тоҷикистон бо системаҳои интернетӣ муҷаҳҳаз шудаанд. Муаллимон инчунин ба омӯзиш ва дастгирии бештар ниёз доранд. Таҳсил дар сатҳҳои баландтари таҳсилот бояд бо таҷҳизот ва технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ бештар алоқаманд бошад.

Дар айни замон, системаҳои маорифи Тоҷикистон дар ин самт аломатҳои назарраси ҳаракатро нишон намедиҳанд.

Аз соли 2019 Ҳукумати Тоҷикистон дар изҳороти худ оид ба сиёсати иқтисоди рақамӣ зарурати чунин омӯзишро таъкид намуда, ҳамчунин дар бораи зарурати тағйирот дар санадҳои меъерӣ, ки ба дастгирии соҳибкорон, тиҷорати электронӣ ва дигар ҷанбаҳои иқтисоди рақамӣ нигаронида шудаанд, такид намудааст. Бо вуҷуди ин, он то ҳол аз пардохтҳои литсензия, сохторҳои ҳуқуқӣ ва андозҳои баланд, ширкатҳои тиҷоратӣ ва ёрирасони марбут ба ин соҳа азият мекашад. Аён аст, ки фарҳанги соҳибкорӣ ва экосистемаи инноватсионӣ бояд дар татбиқи ғояҳои тиҷоратикунонии навовариҳо зоҳир шаванд [68, с.212].

Бо дарназардошти он, ки 37% аҳолии Тоҷикистонро кӯдакони то 14-сола ташкил медиҳанд, ҳама гуна сармоягузорӣ аз ҷониби бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ ё сармоягузорони хориҷӣ метавонанд дар оянда барои рушди технологияҳои рақамӣ зуд имконият фароҳам оранд. Бозори хурди дохилӣ, муҳити кунунии ҳуқуқӣ ва меъёрӣ ва норасоии захираҳои молиявӣ аз омилҳое мебошанд, ки барои ширкатҳои технологӣ ҷолибияти зиёд надоранд. Фарҳанги соҳибкорӣ ҳанӯз ба таври васеъ паҳн нашудааст, аммо далелҳо нишон медиҳанд, ки он дар ҳоли инкишоф аст. Тарс аз дуздии ғояҳо, нобоварӣ ба ҳифзи ҳуқуқӣ ва андозҳои баланд боиси демотиватсияи бахши хусусӣ ва навоварон гардидааст. Вақтҳои охир кӯшишҳо барои ташкили паркҳои технологӣ бо низоми имтиёзноки андоз сурат мегиранд, аммо онҳо ҳанӯз ба таври комил фаъолият намекунанд [99, с.212].

Ширкатҳо дар соҳаи рақамӣ бо мушкилоти эътимод рӯ ба рӯ мешаванд. Бонкҳо одатан барои чунин фаъолият шароити оқилона муқаррар намекунанд. Дар бозор сармоягузории хуб ё дастгирии давлатӣ тақрибан вуҷуд надорад. Ширкатҳои технологӣ бояд ба бозёфтҳо ва сармоягузориҳои худ, инчунин дӯстон ва шиносҳои худ такя кунанд. Сохтори экосистемаи дастгирии ширкатҳои навтаъсис вуҷуд дорад, аммо ҳамоҳангӣ ва ҳамкории бештарро байни ҳукумат ва бахши

хусусиро талаб мекунад [2-М, с.122].

Ҳамин тавр, таҳлили заминаҳои асосии рушди механизмҳои тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки дар айни ҳол аз нигоҳи институсионалӣ механизми самараноки тиҷорати навоварӣ ба таври пурра ба роҳ монда нашудааст. Омили асосии инкишофи тиҷорати навоварӣ – ихтироии худи маҳсулоти нав мебошад. Аммо сатҳи истеҳсолоти навоварона ба таври самаранок имкон намедиҳад, ки фурӯши он ба роҳ монда шавад. Аз ин рӯ, ба ақидаи мо омилҳое, ки воқеан боиси рушди тиҷорати навоварӣ дар кишвар мебошанд, чунинанд:

- мавҷуд набудани марказҳои соҳибкории навоварона оид ба мутобиқати иҷрои лоиҳаҳои навоварӣ;
- нокифоягии дастгирии давлатии фаъолияти навоварона;
- сатҳи пасти самаранокии шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар самти тиҷорати навоварӣ;
- нокифоягии кадрҳо, соҳибкорони ташаббускор, мутахассисони соҳибкасб ва соҳибфикр, ки қобилияти идея ва ақидаҳои хешро исбот намуда дар шароити афзунгардии мураккабии равандҳои бозорӣ ва рақобатнокӣ самаранок фаъолият менмоянд;
- фаъолияти ғайрисамараноки маркетингӣ;
- сатҳи поини пардохтпазирии талабот ба маҳсулоти навоварона ва ғайра.

## §2.2 Тадқиқи омилҳои таъсиррасон ба механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳар як ташкилоте, ки дар бозор амал менамояд, бо муҳити беруна (муҳити навоварӣ ва ё муҳити тиҷоратикунонии навоварӣ) алоқамандии қавӣ дорад. Ҳамагуна ҷараёни дар корхона амалишаванда аз қабили КИТ, азнавсозии воситаҳои асосӣ, интихоби кадрҳои зарурӣ, ҷустуҷӯи шарикони тиҷоратӣ ва ё нуқтаҳои нави фурӯш бевосита зери таъсири

омилҳои берунӣ ва дохилӣ ба роҳ монда мешавад.

Аз ин рӯ, тиҷоратикунонии навоварӣ ҳамчун зинаи ниҳоии фаъолияти навоварӣ зери таъсири чунин омилҳо қарор дорад ва марҳилаҳои қаблии ин раванд ба натиҷаҳои ниҳоии тиҷоратикунони бетаъсир буда наметавонад.

Муҳити тиҷораткунии навоварӣ (Innovative Business Environment) маҳсули таҳаввулот ва тағйиротҳои зуд ба зуд дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, фановарӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Барои рушди муваффақияти ин муҳит, омилҳои зерин аҳаммияти калон доранд. Таҳия ва дастрасӣ ба технологияҳои нав, истифодаи технологияҳои пешрафта (масалан, зеҳни сунъӣ, блокчейн, интернети абрӣ ва ғайра), ташвиқи таҳқиқот ва таҳияҳои илмӣ (R&D) барои навовариҳо, дастгирии молиявӣ ва амсоли он муҳим мебошад.

Муҳити тиҷораткунии навоварӣ аз экосистемаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ вобастагии зич дорад. Дар ин замина, ташвиқи фарҳанги ибтикорӣ ва қабули хатоҳо ҳамчун қисми табиии раванди омӯзиш, ҳамкории байни ширкатҳо, донишгоҳҳо ва марказҳои таҳқиқотӣ, таъмини дастрасии интернети босуръат ва дигар хизматрасониҳои зарурии ахборӣ, рушди паркҳои технологиявӣ, марказҳои навоварӣ ва амсоли он нақши калидӣ дорад. Аз ҷониби дигар ташкили шабакаҳо байни ибтикорҳо, сармоягузорон, олимон ва дигар ҳиссагузорони экосистема, ҳамкории байнисоҳавӣ барои таҳияи ҳалли нав барои мушкилоти мураккаб ба рушди муҳити тиҷорати навовариҳо мусоида менамояд (ҷадвали 2.2.1.).

## Ҷадвали 2.2.1. - Омилҳои асосии муҳити тиҷоратикунонии навоварӣ

| ОМИЛҲОИ МАКРОМУҲИТ | ОМИЛҲОИ МИКРОМУҲИТ | ОМИЛҲОИ МУҲИТИ ДОХИЛА |
|---|---|---|
| **I. ИҚТИСОДӢ** | **I. ТАЪМИНОТЧИЁН** | **I. ФАЪОЛИЯТИ НАВОВАРОНА** |
| Аз он ҷумла:<br>1. Сатҳи рушди иқтисодиёт;<br>2. Талабот ва таклифот дар бозор;<br>3. Қобилияти харидории истеъмолгарон;<br>4. Беқурбшавии пул;<br>5. Сатҳи лаппиши нархҳо;<br>6. Андозбандӣ ва ғайра. | Аз он ҷумла:<br>1. Миқдори таъминотчиён дар бозор;<br>2. Сатҳи нарх ба ашёҳо;<br>3. Сатҳи монополиякунонӣ;<br>4. Тартиби таҳвилнамоӣ;<br>5. Сифати ашёҳои дастрасгардида ва ғайра. | Аз он ҷумла:<br>1. Тадқиқот ва коркард;<br>2. Ба даст овардани шаҳодатнома ва иҷозатнома;<br>3. Ба даст овардан ва ё офаридани тенологияи нав;<br>4. Омоданамоии технологии истеҳсолот;<br>5. Истеҳсолоти таҷрибавӣ ва озмоишӣ ва ғайра. |
| **II. ИЛМӢ-ТЕХНИКӢ** | **II. РАҚОБАТ** | **II. ИМОКНИЯТИ ТАШКИЛӢ (ТАШКИЛИ ИНФРАСОХТОР)** |
| Аз он ҷумла:<br>1. Сатҳи рушди илм ва технология;<br>2. Самтҳои асосии инкишофи навоварӣ;<br>3. Зинаҳои татбиқи навоварӣ;<br>4. Муносибатҳои патентӣ-иҷозатдиҳӣ;<br>5. Инфрасохтори навоварӣ ва ғ. | Аз он ҷумла:<br>1. Миқдори рақибон дар бозор;<br>2. Ҳиссаи бозори ҳар як рақиб;<br>3. Сатҳи монополикунонӣ;<br>4. Эҳтимолият ва имконияти ба миён омадани рақибони нав;<br>5. Сатҳи нарх ба молҳои ивазшаванда ва ғ. | Аз он ҷумла:<br>1. Баҳамтаъсиррасонӣ бо таъминотчиён;<br>2. Манбаи худии таъминоти ашёвӣ;<br>3. Амборҳои худӣ;<br>4. Макони ҷойгиршавии корхона ва ғайра. |
| **III. ИҶТИМОӢ-МАДАНӢ** | **III. МИЁНРАВҲО** | **III. ИДОРАКУНӢ ВА ХОДИМОН** |
| Аз он ҷумла:<br>1. Тамоюли инкишофи сифати таҳсилот;<br>2. Тамоюли инкишофи сатҳи зиндагонӣ;<br>3. Арзиш, маданият ва анъаҳои миллӣ;<br>4. Муносибат бо якчанд ташкилот;<br>5. Сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;<br>6. Маданияти ташкилӣ ва истеъмолии аҳолӣ. | Аз он ҷумла:<br>1. Миқдори миёнравҳо дар бозор;<br>2. Сифати хизматрасонӣ (нақлиётӣ, машваратӣ, маркетингӣ, рекломавӣ ва ғ.);<br>3. Сатҳи нархи хизматрасонӣ;<br>4. Афзоиши мизони фоизи қарз;<br>5. Сатҳи монополиякунонӣ ва ғ. | Аз он ҷумла:<br>1 услуби идоракунӣ;<br>2 сохтори ташкилӣ-идоракунӣ;<br>3. Салоҳият, маълумот, қобилият ва имконияти меҳнатӣ;<br>4. Шароити меҳнатӣ;<br>5. Музди меҳнат;<br>6. Ҳимояи иҷтимоии ходимон;<br>7. Сайлонияти кадрӣ;<br>8. Дигар. |

Идомаи ҷадвали 2.2.1.

| ОМИЛҲОИ МАКРОМУҲИТ | ОМИЛҲОИ МИКРОМУҲИТ | ОМИЛҲОИ МУҲИТИ ДОХИЛА |
|---|---|---|
| **IV. ДЕМОГРАФӢ** | **IV. МУҲИТИ ҶАМЪИЯТӢ** | **IV. МАРКЕТИНГ** |
| Аз он ҷумла:<br>1. Миқдори умумии аҳолӣ;<br>2. Зичии аҳолӣ;<br>3. Сохтори синнусолии аҳолӣ;<br>4. Кӯчиши аҳолӣ;<br>5. Дигар омил. | Аз он ҷумла:<br>1. Муносибат ба ташкилотҳои сохторҳои мухталиф (ташкилоҳои экологӣ; ташкилотҳои оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда; вао ва ғ.);<br>2. Имконияти баҳамтаъсиррасонӣ;<br>3. Дигар омил. | Аз он ҷумла:<br>1. Пешбурди мол (хизматрасонӣ);<br>2. Таъминоти фурӯши мол (хизматрасонӣ);<br>3. Қисматнамоӣ ва диверсификатсияи бозори фурӯш;<br>4. Мавқеи мол (хизмат) дар бозор<br>5. Тамғаи молӣ, бренд;<br>6. Дигар омил. |
| **V. ТАБИӢ (ЭКОЛОГӢ)** | **V. ИСТЕЪМОЛГАРОН** | **V. МОЛИЯВӢ** |
| Аз он ҷумла:<br>1. Сатҳи ифлосшавии муҳити атроф;<br>2. Назорати давлатии ҳифзи муҳити зист;<br>3. Мавҷудияти захираҳои табиӣ;<br>4. Шароити иқлимӣ ва эҳтимолияти ба вуқӯъ пайвастани ҳодисаҳои табиӣ;<br>5. Дигар омил. | Аз он ҷумла:<br>1. Қобилияти харидорӣ;<br>2. Муносибат бо ташкилот;<br>3. Мавқеи ҷуғрофӣ;<br>4. Маданияти истеъмолӣ;<br>5. Талабот ба мол;<br>6. Дигар омил. | Аз он ҷумла:<br>1. Сиёсати молиявии ташкилот;<br>2. Банақшагирии молиявӣ;<br>3. Даромаднокӣ ва бозоргирӣ;<br>4. Сармоягузорӣ;<br>5. Устувории молиявӣ<br>6. Дигар омил. |
| **VI. СИЁСӢ - ҲУҚУҚӢ** | **VI. БОЗОРИ МЕҲНАТ** | **VI. ФАЪОЛИЯТИ ИСТЕҲСОЛӢ** |
| Аз он ҷумла:<br>1. Ришваситонӣ;<br>2. Сатҳи устувории сиёсӣ;<br>3. Қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ<br>4. Сиёсати давлатӣ;<br>5. Дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ;<br>6. Дигар омилҳо. | Аз он ҷумла:<br>1. Мавҷудияти мутахассисони баландихтисос;<br>2. Талабот ва таклифот оид ба ҷойҳои холии корӣ;<br>3. Сатҳи шуғл ва бекорӣ;<br>4. Сатҳи сифати таҳсилот;<br>5. Дигар омил. | Аз он ҷумла:<br>1. Сифат;<br>2. Ҳаҷм;<br>3. Хароҷот;<br>4. Истифодаи восита ва технологияҳои истеҳсолӣ;<br>5.истеҳсоли аз ҷиҳати экологӣ тоза;<br>6. Дигар омил. |

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Таъмини сатҳи олии некуаҳволӣ ва беҳтар гардидани сифати зиндагонии аҳолӣ яке аз вазифаҳои муҳимми давлатӣ мебошад. Яке аз воситаҳои асосии ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда, чуноне ки дар «Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳури Тоҷикистон дар давраи то соли 2020.», оварда шудааст: “... гузариши иқтисодиёти миллӣ ба самти иҷтимоидоштаи модели рушд” [125, с.3]. Мутобиқи СМР-2030с. дигаргунсозии нановаронаи иқтисодиёти миллӣ аз ҳисоби “...мустаҳкам гардонидани асосҳои институтсионалии низоми наоваронаи миллӣ, муносибатҳои навоварона дар раванди ҳалли вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ташкили шароити мусоид барои истифодаи мақсадноки имкониятҳои ҳамҷояшавӣ ва диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ” амалӣ карда мешавад [125, с.5].

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки бисёре аз муҳаққиқону соҳибкоронро дар Тоҷикистон ба ташвиш меорад, ин чӣ гуна тиҷоратикунонии ғояи мушаххас аст. Намунаҳои саволҳое, ки ҳангоми муҳокимаи тиҷоратикунонии ғоя метавонанд ба миён оянд, инҳоянд: идея чӣ гуна пайдо мешавад? Оё идеяе, ки ба миён омадааст, ба қадри кофӣ арзишманд аст, ки дар асоси он маҳсулот ё хидмати муайянро ба бозор барорад? Ҷанбаҳои муҳимтарини тиҷоратикунонии ғоя кадомҳоянд? Оё тиҷоратикунонии идея бо эҷоди маҳсулоти ниҳоӣ ба охир мерасад? Мутаассифона сатҳи фарҳанги соҳибкории навоварона дар Тоҷикистон ба қадри кофӣ ташаккул наёфааст, ки посухи ин саволҳоро ба таври мувофиқ муайян созад.

Бояд гуфт, ки арзиши идея ва татбиқи он аз татбиқи амалии он вобаста аст. Ғояҳои калон одатан дар натиҷаи маҳдудиятҳо дар роҳи пешрафти доимӣ ё камбудиҳои дониш дар соҳаҳои гуногун ба вуҷуд меоянд. Дар ниҳоят, он метавонад дастрасӣ ба ҳалли муфидро таъмин кунад. Албатта, бояд ҳамеша дар хотир дошт, ки барои пайдо кардани

ҳалли амалӣ барои ғояҳо санҷиш, тасдиқ ва дар ниҳоят таҳияи ба ғоя асосёфта лозим аст.

Технология ба категорияи маҳсулоти саноатӣ тааллуқ дорад ва бозоре, ки дар он таъминкунандагони технология ва харидорон бо ҳамдигар ҳамкорӣ мекунанд, як қисми маркетинги саноатӣ ё ба ибораи дигар, байнифарҳангӣ мебошад. Маҳсулоти саноатӣ маҳсулоте мебошанд, ки ширкатҳо ва ташкилотҳо барои истифода дар раванди истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ё роҳнамоии амалиёт ба даст меоранд. Молҳои саноатӣ на ҳамчун ашё, балки ҳамчун маҷмӯи мураккаби муносибатҳои иқтисодӣ, техникӣ, ҳуқуқӣ ва инфиродӣ байни харидор ва фурӯшанда муайян карда мешаванд.

Раванди рушди технология ва тиҷоратикунонӣ аз се марҳила иборат аст:

- илми муосир;
- табдил додани илм ба техника;
- табдил додани технология ба маҳсулот.

Азбаски навоварӣ ва эҷоди технологияҳои нав дар асоси донишҳои мавҷуда сурат мегирад, рушди технология бештар аз олимон ва муҳандисон вобаста аст, ки дониши мавҷударо медонанд ва ба ғояҳо ва бозёфтҳои муҳаққиқони дигар дастрасӣ доранд. Чӣ қадаре ки дониши кормандони техникӣ васеътар бошад ва дастрасии онҳо ба натиҷаҳои кори муҳаққиқони дигар васеътар бошад, эҳтимоли зиёд аст, ки онҳо ба технологияҳои нав, ки асоси маҳсулоти муваффақ мешаванд, дастрасӣ пайдо кунанд. Интиқоли технология барои рушди технология муҳим аст.

Пас аз рушди технология, мо ба тиҷоратикунонии технология ниёз дорем. Тиҷоратикунонӣ табдил додани технологияҳои нав ба маҳсулоти муваффақи тиҷоратӣ мебошад. Ин раванд фаъолиятҳоеро дар бар мегирад, ба монанди арзёбии бозор, тарроҳии маҳсулот, муҳандисии истеҳсолот, идоракунии моликияти зеҳнӣ ва ҳуқуқи зеҳнӣ, таҳияи стратегияи маркетинг, маблағгузорӣ ва омӯзиши қувваи корӣ.

Раванди таҳияи маҳсулоти нав амалҳо ва қарорҳоро дар бар мегирад, ки аз эҷоди идея то ворид шудани маҳсулот ба бозор иборатанд. Барои аксари ширкатҳое, ки мехоҳанд навовар бошанд ва одатан дар соҳаи таҳияи маҳсулоти нав кор кунанд. Нуқтаи ибтидоӣ эҷоди раванди таҳия ё таҷдиди маҳсулоти нав мебошад. То ба имрӯз, моделҳои гуногун барои таҳияи маҳсулоти нав пешниҳод карда шуданд.

Истифодаи ин усулҳо барои соҳибкорони тоҷик имконият медиҳад, ки мушкилот дар ҳар марҳила муайян карда шаванд. Ҳавасмандии асосии муҳаққиқон дар таҳияи равишҳо ва моделҳои гуногун асосан беҳтар кардани чизҳое ба монанди назорати вақт, хароҷот, сифат, иҷроиш ва дар маҷмӯъ беҳтар кардани истеҳсоли маҳсулоти нав барои истифодаи имкониятҳои кушода мебошад.

Дар даҳсолаҳои охир дар соҳаи маркетинг тағйироти назаррас ба амал омаданд, ки бояд соҳибкорони тоҷик ба назар гиранд. Ҳамин тариқ, стратегияҳои анъанавиро дигар барои муваффақ шудан дар бозори муосири рақобатпазир истифода бурдан мумкин нест. Бо тағйироти босуръат ва куллӣ дар ҷаҳони муосир, мафҳумҳои нав барои созмонҳо муҳиманд. Ин мафҳумҳо зинда мондан ва афзоишро дар шароити рақобати шадид бо ширкатҳои рақиб кафолат медиҳанд.

Таҳлили дар боло овардашудаи омилҳои беруна ва дохилӣ дар якҷоягӣ бо мисоли овардашуда на танҳо муносибати ошкоро, балки алоқамандии ҷиддии омилҳои муҳити навовариро (муҳити тиҷоратикунонӣ) нишон медиҳад (нигаред ба расми 2.2.1.).

Чуноне, ки дар расм мебинем, аз маблағгузорӣ ба илм ва тадқиқотҳои илмӣ то сатҳи рушди илм ва технология ҷиҳати коркакрд ва фурӯш яъне тиҷоратикунонии навоварӣ дар кишвар аз умдатарин омилҳои таъсиррасон ва алоқамандии байниякдигар дар муҳити тиҷоратикунонӣ ба шумор меравад.




Расми 2.2.1. - Алоқамандии омилҳои таъсиррасон дар муҳити тиҷоратикунонӣ (таҳияи муаллиф)

Ҳар як мамлакат масъаларо вобаста аз шароитҳои аниқи сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, анъанаҳои талаботи иқтисодӣ-миллӣ ва имконоти истеҳсолии худ, мавҷудияти захираҳои башарӣ, молиявӣ, табиӣ ва сармоя ҳал мекунад. Дар баробари ин, боз қонуниятҳои умумие вуҷуд дорад, ки дар ин ё он шакл қариб ба ҳамаи давлатҳо хос мебошанд [126]. Дар байни консепсияҳое, ки барои соҳаҳои саноат ва ташкилотҳои тиҷоратӣ таваҷҷуҳ доранд, таҳияи маҳсулоти нав мебошанд. Таҳияи маҳсулоти нав яке аз мафҳумҳои маъмултарин ва муассир дар соҳаҳои гуногуни тиҷорат мебошад. Дар солҳои охир ин консепсия таваҷҷуҳи бештари роҳбарони ташкилотҳои пешрафтаро ба худ ҷалб мекунад, ки ба назар гирифтани он барои соҳибкорони тоҷик муҳим мебошад.

Таҳияи хидматҳои нав яке аз мавзуъҳои рӯз дар ҷаҳони маркетинг ва тиҷорат мебошад. Сарфи назар аз эътирофи муҳаққиқони тиҷоратикунонӣ, далелҳои сершумор аз саросари ҷаҳон нишон медиҳанд, ки гарчанде ки бисёре аз таҳқиқот аз ҷиҳати техникӣ муваффақ буданд, танҳо як фоизи ками онҳо нишон доданд, ки раванди тиҷоратикунонӣ мураккаб аст.

Зарурияти дастгирии давлатии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар саноат аз он иборат мебошад, ки аз як тараф, мақоми калони рушди технологӣ дар таъминоти инкишофи иқтисодӣ, аз тарафи дигар, бахши хусусӣ на ҳамеша имкон ва на хоҳиши молиягузории корҳои илмӣ-тадқиқотиро дорад, чунки таваккали калон дар вақти тадқиқот ва амалӣ гаштани он дида мешаванд.

Барои дастгирии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар саноат аз тарафи давлат аслан механизми универсалии иқтисодӣ истифода карда мешавад, яъне ҷорӣ намудани лоиҳаҳо ва молиягузориҳо, ки то 50% арзиши лоиҳаи махсусро таъмин месозад. Инчунин истифодаи васеи андозҳои имтиёзнок ва қарзҳо, кафолати давлатӣ ва молиягузорӣ бо роҳҳои иштироки давлат дар сармояи саҳҳомӣ ва ғайра аз ҷумлаи онҳост [1, с.50].

Солҳои охир муносибатҳои давлатҳои пешқадам ба корҳои илмӣ-

тадқиқотӣ хислати интихобӣ пайдо кард. Мутамарказияти асосии дастгирии давлатӣ дар равияҳои муайян, ки барои ҳалли масъалаҳои зерин равона аст, амиқ дида мешавад:

- дастгирии бахши хусусӣ барои азхудкунии технологияи пешқадам, ки моҳияти муҳим барои баланд бардоштани дараҷаи рақобатнокии бозори ҷаҳонӣ дорад;
- зиёд кардани қудрати илмию техникии бизнеси хурд ва миёна;
- беҳтар кардани инфраструктураи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар саноат [5].

Мувофиқи баҳои Индекси ҷаҳонии фаъолнокии инноватсионӣ ин нишондиҳанда дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2013 то 2020 ҷаҳиши ғайримуназзаме доштааст (расми 2.2.2.).




**Расми 2.2.2. - Мавқеи Тоҷикистон дар Индекси ҷаҳонии фаъолнокии инноватсионӣ**

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Мушоҳидаи расми 2.2.2 нишон медиҳад, ки мавқеи Таҷикистон оид ба фаъолнокии инноватсионӣ дар солҳои 2016 рӯ ба пешравӣ дошта, дар солҳои минбаъда коҳиши ҷиддӣ ба назар мерасад. Сабаҳои асосии ин тамоюлро метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд:

- кам гардидани интиқоли маблағҳои муҳоҷирон;

- коҳиши равандҳои ҳамкорӣ бо шарикони стратегии рушд (пеш аз ҳама Федератсияи Россия, Ҷумҳурии исломии Эрон);
- коҳиши ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ;
- ба миён омадани аломатҳои буҳронӣ иқтисодӣ.

Аммо мушкилоти ҷиддитарин тиҷоратикунонӣ навоварӣ дар Тоҷикистон иштироки нокифояи муҳаққиқон дар ташкили коммуникатсияи бозорӣ ва муҳити истеҳсолӣ мебошад, ки тиҷоратикунонии технология таҳия ва интизории гирифтани пулро талаб мекунад ва ин як раванди мураккаб, вале тӯлонӣ аст. Ин вақт ва кушишу истодагариро талаб мекунад ва аз ин рӯ, аксари навоварон ва соҳибкорон таҳқиқоти босифат анҷом намедиҳанд. Аксари ғояҳо ва навовариҳо на ба бозор, балки дар қоғаз боқӣ мемонанд;

Яке аз омилҳои нокомии раванди рушди тиҷоратикунонии навовариҳо дар Тоҷикистон он аст, ки менеҷерон аксар вақт фаромӯш мекунанд, ки ба дастгирӣ ва танзими дигар бахшҳои созмон, махсусан шуъбаи илм ва маркетинг, ниёз доранд. Мушкилоти дигар дар он аст, ки диққати роҳбарони баландпоя аксар вақт ба лоиҳа дар лаҳзаи номувофиқтарин ҷалб карда мешавад, вақте, ки лоиҳа ба охир мерасад, вақте, ки аксари параметрҳо муайян ва собит карда мешаванд ва тағйирот даровардан хеле гарон ва вақтро талаб мекунанд.

Бояд гуфт, ки тиҷоратикунонӣ занҷираи мураккаб ва дароз аст ва барои ба бозор баровардани инноватсия метавонад солҳо тӯл кашад. Моделҳои тиҷоратикунонӣ маҷмуи таҷрибаҳо дар соҳаи таҳқиқот, таҳияи маҳсулот, маркетинг ва рушди тиҷорат мебошанд, ки аҳаммияти фаъолиятҳои марбут ба ихтироъ ё ғояи аслӣ ва инчунин, доираи васеи малакаҳоеро, ки барои ташкили як корхонаи муваффақ дар бахши нави моликияти зеҳнӣ заруранд, таъкид мекунанд.

Тиҷоратикунонии инноватсия дар Тоҷикистон инчунин бо як қатор мушкилоти дигар низ рӯ ба рӯ мешавад, ки метавонанд ба марҳилаҳои

гуногуни раванди тиҷоратикунонӣ, аз таҳияи идея то ба бозор баровардани маҳсулот таъсир расонанд. Баъзе аз масъалаҳои муҳимтарини тиҷоратикунонии инноватсия дар Тоҷикистон инҳоянд:

- норасоии маблағ барои НИОКР: бисёр ширкатҳо ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ дар Тоҷикистон бо норасоии маблағ барои гузаронидани таҳқиқоти амалӣ ва таҳияи технологияҳои нав рӯ ба рӯ мешаванд;

- набудани муошırати муассир байни муассисаҳои илмиву тадқиқотӣ ва саноат: дар бисёр ҳолатҳо, таҳқиқоти илмӣ ба талаботи воқеии саноат ҷавобгӯ нестанд, ки инноватсияро барои истифодаи тиҷоратӣ номувофиқ месозад;

- дастрасии маҳдуд ба маблағгузорӣ ширкатҳои инноватсионӣ аксар вақт дар гирифтани маблағгузорӣ барои таҳияи маҳсулоти худ душворӣ мекашанд;

- тамоюли пасти хавфпазирӣ: сармоягузорони Тоҷикистонӣ майл доранд, ки ба лоиҳаҳои инноватсионӣ ва хатарнок камтар сармоягузорӣ кунанд;

- масъалаҳои ҳуқуқӣ ва бюрократия, равандҳои дарозмуддат ва мураккаби ҳуқуқӣ ва маъмурӣ вақт ва хароҷотро барои тиҷоратикунонии инноватсия зиёд мекунанд;

- ҳифзи нокифояи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, ки метавонад боиси дуздии ғояҳо ва коҳиши ҳавасмандӣ ба навоварӣ гардад;

- дар баъзе ҳолатҳо, навоварӣ аз сабаби набудани инфрасохтори зарурии техникӣ ва технологӣ ба марҳилаи истеҳсоли оммавӣ расида наметавонад;

- нуқтаҳои заиф дар занҷири таъминоти ашёи хом ва ҷузъҳои барои истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ зарурӣ, ки монеаи ҷиддӣ мешаванд;

- дар баъзе ҳолатҳо, муқовимат ба қабули технологияҳо ва навовариҳои нав дар ҷомеа ва саноат вуҷуд дорад;

- фарҳанги соҳибкорӣ ва қабули хавфҳо дар Тоҷикистон ҳанӯз ба қадри кофӣ рушд накардааст;

- дар баъзе ҳолатҳо, бозори дохилии Тоҷикистон барои навовариҳо хурд аст ва ин метавонад даромаднокиро маҳдуд кунад;

- маҳсулоти инноватсионии ватанӣ аксар вақт бо рақобати шадиди маҳсулоти хориҷӣ дучор меоянд, ки метавонанд аз ҷиҳати нарх ё сифат бартарӣ дошта бошанд;

- таҳримҳои байналмилалӣ нисбат ба шарикони стратегии Тоҷикистон - Россия ва ҶИЭ, ки дастрасӣ ба технология, ашёи хом ва бозорҳои ҷаҳонро маҳдуд мекунанд;

- фирори мағзҳо: бисёре аз коршиносон ва элитаҳои Тоҷикистонӣ аз сабаби шароити номусоиди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ кишварро тарк мекунанд;

- дар баъзе ҳолатҳо, малакаҳои қувваи корӣ ба талаботи воқеии бозор ва саноат ҷавобгӯ нестанд.

Бо дарназардошти ин мушкилот, зарурати муносибати ҳамаҷониба ва ҳамоҳангшуда байни ҳукумат, саноат ва институтҳои илмиву тадқиқотӣ барои мусоидат ба тиҷоратикунонии инноватсия дар Тоҷикистон вуҷуд дорад.

Имрӯзҳо албатта сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба рушди соҳаи саноат ба самти дастгирии бартариятноки «стратегӣ» равона карда шудааст, ки дар як вақт ҷанбаҳои навоварӣ ва тиҷорати онро низ дар бар мегирад. Таъсири сиёсати давлат дар самти рушди илм ва навовариҳо то андозае оқибатҳои нохуши мавориди дар боло зикршударо бартараф менамояд.

Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” низ таъкид гардидааст, ки: “Дар давраи дарозмуҳлат таъмини рушди устувори кишвар бе истифодаи навовариҳо

дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар ғайриимкон аст. Самтҳои стратегии рушд бояд афзоиши фаъолнокии сармоягузорӣ ва иқтисодиро дар қитъаи Осиё, нақши кишварҳои Осиёи Марказиро дар он ва умуман, фаъолсозии ҳамкориҳоро дар доираи минтақаи кишварҳои Ҷануб ба инобат гиранд.” [125, с.7]. Батадриҷ дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои дар ҳуҷҷати мазкур гузошташуда ба рушди бемайлони навоварӣ ва тиҷорати он мусоидат хоҳад кард.

Афзоиши шумораи корхонаҳои хурд дар миқёси кишвар, яке аз нишондиҳандаҳои асосии рушди босуботи иқтисодиёт дар кишвар буда, бемуҳобот шаҳодати он аст, ки иқтидори соҳибкорӣ дар миқёси ҷумҳурӣ баланд аст. Бояд ба назар гирифт, ки корхонаҳои хурд ва миёна бештар ба фаъолияти навоварӣ алоқаманд мебошанд ва рушди онҳо то андозае гувоҳи самаранокии сиёсати давлатӣ дар самти густариши фаъолияти навоҷорисозӣ мебошад. Вобаста ба ин, шарти асосии рушди тиҷоратикунонии навоварӣ дар кишвар ҷалби сектори хусусӣ мебошад, ки барои истифодаи самараноки иқтидори навоварӣ дар иқтисодиёти миллӣ шароит фароҳам оварда, боиси ба миён омадани сарчашмаҳои нави молиягузорӣ дар самти коркард ва тиҷоратикунонии навоварӣ мегардад [63, с.93].

Қайд кардан ба маврид аст, ки истифодаи самараноки иқтидори навоварӣ ва тиҷоратикунонии навоварӣ аз як тараф агар бо рушди соҳибкорӣ ва инкишофи бемайлони корхонаҳои хурд алоқамандӣ дошта бошад, аз ҷониби дигар мебояд шумораи муассисаҳои илмӣ-тадқиқотиро низ афзун намуд. Зеро ин раванд ба ҳамҷояшавии илм ва истеҳсолот боис гардида, чунин муносибат ба фаъолнокии ҷанбаҳои илмии сектори иқтисодии мамлакат оварда мерасонад [59].

Рушди бомароми фаъолнокии навоварии аҳолии мамлакат яке аз индикаторҳои муҳимми рушди босуботи иқтидори навоварӣ ва вусъат ёфтани тиҷоратикунонии навоварӣ дар мамлакат мебошад. Аз ин рӯ,

сатҳи рушди навоваронаи иқтисодиёти мамлакат ва тиҷоратикунонии навоварӣ бешубҳа аз сатҳи фаъолнокии навоваронаи аҳолии он вобастагии қавӣ дорад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар давоми солҳои 2012-2023 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи пасти фаъолияти навоварӣ ва тиҷоратикунонии навоварӣ мушоҳида карда мешавад. Новобаста аз рушди назарраси шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, ҳиссаи ходимони илмӣ нисбати соли сипаришуда 0,78% афзудааст, ки шумораи ходимони илмӣ нисбат ба 1000 нафар, одам мутаносибан 18,5 и 20,1 одамро ташкил медиҳад.

Бояд дар назар дошт, ки сиёсати тиҷоратикунонии навоварӣ бо рушди фаъолияти иттилоотӣ-коммуникативӣ алоқамандии бевосита дорад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки бо мақсади муайян намудани сатҳи рушди фаъолияти иттилоотӣ-коммуникативӣ механизмҳои имконпазири беҳтар гардидани муҳити иттилоотӣ-коммуникативиро таҳлил намоем (ҷадвали 2.2.2.).

**Ҷадвали 2.2.2. - Алоқамандии хароҷот барои татбиқ ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ нисбат ба ММД, %**

| Солҳо | ММД номиналӣ (млн.сомонӣ) | Хароҷот барои татбиқ ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ, млн. сомони | Хароҷот барои татбиқ ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ нисбат ба ММД, % |
|---|---|---|---|
| 2012 | 36 163,1 | 0,66 | 0,002 |
| 2013 | 40 525,5 | 0,42 | 0,001 |
| 2014 | 45 606,6 | 0,70 | 0,001 |
| 2015 | 50 977,8 | 1,20 | 0,002 |
| 2016 | 54 471,1 | 2,08 | 0,004 |
| 2017 | 64 434,3 | 2,94 | 0,005 |
| 2018 | 71 059,2 | 5,51 | 0,008 |
| 2019 | 79 109,8 | 7,11 | 0,009 |
| 2020 | 83 958,3 | 7,89 | 0,009 |
| 2021 | 101 076,3 | 8,20 | 0,008 |
| 2022 | 118 181,7 | 9,12 | 0,007 |
| 2023 | 130 791,5 | 9,65 | 0,007 |
| 2023 / 2012, мар. | 3,616 | 14,62 | 3,50 |

Сарчашма: Дар асоси журнали Иқтидори илмӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 // Маҷмуъаи таҳлилӣ. - Душанбе, 2023. - С. 7-28 аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст [20, с.7-28].

Чуноне ки аз ҷадвали 2.2.2. бармеояд, хароҷот барои татбиқ ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ нисбат ба ММД тамоюли инкишофро дорад. Агар соли 2012 нишондиҳандаи мазкур 0,002%-ро ташкил диҳад, пас дар соли 2023 ин нишондиҳанда ба 0,007% баробар гардидааст, ки 3,5 маротиба аз соли 2012 зиёд мебошад. Аз ин рӯ, беҳтар гардонидани муҳити иттилоотӣ-коммуникативии рушди инноватсионии кишвар ва минтақаҳои он марҳила ба марҳила зиёд намудани маблағгузориҳоро талаб менамояд.

Ҳамин тариқ, таҳлили гузаронидашудаи вазъи кунунии иқтидори навоварӣ ва тиҷоратикунонии навоварӣ дар фаъолияти субъектони хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон фароҳам меоварад, ки низоми нишондиҳандаҳои ташкил ва истифодаи иқтидори навовариро дар давраи 2010-2023 муайян созем. (Нигаред ба ҷадвали 2.2.3.)

Тавре дар раванди гузаронидани таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи кунунии иқтидори навоварӣ дар кишвар муйян гардид, ҳиссаи хароҷот барои навовариҳои технологӣ дар ҳаҷми умумии молҳои интиқолёфта дар аввали соли 2019 дар соҳаи истеҳсолот 1,8% ва дар соҳаи хизматрасонӣ 3,3%, корхонаҳои хурд на бештар аз 1% -ро ташкил доданд, ки барои нигоҳ доштани рақобатпазирӣ дар бозор хело нокифоя мебошад.

Гузашта аз ин, гуфта мешавад, ки бинобар паст будани иқтидори тиҷорати навоварӣ дар кишвар тамоюли тадриҷан ба даст овардани сатҳи ҷаҳонӣ ғайриимкон аст. Шумораи технологияҳои бадастовардаи корхонаҳои инноватсионии технологӣ ба ҳолати аввали соли 2020 дар соҳаҳои истеҳсолот ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 1593 ададро ташкил дод (Ҷадвали 2.2.3.). Аммо шумораи навовариҳои тиҷоратикунонидашуда аз ҷониби ин корхонаҳо мутаносибан аз 359 адад зиёд набуд. Барои ҳар як воҳиди тиҷоратикунонидашудаи соҳаи истеҳсолот, даҳ адад ба даст оварда шудааст, ки дар натиҷа, ба назари

мо, динамикаи қатъиян ғайриқаноатбахши рушди навоварӣ ва тиҷоратикунонии навоварӣ ба назар мерасад.

**Ҷадвали 2.2.3. - Тиҷоратикунонии навовариҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳо то соли 2023 аз роҳи интиқол ба даст оварда шудаанд**

| Шакли технологияҳои нав | ба даст овардани технологияҳо | Аз онҳо берун аз кишвар | интиқол дода шудааст технологияҳо | Аз онҳо берун аз кишвар |
|---|---|---|---|---|
| Корхонаҳои истеҳсолӣ, ҳамагӣ | | | | |
| аз ҷумла: | | | | |
| Ҳуқуқҳо ба патентҳо, литсензияҳо; | 720 | 187 | 160 | 0 |
| истифодаи ихтироот; | 929 | 224 | 113 | 7 |
| know-how, шартномаҳои интиқоли технологияҳо; | 168 | 15 | 21 | 8 |
| хариди (фурӯш) таҷҳизот; | 3826 | 1174 | 320 | 42 |
| ба кор қабул намудани мутахассисони соҳибихтисос; | 791 | 30 | 13 | 0 |
| Корхонаҳои хизматрасонӣ, ҳамагӣ; | | | | |
| аз ҷумла: | | | | |
| Ҳуқуқ ба патентҳо ва иҷозатномаҳо оид ба истифодаи ихтироот; | 1744 | 141 | 1579 | 15 |
| Натиҷаҳои таҳқиқот ва рушд; | 1294 | 10 | 3207 | 64 |
| know-how, шартномаҳои интиқоли технологияҳо; | - | - | - | - |
| хариди (фурӯш) таҷҳизот; | 2252 | 498 | 570 | 6 |
| ба кор қабул намудани мутахассисони соҳибихтисос; | 1437 | 13 | 92 | 0 |

Сарчашма: Дар асоси Ҳисоботи солонаи Маркази миллии патенту иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2023. таҳия гардидааст.

Ҳамин тавр, имрӯз омӯзиш ва тадқиқот дар Тоқикистон дар самти тиҷоратикунонии навоварӣ муҳим аст. Тиҷоратикунонии тадқиқот як қисми муҳимми раванди инноватсионӣ мебошад ва ҳеҷ як технология ё маҳсулот бидуни он бомуваффақият ба бозор ворид шуда наметавонад. Тиҷоратикунонӣ кӯшиши ба даст овардани фоида аз навоварӣ тавассути

ворид кардани технологияҳои нав ба маҳсулот, равандҳо, хидматҳо ва фурӯши онҳо дар бозор мебошад. Барои татбиқи консепсияи тиҷоратикунонӣ дар ташкилотҳо, бояд бо моделҳои тиҷоратикунонӣ шинос шуд. Моделҳои тиҷоратикунонии технология харитаи роҳи рушди фаъолият ва нақшаҳои стратегии тиҷоратикунонии технология мебошанд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки асоси беҳтарини назариявӣ дар моделҳои тиҷоратикунонӣ, ба ғайр аз хусусиятҳои ташкилӣ, ки дар онҳо системаи инноватсионӣ амал мекунад, модели ташакули муҳити мувофиқи тиҷорати навовариҳо мебошад, ки нисбат ба дигар моделҳо бештар татбиқ карда мешавад, зеро он раванди тиҷоратикунониро муфассал шарҳ медиҳад ва ниёзҳои бозорро ба назар мегирад.

Технология худ аз худ сарватро ба вуҷуд намеорад, аммо истифодаи самаранок ва дурусти он сарватро ба вуҷуд меорад. Вақте, ки технология барои баланд бардоштани арзиши захираҳо ва пешниҳоди маҳсулот ва хидматҳои ба бозор зарурӣ истифода мешавад. Технология метавонад маҳсули истеҳсолот, хидматрасонӣ ё ҳатто маркетинг бошад, аммо бо вуҷуди ин, истифодаи технология ё тиҷоратикунонии технология барои эҷоди сарват, рушди технология ва иқтисод муҳим аст. Бояд дар хотир дошт, ки давраи инноватсионӣ танҳо баъди раванди тиҷоратикунонӣ ба анҷом мерасад. Дар воқеъ, тиҷоратикунонӣ марҳилаи охирини навоварӣ аст ва навовариҳо бидуни тиҷоратикунонии он нопурра ва бефоида мебошанд. Аз ин рӯ, навоварӣ бояд бо назардошти ниёзҳои муҳити зист анҷом дода шавад. На ҳама навовариҳо қодиранд аз тамоми занҷири арзиш гузаранд ва ба бозор ворид шаванд, аксари онҳо дар нимароҳ амалӣ намешаванд.

# БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ МУКАММАЛГАРДОНИИ МЕХАНИЗМИ ТИҶОРАТИКУНОНИИ НАВОВАРИҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## §3.1. Ташаккули муҳити мусоиди институтсионалии тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи истифодаи механизмҳо ва усулҳои муайян татбиқ гардонида мешавад. Албатта, муқоисаи навоварӣ дар сатҳи давлат бо сатҳи корхона хело мураккаб аст, вале тадқиқи таркиб ва тафсири стратегияи тиҷоратикунонии навоварӣ дар корхонаҳо барои муайян намудани стратегияи рушди тиҷоратикунонӣ дар сатҳи давлат ва минтақа хело муҳим мебошад. Гуфта мешавад, ки таъсири самараноки механизми бозории дастгирӣ ва танзими давлатии тиҷоратикунонии навоварӣ пурра дар асоси фаъолияти соҳибкорӣ ташкил ва ба роҳ монда мешавад. Дар мусолиҳа бо ақидаи бархе аз олимони соҳаи навоварӣ ва тиҷоратикунонии навоварӣ сатҳи танзими давлатии фаъолияти навоварӣ пас аз гузариши бӯҳрон ва рушди соҳибкории навоварӣ хело паст мегардад. Аз ин рӯ, барои дастгирии соҳибкории навоварӣ дар ҳудуди давлат ва минтақа татбиқи консепсияи механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ва танзими давлатии соҳибкории навоварӣ зарурияти аввалиндараҷаро дорад. Дар ин замина, пеш аз ҳама ташаккули муҳити мусоиди институтсионалии тиҷоратикунонии навовариҳо муҳим ба назар мерасад.

Яке аз вазифаҳои муҳимми давлат таъсиси системаи иқтисодии ҳавасмандгардонандаи равандҳои навҷорисозии истеҳсоли дар сохторҳои соҳибкорӣ мебошад, ки дар доираи чорчубаи муайяни институтсионалӣ ва ё ниҳодӣ амалӣ мешавад.

Мафҳуми муҳити ниҳодӣ аз дер боз дар доираи мутафаккирони иқтисодӣ мавриди баҳс ва баррасӣ қарор дорад. Агарчӣ ин мафҳум дар

асарҳои олимони мактаби институтсионалӣ аз қабили Д. Нортон, О.И. Уилмсон ва дигарон таърифи мукаммали худро ёфтааст, вале бо таваҷҷуҳ ба ҳолатҳои махсус таърифҳои мухталиф аз тарафи олимони муосир низ пешниҳод мешавад. О.И. Уилмсон дар ин замина, таърифи зеринро пешниҳод намудааст: "Қавоиди умумӣ, ки дар доираи он фаъолияти иқтисодӣ сурат мегирад. Меъёрҳои асосии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии истеҳсол, мубодила ва тақсимот" [136, с.688]. Чуноне ки мебинем дар таърифи мазкур ба категорияи "тақсимот ва мубодила" низ ишора мешавад. Яъне муҳити ниҳодӣ тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти навовариро низ фаро мегирад.

Олими маъруфи рус А.Е. Шаститко низ таърифи ба ҳамин монандро пешниҳод кардааст. Ба ақидаи ӯ муҳити ниҳодӣ ин "Маҷмуи қоидаҳои асосии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, ки асоси истеҳсол, мубодила ва тақсимотро ташкил медиҳанд" [156]. Дар ин таъриф низ нақши муҳити ниҳодӣ дар пешбурди фаъолияти тиҷоратикунонӣ баръало ҳис карда мешавад.

Д.А. Ҳодиев чунин мешуморад, ки "Дар назарияи институтсионалӣ ҳолатҳои мухталифи бархурди ниҳодҳо ва авоқиби ношӣ аз он баррасӣ мешавад, ки яке аз муҳимтарини онҳо назарияи "домҳои ниҳодӣ" аст. "Домҳои ниҳодӣ" ба ҳолате гуфта мешавад, ки дар он инкишофи равандҳои муайян бо тавaҷҷуҳ ба носозгории ниҳодҳои марбут ба сустӣ пеш меравад ва ё аслан ҳолати сукутро ба миён меорад. Агарчӣ аксари муҳаққиқин таъсири як ё чанд ниҳоди марбутро дар алоҳидагӣ мӯҷиби эҷоди "доми ниҳодӣ" арзёбӣ карданӣ мешаванд, аммо солҳои охир назарияи ҳамвазн ба он низ пешниҳод мешавад, мабнӣ бар ин ки аслан "доми ниҳодӣ" характери системавӣ дорад ва як ё ду ниҳод наметавонад як доми ниҳодӣ ба миён оварад" [153, с.19]. Яъне яке аз сабабҳое, ки ба инкишофи бомароми тиҷоратикунонии фаъолияти навоварӣ монеа ба вуҷуд меорад ин ба миён омадани "доми ниҳодӣ" [4, с.24]. дар таркиби

муҳити ниҳодӣ мебошад. Вобаста ба ин, ташаккули муҳити ниҳодӣ бо таваҷҷуҳ ба бартараф намудани домҳои ниҳодӣ яке самтҳои муҳимми мукаммалгардонии механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Бо таваҷҷуҳ ба ин, дар навбати аввал шакли муҳити ниҳодии механизми тиҷоратикунонии навовариҳоро тасвир менамоем (расми 3.1.1.).

Чуноне ки мебинем (расми 3.1.1.) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳити мусоиди ниҳодии тиҷоратикунонии фаъолияти навоварона тақрибан шакл гирифтааст. Маҷмуи қонунҳои ба фаъолияти навҷорисозӣ ва мувофиқан ба тиҷорати он мусоидаткунанда коркард, қабул ва ба маърази иҷро қарор гирифтаанд. Инчунин, ниҳодҳои сохтории танзим ва идоракунии раванди мазкур таъсис шудаанд ва бевосита амал мекунанд. Аз тарафи дигар чандин барнома ва стратегияҳои соҳавӣ дар ин замина қабул шудаанд ва дар ҷараёни иҷроиш қарор доранд. Вале бо вуҷуди он, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки самаранокии чашмдошти ин раванд ҳанӯз таъмин нагардидааст. Аз ин рӯ, метавон фарзияеро пешниҳод намуд, ки дар муҳити ниҳодии тиҷоратикунонии фаъолияти навоварона ба истилоҳ “домҳои ниҳодӣ” шакл гирифтаанд, ки монеи таъмини самаранокии баланди ин фаъолият мегарданд. Ҳоло ҷиҳати ошкор намудани чунин “домҳо” фазои умумии фаъолияти навоваронаро дар ҷумҳурӣ таҳлил ва баррасӣ менамоем.

Низоми ниҳодии иқтисодии давлат ҳавасмандгардонии фаъолият оид ба тиҷоратикунониро аз тариқи абзорҳои зерин метавонад амалӣ кунад:

- маблағгузории (буҷетӣ ва тиҷоратӣ), молиявию қарзӣ, андозу андозбандӣ ва ғайраҳо;

- таъсиси имтиёзҳои давлатии тиҷоратӣ оид ба фаъолияти навоварӣ, тиҷоратикунонии навоварӣ дар корхонаҳо;

- дастгирии методӣ, кадрӣ, моддӣ ва техникии тиҷоратикунонии фаъолияти навоварона ва ғ.




**Расми 3.1.1. - Муҳити ниҳодии инкишофи тиҷоратикунонии навовариҳо (таҳияи муаллиф)**

Бинобар хусусияти венчурӣ доштани фаъолияти навҷорисозию инвеститсионӣ, низоми ниҳодӣ бояд аз сарчашмаҳои гуногун ва шаклҳои дастгирии давлатӣ дар асоси тафриқабандӣ бо дарназардошти баҳисобгирии сармоягузории навоварӣ, ки натиҷаи сиёсати пешгирифтаи давлат барои ҳар як ташкилоти навоварӣ мебошад, истифода намояд. Таҳлили санадҳои меъёрӣ дар ин замина камбудиҳои назаррасро ошкор намекунад. Яъне, Тоҷикистон бо пайравӣ аз кишварҳои пешрафтаи саноатӣ дар низоми қонунгузории худ ба халои фазоӣ (вакуум) ҷой нагузоштааст. Дар баъзе самтҳо бошанд қонунҳоеро коркард ва қабул намудааст, ки шояд дар баъзе кишварҳои пешрафта ҳам ҳоло амалан қабул нашудаанд.

Аз тарафи дигар, айни ҳол сиёсати давлат дар самти инкишофи навоварӣ аз тариқи ғайримустақим бо таваҷҷуҳ ба эҷоди ҷойҳои нави корӣ дар бахши саноат равона карда шудааст. Танҳо дар давоми соли 2021 ҳудуди 300 коргоҳу корхонаҳои нави саноатӣ бо беш аз 6500 ҷойи корӣ бунёд карда шудаанд. Дар соҳаи кишоварзӣ ва деҳоти кишвар 4 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи зиёда аз 550 миллион сомонӣ анҷом пазируфта, ҳамзамон 3- лоиҳаи дигари сармоягузорӣ ба маблағи наздики 510 миллион амалӣ гардида истодаанд. Албатта, зиёд шудани теъдоди ҷойҳои корӣ ва эҷоди рақобат ба таври муассир метавонад ба фаъолияти навоварона такони ҷиддӣ диҳад.

Татбиқи аксари лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар соҳаҳои энергетика, нақлиёту роҳсозӣ, кишоварзию обтаъминкунӣ ва маорифу тандурустӣ ба деҳоти мамлакат рост меояд ва ҳаҷми ин маблағҳо то ба имрӯз анқариби 10 млрд. долларро ташкил медиҳад, ки 82,0% онро маблағҳои буҷети давлатӣ ташкил медиҳанд [89].

Баррасии муҳимтарин лоиҳаҳои инноватсионие, ки барои татбиқ дар истеҳсолот дар давраи то соли 2030 ба нақша гирифта шудаанд

(ҷадвали 3.1.1.) низ нишон медиҳад, ки ҳукумати ҷумҳурӣ дар ин самт чораҳои муассиреро андешидааст.

**Ҷадвали 3.1.1. - Лоиҳаҳои инноватсионӣ**

| Лоиҳа | Мӯҳлат | Натиҷаҳои чашмдошт |
|---|---|---|
| **Гидроэнергетика, энергетикаи таҷдидшаванда, захираҳои табиӣ** | | |
| Татбиқи обкаш (насос) -ҳои инноватсионӣ дар асоси батареяҳои офтобӣ | 2021-2023 | Истифодаи технологияи мазкур ба гурӯҳи калони истифодабарандагони об дар маҳалҳое, ки аз захираҳои обӣ ва хати барқ дур ҷойгиранд ва сохти релефи заминҳои корамашон мураккаб аст, имконияти васеъ медиҳад. |
| **Комплекси саноатӣ ва ашёи хоми маъданӣ** | | |
| Татбиқи хӯлаҳои нави ба коррозия устувори алюминий | 2021-2030 | Хӯлаҳои нави кашфшуда барои рехтагарии қисмҳои гуногуни техника истифодашуда, мӯҳлати хизмати онҳо дароз карда мешавад. |
| Ташкили базаи маълумот оид ба конҳои канданиҳои фоиданок | 2021-2025 | Ба баланд бардоштани самаранокии корҳои ҷустуҷӯию иктишофӣ имконият медиҳад. |
| Татбиқи усулҳои геофизикӣ барои кашфи конҳои нафту газ дар Тоҷикистон | 2021-2025 | Сатҳи истихроҷи нафту газро дар Тоҷикистон баланд мебардорад. |
| Харитаи ёдгориҳои табиии геологӣ | 2021-2023 | Ҷалби бештари сайёҳон ва дӯстдорони табиат. |
| **Кишоварзӣ, амнияти озуқаворӣ, амнияти биологӣ** | | |
| Бонки захираҳои генетикии дарахтони мевадиҳандаи ёбоӣ | 2021-2030 | Систематикунонии дарахтони мевадиҳандаи ёбоӣ, нодир дар минтақаи ғарқшавӣ. |
| Обёрӣ бо истифодабарии усулҳои чакрагӣ | 2021-2024 | Сарфаи об дар ҳаҷми 50% таъмин карда мешавад. |
| Кадастраи давлатии рақамии олами набототу ҳайвоноти Тоҷикистон | 2021-2024 | Аҳамияти муҳими илмӣ ва стратегӣ дорад. |
| Татбиқи усули маълумотҳои кайҳонӣ барои арзёбии ташаккулёбӣ ва истифодабарии захираҳои обӣ | 2021-2023 | Пешниҳоди натиҷаҳои моделкунонӣ, барномаҳои таъминотии компютерӣ, тавсияҳо барои ташаккулёбӣ ва истифодабарии об. |
| Ташкил намудани кластерҳои истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ | 2022-2026 | Кластерҳои истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ таъсис дода мешаванд, ки онҳо корхонаҳои истеҳсол ва коркарди маҳсулот, сохторҳои таъминот бо маводи лозимӣ, баровардани маҳсулот ба бозори истеъмолиро муттаҳид месозанд. |

Идомаи ҷадвали 3.1.1.

| Тандурустӣ, дорусозӣ, кори табобатӣ, гигиена ва эмпидемиология | | |
|---|---|---|
| Татбиқи технологияи истеҳсоли маводи биологӣ ва химия-терапевтии ветеринарӣ аз штампҳои маҳаллӣ ва ашёи хоми ватанӣ | 2022-2030 | Истеҳсоли маводи биологӣ ва химиятерапевтӣ аз хайлҳои маҳаллӣ ва ашёи хоми ватанӣ ба роҳ мондашуда, ба хоҷагиҳои чорводории ҷумҳурӣ маводи воридотивазкунанда пешниҳод мегардад. |
| Таъсиси озмоиш гоҳи муайянкунии вируси нави корона-вирус (COVID-19) | 2021-2030 | Ба баланд бардоштани ташхиси бемориҳои сироятӣ мусоидат менамояд. |
| Таъсиси озмоишгоҳи муайянкунии маводҳои химиявӣ, биологӣ, радиоактивӣ ва ядроӣ | 2021-2030 | Ба баланд бардоштани сатҳи криминалистикаи маводҳои химиявӣ, биологӣ, радиоактивӣ ва ядроӣ имконият медиҳад. |
| Татбиқи технология-ҳои инноватсионӣ дар пешгирӣ ва табобати оризаҳои ҳомиладорӣ | 2022-2030 | Татбиқи технологияҳои мазкур ба ҳалли масъалаҳои паст намудани нишондодҳои талафоти репродуктивӣ; паст намудани нишондодҳои касалиҳо ва фавтӣ перинаталӣ мусоидат хоҳад кард. |
| **Амнияти сейсмикӣ, тағйирёбии иқлим, ҳифзи муҳити зист ва экология** | | |
| Ҷӯстуҷӯи пешгӯиҳои заминҷунбӣ тавассути падидаҳои метеорологӣ ва ионосферӣ | 2021-2025 | Ба пешгӯйӣ кардани замин ҷунбиҳо мусоидат менамояд. |
| Таҳия ва нашр кардани атласи пиряххо | 2021-2025 | Дар заминаи технологияи инноватсионӣ феҳристи пир яххо тартиб дода мешавад, ки дар он ҳолати пиряххо дақиқ муайян ва мушаххас карда мешавад. |
| Таҳияи сенарияҳои оқибатҳои заминҷунбии шадид | 2021-2025 | Ба паст кардани хавфи сейсмикӣ барои пойтахт ва шаҳрҳои калони Тоҷикистон мусоидат менамояд. |

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Чуноне ки мебинем дар ҳар як самти бахши иқтисодиёт як ё якчанд лоиҳаи инноватсионӣ дар ҳоли татбиқ шудан мебошанд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳукумати ҷумҳурӣ ба фаъолияти инноватсионӣ ва татбиқи натиҷаҳои он дар истеҳсолот аҳаммияти хос медиҳад. Баъзе аз ин лоиҳаҳо (масалан, Ҷӯстуҷӯи пешгӯиҳои заминҷунбӣ тавассути падидаҳои метеорологӣ ва ионосферӣ, ташкил намудани кластерҳои истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ) аҳаммият мубрам ва старетегӣ доранд, то андозае минбаъд рақобатпазирии ширкатҳои ватанӣ аз иҷрои ин лоиҳаҳо вобастагии мустақим дорад. Аммо нуктаи муҳиме, ки дар

коркард ва татбиқи ин лоиҳаҳо қобили қайд мебошад - ин тиҷорати натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Чунончӣ, на дар матни стратегия ва на дар ҷадвалҳои замимашудаи он дар робита ба роҳу равишҳои тиҷоратикунонӣ, фурӯши ихтироот, патентҳо ва амсоли он сухан намеравад.

Муҳити ниҳодии рушди иқтисодиётро имрӯзҳо асосан СМР-2030 ба сифати меҳвари асосӣ муаррифӣ мекунад. Ин ҳуҷҷати муҳим муқаддима ва асоси барномаҳову консепсияҳои рушд дар бахшҳои мухталифи иқтисодиётро муайян мекунад. Дар робита ба ин ҳама ниҳодҳои меъёриву ҳуқуқӣ имрӯзҳо барои дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои СМР-2030 замина фароҳам меоваранд. Чунончӣ, Ҳукумати мамлакат бахши хусусиро дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ҳамчун нерӯи пешбарандаи рушди босуботи иқтисодӣ, воситаи асосии таъмин кардани ҳадафҳои миллӣ ва дар ин замина, муҳайё намудани шароит ҷиҳати зиндагии арзандаи мардум муайян кардааст [89]. Дар давраи истиқлолият сиёсати молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари хусусияти иҷтимоӣ доштанаш, ба рушди воқеъии иқтисодиёт низ мусоидат намуда истодааст. Аз ин рӯ, бо мақсади татбиқи СМР ҳамасола ҳукумати мамлакат барои таъмини рушди босуръати иқтисодиёт ва татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ, яъне саноатикунонии иқтисодиёти мамлакат сармоягузориҳоро зина ба зина афзун намуда истодааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ин давра барои рушди соҳаҳои кишоварзӣ, энергетика, саноат, хоҷагии манзилию комуналӣ ва нақлиёт афзалият дода шуда, маблағгузории онҳо ҳамасола бо афзоиш таъмин гардида истодааст.

Аммо, чуноне ки мебинем сиёсати рушди иқтисодиёт дар кишвар характери экстенсивӣ ба худ касб карда истодааст. Ба андеши мо омили асосии чунин ҳолат ҳамоно шаклгирии як доми ниҳодии мустаҳкам дар

роҳи тиҷоратикунонии натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти навоварона боқӣ мемонад.

Чуноне ки таҳлили иқтидори навоваронаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, барои инкишофи самараноки раванди тиҷоратикунонӣ дар шароити муосир барои рушди босубот ва ҳифзи рақобатпазирии ташкилотҳо танҳо коркарди навоварӣ кифоя нест. Гузариши ба заминаи навоварӣ ва саноатии рушд ҳамчун афзалиятҳои асосии сиёсати муосири иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад [5]. Инкишофи бемайлони рақобат дар байни кишварҳои ҷаҳон, хоҳиши давлатҳо ба омодагӣ ба таҳаммули оқибатҳои бӯҳронҳои ҷаҳонии молиявӣ, иқтисодӣ ва дигар талафоти назаррас талаб мекунад, то афзоиши некӯаҳволии аҳолӣ таъмин карда шавад. Аксари кишварҳо низоми миллии инноватсионии худро (National Innovation System) бо инфрасохтори мувофиқ барои рушди тиҷорати венчурӣ ва муносибати махсус ба рушди навоварӣ ва тиҷоратикунонии навоварӣ ташаккул доданд [63]. Мутаассифона, дар иқтисодиёти кишвар рушди низоми миллии навоварӣ бинобар нокифоягии ташаккули инфрасохтори дахлдор, сифати пасти таҷҳизот ва технология боиси сатҳи пасти рушди инноватсионии иқтисодиёт арзёбӣ мегардад. Аммо ҳамаи инҳо сабаб набуда балки паёмад ё худ натиҷаи дигар омил аст, ки аз шаклгирии як доми ниҳодии мустаҳкам дар роҳи тиҷоратикунонии натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти навоварона дарак медиҳад.

Воқеан, дар марҳилаи кунунии рушди тамаддуни ҷаҳонӣ, олимон дуруст мегӯянд, ки «рушди иқтисодиёти ашёвӣ нақши худро гум кардааст ва дар оянда иқтидори инкишофи ҷомеаи постиндустриалӣ ҳамаҷониба аз миқёси паҳншавии иттилоот ва дониш вобастагӣ дорад» [126]. Паҳн гардидан ва истифодаи васеи технологияҳои нави прогрессивӣ кашфиёт ва таҳаввулоти нави илмиро дар истифодаи минбаъдаи иқтисодӣ ҳавасманд мекунанд. Зеро он, пеш аз ҳама, ба вазъи

иҷтимоию иқтисодии хоҷагии халқ, сониян, ба иқтидори илмӣ-техникии захираҳои меҳнатӣ ва сеюм, ба имкониятҳои молиявии худи низоми давлатӣ, инчунин ташкилотҳову ва омодагии онҳо ба истифодаи навовариҳо вобастагии қавӣ дорад. Пас як омили муҳимми ниҳодӣ, ки мумкин аст доми ниҳодиро ба миён орад иттилоот аст. Истифодаи ғайрисамараноки иттилоот дар ҷараёни пешбурди фаъолияти навҷорисозӣ ва мувофиқан тиҷорати он метавонад доми ниҳодӣ гардад.

Аксар маврид фаъолияти инноватсионӣ аз ҷониби ходимони ташкилоту корхонаҳо ё харидорони маҳсулоти онҳо (сармоягузорон) ба мушкилиҳо дучор мегарданд ва чунин ҳолатҳо метавонанд, натиҷаҳои манфӣ ба бор оваранд. Чунин ҳолатро муҳаққиқони рус О.Ю. Амосов ва Н.В. Диденко дар амалияи ташкилотҳо тадқиқ намуда, барои пешгирӣ ва барҳам додани ҳолати мавҷуда чунин роҳҳоро коркард ва пешкаш намуданд:

- ташкили механизми ҳавасмандгардонии ходимон ва иштирокдорони ҷараёни навоварӣ;

- рушди маданияти ташкилӣ ва бурдани муомилоти корӣ;

- ташкили муносибатҳои самараноки сармоягузорон ва ходимон оид ба бартариятҳои навовариҳои коркардшаванда [97].

Омоданамоии мутахассисон ва пайдо намудани ақидаҳои нав воқеан яке аз шартҳои асосии амалигардонии бомуваффақияти коркард ва тиҷоратикунонии навовариҳо ба шумор меравад.

Муҳиммияти интихоби робитаҳо дар тиҷоратикунонии навоварӣ на танҳо бо фаъолияти миқдории ташкилотҳои навоварӣ ва харидорони молҳо, балки инчунин бо он, ки ӯ бояд пеш аз ҳама шарики боэътимоди ташкилоти навоварӣ бошад, сурат мегирад, ки чунин интихоб тибқи нақшаи зерин сурат мегирад (расми 3.1.2.).

Тавре ки аз расми дар зер овардашуда дида мешавад, вусъати алоқамандиҳои корӣ шарти муҳимми натиҷаҳои фаъолияти навоварона

аст. Дар марҳилаи ниҳоӣ вақте, ки тиҷоратикунонии маҳсулоти нав, идеяи нав, технологияи нав дар амал татбиқ карда мешавад, ногузир бархурди манфиатҳо ба миён меояд. Вобаста ба ин, самарнакии баргашти сикли навоварӣ аз марҳилаи ниҳои ба марҳилаи ибтидоӣ аз самаранокии робитаҳои корӣ ва алоқамандии алоқаҳои корӣ вобаста аст. Ин ба сифати доми ниҳодии ноаён баромад мекунад, ки на ҳамеша барои мудирон ошкор мешавад, вале як монеи ҷиддии пешбурди фаъолияти наҷорисозӣ, ба хусус бо таваҷҷуҳ ба аҳаммияти муҳимми тиҷоратикунонии он, боқӣ мемонад.

Ташкилотҳо, ба ибораи дигар таҳиягарон ва фурӯшандагони навовариҳову харидорон (сармоягузорон) бо робитаҳои корӣ ба ҳам пайвастанд. Натиҷаи ин муносибатҳои корӣ аз як тараф агар ба даст овардани фоида бошад, аз тарафи дигар қонеъ гардонидани талабот бо маҳсулоти навоварӣ мебошад (расми 3.1.2.).




**Расми 3.1.2. - Алоқамандии таҳиягарон ва харидорон (сармоягузорон)-и навовариҳо**

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Дар расми 3.1.2. қонуниятҳои асосии ҳамкории иштирокчиёни раванди навоварӣ бо таваҷҷуҳ ба нақши ширкаткунандагони ин раванд дар давраҳои мухталиф оварда шудааст. Албатта, иштирокчиёни раванди тиҷоратикунонӣ аз хидмати ҷониби сеюм – яъне миёнаравҳо иҷтиноб карда наметавонанд. Инҳо марказҳои интиқол ва тиҷорати навовариҳо, ширкатҳои консалтингӣ, марказҳои навоварӣ ва бизнес-инкубаторҳо мебошанд, ки хизматрасониҳои брокерӣ, машваратӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳифз ва пешбурди бозори моликияти зеҳнии таҳиягаронро амалӣ месозанд. Фаъолияти ғайрисамараноки онҳо ё набудани онҳо, худ моҳиятан доми ниҳодӣ аст, ки бошиддат раванди фаъолияти навҷорисозиро бо монеаҳо мувоҷеҳ месозад.

**Ҷадвали 3.1.2. - Гурӯҳбандии вобастагиҳои кории иштирокчиёни ҷараёни тиҷоратикунонии навоварӣ**

| Намудҳои алоқаҳои корӣ | I | II | III | IV | V |
|---|---|---|---|---|---|
| Байни офарандагони навоварӣ (ташкилотҳо) ва фондҳову барномаҳои давлатӣ | таъмини захираҳои молиявӣ, иттилоотӣ ва дигар захираҳо, ҳамчунин дастгирӣ дар раванди тиҷоратикунонии навоварӣ | фондҳои давлатӣ | доимӣ | берунӣ | ҳатмӣ |
| Байни офарандагони навоварӣ (ташкилотҳо) ва фондҳо, грантҳову барномаҳои ғайридавлатӣ | таъмини захираҳои молиявӣ, иттилоотӣ ва дигар захираҳо, ҳамчунин дастгирӣ дар раванди тиҷоратикунонии навоварӣ | фондҳои ғайридавлатӣ | доимӣ | берунӣ | ҳатмӣ |
| Байни офарандагони навоварӣ (ташкилотҳо) ва фонҳои венчурӣ | кӯмаки молиявӣ | фондҳои венчурӣ | доимӣ | берунӣ | ҳатмӣ |
| Байни офарандагони навоварӣ (ташкилотҳо) ва ташкилотҳои миёнаву калон | молиягузории пурраи истеҳсолоти навоварӣ ва тиҷоратикунонӣ | ташкилотҳои миёна ва калон | доимӣ | берунӣ | ҳатмӣ |
| Байни офарандагони навоварӣ (ташкилотҳо) ва агентиҳои рекламавӣ | таъмини рекламаи моли нав | агентиҳои рекламавӣ | доимӣ | берунӣ | ҳатмӣ |
| **ЭЗОҲ: I - Функсияҳо; II- Иштироккунандагон; III - Вобаста ба хусусияти иштирок IV - Дохилӣ ва ё берунӣ V - Муҳиммияти иштирок дар ҷараёни тиҷоратикунонӣ** | | | | | |

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Гуфтаҳои боло бошиддат аҳаммияти омили маркетингиро дар низоми фаъолияти навҷорисозӣ таъкид месозад. Мушкилоти мавҷудаи муҳити ниҳодии пешбурди фаъолияти навҷорисозӣ ва мутобиқан тиҷорати он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маркетинги ғайрисамаранок сарчашма мегирад. Омили бозор, талаботи бозор, хоҳиш ва талаби дархосткунандагон қариб, ки ба назар гирифта намешавад. Тоҷикистон дар стратегияи рушди навоварӣ бештар ба таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва татбиқи он дар бахшҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ рӯй овардааст. Аммо робитаи мустақими ин сиёсат ба вазъи бозор дар чорчубаи "фармоишгар/миёнарав/иҷрокунанда/тоҷир хеле суст ба назар мерасад. Пас омили муҳим ва асосии эҷоди як доми ниҳодии муҳити ниҳодии навҷорисозӣ истифодаи ғайрисамаранок аз ниҳоде бо номи маркетинг аст.

Маркетинг имрӯзҳо яке аз омили муҳимтарини таъмини рақобатпазирӣ, таъмини самаранокии истеҳсолот, таъмини сатҳи баланди алоқамандии илм ва истеҳсолот, омили дар як нуқтаи мақбул ҷамъ овардани таъминкунандагон, истеҳсолкунандагон, миёнаравон ва истеъмолкунандагон шуда баромад мекунад. Маркетинг воқеан ҳам таърихи дуру дароз дорад ва он шояд дар баробари ба миён омадани муносибатҳои молу мулкдорӣ ва истеҳсолӣ ба вуҷуд омада бошад. Аммо шаклгирии он ба унвони як шохаи фаъолияти иқтисодӣ ва мувофиқан як самти тадқиқотбариҳои иқтисодӣ ба асри XX рост меояд. Ба андешаи мо, моҳияти фалсафии маркетинг дар он зоҳир мешавад, ки арза ва тақозоро дар бозори молу хизматрасониҳо дар як таносуби муайян қарор медиҳад, вақт, ҳаҷм, сифат ва суръати истеҳсоли молу хизматрасониҳоро муайян месозад, талаботҳои навро ба вуҷуд меорад ва аз ҳама муҳим, заминаи фаъолияти навҷорисозиро фароҳам меорад. Фаъолияти навҷорисозие, ки тадқиқотбарии маркетингириро ҳамчун меҳвари асосии низоми худ сарфи назар мекунад, наметавонад

тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти худро ба таври самаранок таъмин намояд. Набудани маркетинг ва ё истифодаи ғайрисамараноки он, дар воқеъ, мувофиқ ба назарияи мактаби неоинтитутсионализм як доми ниҳодӣ аст. Авоқиби бархурди ғайри оқилона бо ин доми ниҳодӣ хеле нохуш буда, фаъолияти навҷорисозиро дар маҷмуъ ба як бумбаст мекашад. Мутаасифона, мисоли равшани ин вазъиятро дар таҷрибаи беш аз 30 солаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ростои саъю кушишҳои барҳадаррафтаи ҷалби сармояҳои зиёд ҷиҳати таъмини рушди навоваронаи иқтисоди миллӣ метавон ба осонӣ мушоҳида кард.

Бояд гуфт, ки чунини ҳолат дар бисёре аз кишварҳои пасошуравӣ хос аст. Вазъияти ба ҳамин монандро олими рус Н.В. Манохина дар мисоли Федератсияи Россия баррасӣ мекунад [52, с.44]. Минҷумла, муаллиф қайд мекунад, ки набудани талаботи бевосита ба инноватсия як омили эҷоди доми ниҳодии рушди навоварӣ дар кишвараш аст. Чунин ақидаи соддалавҳона роиҷ аст, ки бозор мисли «асои сеҳрнок» ҳама чизро ба таври худкор, бе шарту шароитҳои зарурие, ки дар мамлакатҳои мутараққӣ дар давоми қариб 300 сол дар ҷараёни таҳаввулоти иҷтимоию иқтисодӣ ба вуҷуд оварда шудаанд, ҳал хоҳад кард. Аммо ин тавр нест [52, с.48]. Ба ин монанд, олимони дигар низ масъалаи домҳои ниҳодиро дар фаъолияти илмӣ, навоварӣ, тиҷоратикунонӣ бо маркетинги ғайрисамаранок пайванд додаанд [41, с.146].

Барои коҳиши таъсири манфии доми ниҳодӣ дар муҳити ниҳодии фаъолияти навҷорисозӣ, ҷиҳати таъмини самаранокии фаъолияти маркетингӣ бояд ба ниҳодина гардонидани тафаккури маркетингӣ дар сохторҳои илмию инноватсионӣ таваҷҷуҳи бештар сурат гирад.

Институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ, озмоишгоҳҳо, донишгоҳҳо, коллеҷу техникумҳо то ба имрӯз пурра дар асоси принсипҳои асосии иқтисодиёти бозорӣ амал намекунанд. Кафедраҳои тахассусӣ дар

сохтори донишгоҳҳо ба унвони як ячейкаи аз ҳама хурдтарин нақшаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ доранд. Аммо, агар ҳамин нақшаҳои КИТ-ро таҳлил кунем дар бисёре аз маворид моҳияти онҳо, тартиби қабулу иҷроиши онҳо аз муносибатҳои бозорӣ фосила дорад, дар асоси принсипҳои тиҷоратикунонии натиҷаҳои бадастомада амал намекунанд. Чунин вазъ қисман ва ё пурра дар дигар марказҳои илмӣ ва тадқиқотӣ мушоҳида мешавад. Ҳатто паркҳои технологие, ки таъсис шудаанд, маркетинги самаранок ва мустақил надоранд, лоиҳаҳои илмиро дар асоси фармоишоти директивӣ амалӣ мекунанд, бидуни он, ки дар робита ба тиҷоратикунонии он нақшаву стратегияи пешакӣ тарҳрезишудае дошта бошанд.

Ин ҳолат талафоти бузурги нерӯи инсониро ифода мекунанд. Садҳо олимони ҷавон, муҳақиқон ва унвонҷӯён нерӯи бузурги илмии худро барои навиштан ва ҳимоя кардани рисолаҳое сарф мекунанд, ки хуруҷии ҳадафашон дипломи номзадӣ ва ё докторӣ аст. Тиҷоратикунонидани натиҷаҳои тадқиқоташон аслан ҳадаф ва ё мақсаду мароми онҳо нест. Маҳс ҳамин ҳолат аст, ки раванди навҷорисозиро ба бумбаст кашидааст.

Дар ҷумҳурӣ дар доираи марказҳои илмӣ ва муассисаҳои таълимӣ теъдоди хеле зиёди кормандон ба корҳои илмӣ ва тадқиқотӣ машғул мебошанд. Аммо натиҷаҳои фаъолияти онҳо хеле кам дар шакли маҳсулоти нав, патент, ҳуқуқи муаллифӣ ва ё дигар намуд ҳуҷҷати собиткунандаи ҳуқуқӣ муаллифӣ сабт мешавад ва ё ба фурӯш гузошта мешавад. Ин тамоюл солҳои зиёд идома дорад ва ҳеҷ кас ҳам дар фикри ислоҳи он нест [153, с.19].

Зоҳиран барои ниҳодина кардани тафаккури маркетингӣ дар фаъолияти марказҳои илмӣ, озмоишгоҳҳо, муассисаҳои таълимӣ ва амсоли он омили аз ҳама муҳим таъмини истиқлолияти онҳо мебошад. Марокизи илмӣ бояд дар асоси принсипҳои бозорӣ фаъолият кунад, дар

идоракунии фаъолияти молиявии худ мустақил бошад, самт ва равияи тадқиқоти худро дар асоси талаботи бозор ба роҳ монад. Дар ин ҳолат аст, ки онҳо аз тобеияти давлат озод мешаванд ва бо таваҷҷуҳ ба ниёзҳои худ ва бо назардошти омили талаботи бозор самти фаъолияти худро ба роҳ хоҳанд монд. Шакли умумии ниҳодина кардани тафаккури маркетингро дар фаъолияти марокизи илмӣ, массисаҳои таълимӣ ва озмоишгоҳҳои ҷумҳурӣ ба таври зерин метавон тасвир кард (расми 3.1.3.).

Дар расме, ки пешниҳод шуд, қисмати аз ҳама муҳим присипҳои фаъолияти маркетингӣ дар сохторҳои илмию инноватсионӣ ба шумор меравад. Ба андешаи мо принсипҳое, ки пешниҳод шудаанд ҳама муҳим мебошанд ва сарфи назар кардани онҳо ба осонӣ метавонад домҳои ниҳодии навро дар раванди фаъолияти навҷорисозӣ ба миён оварад. Ин нукта дар мақолаи Е.Г. Пипко низ тасдиқи худро ёфтааст [94, с.104].

Чуноне ки дар боло қайд намудем принсипи мустақилияти марокизи илмӣ дар интихоби самти фаъолияти навҷорисозӣ аз ҳама муҳим мебошад. Дар баробари ин, мустақилият бояд бо самаранокии фаъолият, самараи синергетикӣ, даромаднокии муассиса ва дигар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ асоснок шуда бошад. Дар акси ҳол, чунин марказҳои илмӣ мавҷудияти худро ҳифз карда наметавонанд.

Инчунин дар қисмати марҳилабандии фаъолияти маркетингии сохторҳои илмӣ ва инноватсионӣ риояи принсипҳои маркетингии “4P” (Product, Price, Place, Promotion) яъне (маҳсулот, нарх, тарғиб, тақсимот) хеле муҳим ба назар мерасад.

**ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКТИНГӢ ДАР СОҲАИ ИЛМ ВА НАВОВАРИҲО**

**ПРИНСИПҲОИ АСОСӢ**

- мустақилияти муассиса дар интихоби самти фаъолияти илмӣ;
- афзалияти бозории фаъолияти илмӣ;
- риояи фарҳанги илмӣ ва муаллифӣ;
- ҳамгироии идеяҳо ва пешниҳодҳои нав;
- тамомияти ҷузъу томҳои мухталиф фаъолияти илмӣ;
- чандирии фаъолият бо таваҷҷуҳ ба тағйироти бозор;
- самараи синергетикӣ;
- ҳамбастагӣ бо марокизи илмии пешрафта ва ғ.

**МАРҲИЛАҲОИ АСОСӢ**

- инкишоф додани маркетинг инноватсионӣ дар асоси принсипҳои “4P” (маҳсулот, нарх, тарғиб, тақсимот) ва ба вуҷуд овардани навоварӣ;
- корбурди присипҳои маркетингӣ дар марҳилаи таъмини мавод ва ашёи хом барои тъмини самаранокии равандҳои инноватсионӣ;
- навовариҳои маркетингӣ дар марҳилаи аз худнамудан ва истифодаи технологияҳои муосир ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти нав;
- татбиқи навовариҳои маркетингӣ дар инкишофи шаклҳои нави тақсимоти маҳсулот, реклама, тарғиб (тиҷоратикунонӣ);
- таъмини алоқаи баръакс дар фаъолияти навоварӣ.

**СИЁСАТИ МАРКЕТИНГӢ**

- сиёсати молии тиҷорати инноватсионӣ бо таваҷҷуҳ ба вазъи бозорӣ дохилӣ ва сатҳи инкишофи технологӣ;
- сиёсати нархгузории натоиҷи фаъолияти илмию тадқиқотӣ бо таваҷҷуҳ ба қобилияти пардохтпазирии фармоишкунандагон;
- сиёсати тақсимот ва амалӣ намудани он дар бозори инноватсионӣ бо истифода аз фановариҳои иттилоотию иртиботӣ;
- сиёсати иртиботӣ дар самти фаъолияти инноватсионӣ бо таваҷҷуҳ ба ташкили ҳамкорӣ бо дигар марокизи илмию тадқиқотӣ.

Маркетинги таъмини ҳамкории самараноки марокизи илмӣ бо сохторҳои давлатӣ ва ширкатҳои давлатӣ дар асоси принсипҳои бозорӣ

Маркетинги дарёфти имкониятҳои ҳамкории самараноки марокизи илмӣ бо марказҳои илмии кишварҳои хориҷӣ, ширкатҳои хориҷӣ ва намояндагии онҳо

**ТАЪМИНИ САМАРАНОКИ НИҲОДИНА СОХТАНИ ТАФАККУРИ МАРКЕТИНГӢ ДАР СОХТОРҲОИ ИЛМИЮ ИННОВАТСИОНӢ**

**Расми 3.1.3. - Ҷараёни ниҳодина сохтани тафаккури маркетингӣ дар сохторҳои илмию инноватсионӣ (таҳияи муаллиф)**

Дар тафаккури бисёре аз ходимони илмӣ ва кормандони сохторҳои илмию тадқиқотӣ принсипҳои бозории фаъолияти илмӣ ҳанӯз ниҳодина нашудаанд. Ҳанӯз ҳиссаи шахсоне, ки фаъолияти илмиро сирф фаъолияти ғайритиҷоратӣ меҳисобанд, хеле зиёд аст. Вобастагии дурударози чунин ашхос аз лоиҳаҳои бемузди давлатӣ, донишгоҳӣ ва соҳавӣ тафаккури маркетингиро дар зеҳни онҳо кунд гардонидааст [29, с.34]. Чуноне ки дар боло зикр намудем, умқи ин фоҷеаро аз рақамҳои ҷадвали 3.1.2. мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар баробари ин, ба коркард ва иҷроиши оқилонаи сиёсати маркетингӣ низ бояд таваҷҷуҳ дошт. Сиёсати маркетингӣ бояд дар чорчӯби имкониятҳои мавҷуда, шароити дар бозорҳои ҳадаф ҷойдошта ва имкониятҳои молиявию қобилиятҳои пардохтпазирии фармоишдиҳандагон, амалӣ карда шаванд. Дар сурате, ки сиёсати маркетингии сохторҳои инноватсионӣ ва илмӣ бо вазъияти бозор мутаносиб ташкил карда шавад, албатта, он натиҷаҳои дилхоҳро ба бор хоҳад овард.

Бояд қайд кард, ки ниҳодина сохтани тафаккури маркетингӣ дар сохторҳои илмӣ ва инноватсионӣ ҳамкории онҳоро бо сохторҳо ва ширкатҳои давлатӣ истисно намекунад. Балки баръакс алоқамандии онҳо байни ҳамдигар дар асоси принсипҳои бозорӣ мустаҳкам ва самараноктар хоҳад шуд. Сохторҳо ва ширкатҳои давлатӣ бояд ба унвони фармоишдиҳанда, таъминкунанда, харидор ҳамкории худро бо сохторҳои илмӣ-инноватсионӣ тақвият диҳанд. Илова бар ин сохторҳои давлатӣ метавонанд хизматрасониҳои ҳуқуқӣ, машваратӣ, инфрасохторӣ ва институтсионалиро ба сохторҳои илмию инноватсионӣ дар асоси принсипҳои бозорӣ пешниҳод намоянд [27, с.33].

Қобили зикр аст, ки яке аз таъинотҳои (миссия) муҳимми маркетинг дар фаъолиятҳои илмию инноватсионӣ ин дарёфти имкониятҳои ҳамкорӣ бо марказҳои илмӣ ва инноватсионии кишварҳои

хориҷӣ ба шумор меравад. Маркетологҳо бояд чунин имкониятҳоро аз тариқи омӯзиши густардаи бозорҳои инноватсионии кишварҳои пешрафта пайдо намоянд. Замони мо замони ҷаҳонишавӣ аст ва ҳамгироии ширкатҳо, марказҳои илмӣ, донишгоҳҳо ва давлатҳо амри табиӣ ва бебозгашт аст. Аз ин рӯ, як омили муҳимми таъмини рақобатпазирӣ воридгардидан ба равандҳои ҷаҳонишавӣ аз тариқи ҳамгирой ва ҳамбастагӣ ба шумор меравад.

Ҳамин тавр, ташаккули муҳити мусоиди институтсионалии тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди мураккаб ва серпаҳлу буда тадқиқи системавии омилҳои гуногуни ба он таъсиррасонро талаб мекунад. Муҳити ниҳодӣ худ падидаи мураккаб аст ва дарки қонуниятҳои инкишофи он ба тадқиқотҳои густарда ниёз дорад. Чуноне ки маълум шуд, шаклгирии домҳои ниҳодӣ омили муҳимми ба бунбаст кашонидани равандҳо муайян дар ин ё он самти фаъолият иқтисодиву иҷтимоӣ мегардад. Дар фаъолияти навҷорисозӣ ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои он сарфи назар кардан аз омили маркетингӣ ба унвони як доми ниҳодии таъмини самаранокии ин раванд баромад мекунад. Ҷиҳати аз байн бурдани он ба масоили ниҳодина гардонидани тафаккури маркетингӣ дар сохторҳои илмӣ ва инноватсионӣ таваҷҷуҳи бештар бояд сурат бигирад.

### §3.2. Инкишофи инфрасохтори тиҷоратикунонии навовариҳо

Яке аз омилҳои муҳимми рушди равандҳои навоварӣ ва мувофиқан, тиҷоратикунонии натиҷаҳои он - омили инфрасохторӣ ба шумор меравад. Инфрасохтор асоси ба таври самаранок ва оқилона ба роҳ андохтани равандҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, мубодила ва тақсимоти молу хизматрасониҳо мебошад, ки аз сатҳи таъминоти он ва сифати объектҳои инфрасохторӣ натиҷаҳои ниҳои фаъолиятҳои мазкур вобастагии зиёд дорад. Дар адабиёти илмӣ, дар робита ба инфрасохтори рушди равандҳои инноватсионӣ ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои он баҳсҳои

зиёде сурат гирифтаанд, ки гувоҳи аҳаммияти бориз ва мубрами ин масъала ҷиҳати таъмини самаранокии фаъолияти навҷорисозӣ дар ҳама давру замонҳо мебошад.

Дар адабиёти илмӣ мафҳуми инфрасохтори инноватсионӣ ҳамчун маҷмуи объектҳое таъриф мешавад, ки ба татбиқи тамоми занҷири инноватсионӣ (сикли инноватсионӣ) дар яке аз сатҳҳои идоракунӣ (макро/мезо/микро) мусоидат мекунанд [40 с.106]. Ин таърифи нисбатан васеътари инфрасохтори инноватсионӣ ба шумор меравад, ки на танҳо раванди ба вуҷуд овардан ва истеҳсол кардани навовариҳоро дар назар мегирад, балки ҷараёнҳои фурӯш ва тиҷорати онро низ фаро мегирад. Яъне ба инфрасохтори инноватсионӣ маҷмуи объектҳое низ дохил мешаванд, ки бевосита дар ҷараёни тиҷоратикунонии навовариҳо ширкат мекунад. Бо таваҷҷуҳ ба ин ва бо назардошти тамомияти (системность) ҷараёнҳои иқтисодиву иҷтимоӣ метавон гуфт, ки инфрасохтори инноватсионӣ ва инфрасохтори тиҷоратикунонии навовариҳо мазмунан яксонанд.

Инфрасохтори инноватсионӣ унсур ва механизми асосии фаъолияти иқтисодиёти инноватсионӣ буда, сатҳи баланди рушди иқтисодиро таъмин менамояд ва фарсудашавии маънавию физикии он боиси коҳиши шадид дар рушди иқтисодиёт мегардад.

Вазифаҳои инфрасохтори инноватсионӣ иборатанд аз:

- мусоидат ба рушди муҳити рақобатӣ бо мақсади ба вуҷуд овардани талабот ва эҳтиёҷот ба инноватсияҳо;
- такмили соҳаҳои самараноки ихтирокорию навоварӣ;
- суръат бахшидан ба равандҳои паҳншавии технологияҳо ба истеъмолкунандагон;
- мусоидат ба равандҳои модернизатсия ва ислоҳоти иқтисодиёт;
- ташаккул ва баланд бардоштани самаранокии сармояи инсонӣ дар самти афзоиши эҷодкорӣ ва инноватсионии он;

- экспертизаи мустақили лоиҳаҳои тадқиқотӣ, самтҳои тадқиқот, инчунин гурӯҳҳои илмӣ;

- қонунгузорие, ки муносибатҳоро дар соҳаи иқтисодиёти инноватсионӣ танзим менамояд.

Унсурҳои асосие, ки ба инфрасохтори инноватсионӣ дохил мешаванд дар расми 3.2.1. нишон дода шудаанд.




**Расми 3.2.1. - Инфрасохтори инноватсионӣ**

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст.

Одатан, намудҳои зерини (зерсистемаҳои) инфрасохтори инноватсионӣ ҷудо карда мешаванд:

- молиявӣ – намудҳои гуногуни маблағҳо (буҷетӣ, венчурӣ, суғуртавӣ, сармоягузорӣ), инчунин дигар муассисаҳои молиявӣ, аз қабили бозори саҳҳомӣ, махсусан дар робита ба ширкатҳои баландтехнологӣ;

- истеҳсолию технологӣ – паркҳои технологӣ, марказҳои инноватсионию технологӣ, бизнес-инкубаторҳо ва ғ.;

- маълумотӣ – махзани маълумот ва марказҳои таҳлилӣ, омор, иттилоот ва ғайра (яъне ташкилотҳое, ки хизматрасонӣ мекунанд);

- кадрӣ – муассисаҳои таълимӣ оид ба тайёр кардан ва бозомӯзии кадрҳо дар соҳаи идоракунии илмию инноватсионӣ, аудити технологӣ, маркетинг ва ғайра;

- машварати экспертӣ (коршиносӣ) – ташкилотҳое, ки ба пешниҳоди хизматрасонӣ оид ба моликияти зеҳнӣ, стандартизатсия, сертификатсия машғуланд.

Модели алоҳидаи инкубатсия Enterpreneurship in Residence ("Соҳибкорӣ дар як ширкати калон") номида мешавад. Навоварон дар доираи як ширкати калон/фонди сармоягузорӣ бо истифода аз тамоми захираҳои худ ҷиҳати дастрасӣ ба ғояҳои навоварона кор мекунанд. Дар навбати худ, ин ширкатҳо, ба ғайр аз натиҷаҳои тадқиқот/таҳияи мавзуъ, ҳуқуқи аввал ба интихобро мегиранд.

Марказҳои муштарак воҳидҳои мутамаркази функсионалии ташкилотҳои илмӣ ва таълимӣ мебошанд, ки дастрасии бисёркорбаронро ба таҷҳизот ва технологияҳо таъмин намуда, ба истифодабарандагон хизматрасонии таълимӣ, машваратӣ ва экспертиро пешкаш мекунанд. Маркази маъмулии истифодаи коллективӣ як воҳиди алоҳидаи сохтории ташкилот мебошад, ки дорои ҳайати шахсӣ, таҷҳизот ва биноҳои корӣ мебошад. Ин марказҳо, хароҷоти худро тавассути пардохтҳое, ки аз муштариёни хидматҳои муштарак гирифтаанд ё тавассути грантҳои тадқиқотӣ мепӯшонанд.

Дар шароити кам шудани маблағгузории давлатӣ ба базаи моддию техникии илм нақши марказҳои истифодаи муштарак меафзояд. Ин модели дастрасии муштарак ба таҷҳизоти замонавӣ ва хидматрасонии баландихтисос ба гурӯҳҳои олимон имкон медиҳад, ки таҷҳизот,

бартарият ва имкониятҳои маркетингии ширкатҳои тиҷоратӣ, донишгоҳҳо ва марказҳои илмиро самаранок истифода баранд, яъне аз имкониятҳои тиҷоратикунонии навовариҳои худ бархурдор гарданд.

Ҳамин тавр, захираҳои зеҳнӣ дар якҷоягӣ бо технологияҳои нав дурнамои рушди иқтисодиётро муайян мекунанд, ки ин нишондиҳандаи истиқлолияти иқтисодӣ, некӯаҳволии кишвар ва рушди устувори иқтисодиёти миллӣ мебошад. Воридшавии устувори онҳо ба системаи муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ яке аз омилҳои асосии таъмини рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ба шумор меравад. Вазифаи асосии ин ҳамкориҳо беш аз пеш ба самти эҷоди навовариҳои технологии татбиқи ҷаҳонӣ табдил меёбад, ки бозорҳои умедбахши байналмилалии фурӯш доранд. Механизми тиҷоротикунонии навоварӣ дар соҳаи иқтисодиёт доираи нисбатан васеъи моделҳои консептуалиро талаб менамояд. Инкишофи илм оиди механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дар низоми иқтисодиёт аз ҳисоби ташкил ва амалисозии моделҳо, мафҳумҳо ва тасаввуротҳое, ки дар илмҳои иқтисодӣ ва идоракунӣ ба вуҷуд омадаст, замина мегирад. Дар низоми иқтисодиёти давлатҳои мутараққии ҷаҳон механизми тиҷоратикунонии навоварӣ вобаста ба сиёсати давлатӣ дар самти навоварӣ амалӣ мешаванд, ки ҳамчун воситаи самаранок идоракунии рушди навоварӣ ва механизми тиҷоратикунонии навоварӣ, пешбинӣ гардидааст.

Таҳлилҳо нишон додаанд, ки аз нигоҳи теъдод инфрасохтори инноватсионии Тоҷикистон динамикаи муътадили рушдро доро мебошад. Айни ҳол, вобаста ба шумораи объектҳои инфрасохторӣ нишондиҳандаҳои ҷумҳурии мо бо нишондиҳандаҳои кишварҳои пешрафта фарқияти зиёд надорад. Аммо аз нигоҳи сифати фаъолият ва истифодабарии инфрасохтори иннноватисонӣ мушкилоти муайян мушоҳида мешаванд (ҷадвали 3.2.1).

**Ҷадвали 3.2.1. - Динамикаи рушди шумораи объектҳои асосии инфрасохтори инноватсионӣ**

| Объектҳои инфрасохтори инноватсионӣ | 2001 | 2010 | 2015 | 2020 | 2023 | 2023/2001 % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | 31 | 33 | 38 | 41 | 46 | 148,3 |
| Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ | 50 | 51 | 66 | 78 | 81 | 162 |
| Муассисаю ташкилотҳои илмию тадқиқотӣ | 33 | 54 | 54 | 51 | 51 | 154,5 |
| Паркҳои технологӣ | - | 3 | 12 | 22 | 28 | - |
| Марказҳои инноватсионию технологӣ | - | 1 | 5 | 9 | 11 | - |
| Бизнес-инкубаторҳо | - | - | - | 4 | 6 | - |
| Озмоишгоҳҳои инноватсионӣ | 41 | 49 | 52 | 63 | 63 | 154,5 |
| Ширктҳои машваратӣ | 12 | 51 | 66 | 93 | 114 | 9,5 мар. |
| Корхонаҳои саноатӣ | 1120 | 1804 | 2310 | 2283 | 2802 | 2,5 мар. |

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, АОПҶТ, 2023. – С. 41, 66, 235, 246. (419 с.) муҳосиба ва таҳия гардидааст.

Чуноне ки аз маълумотҳои ҷадвали 3.2.1. бармеояд дар аксари ҳолатҳо теъдоди объектҳои инфрасохтори инноватсионӣ рӯ ба афзоиш аст. Агар теъдоди умумии объектҳоро дар алоҳидагӣ ба ҳар як сари аҳолӣ ҳисоб намоем маълум мешавад, ки нишондиҳандаҳои ҷумҳурии мо нисбат ба кишварҳои пешрафтатар фарқияти зиёд намекунанд. Масалан, дар ҷумҳурии бо 9 млн. аҳолӣ 43 муассисаи таҳсилоти олӣ фаъолият мекунанд, дар ҳоле, ки дар Финляндия бо 5,6 млн. аҳолӣ 25 адад чунин муассисаҳо амал мекунанд. Яъне тақрибан теъдоди мутаносиби донишгоҳҳо бо теъдоди аҳолии кишвар.

Аммо бояд ба назар гирифт, ки аз теъдоди умумии донишгоҳҳои Финляндия 9-тои онҳо дар байни 1000, 8-то дар байни 500 ва 1-то дар байни 100 донишгоҳҳои бартари дунё ҷой гирифтаанд [111]. Дар рейтинги мазкур кишвари Гонконг ҷойи аввалро ишғол менамояд (ҳамагӣ 11 донишгоҳ, 6-тои онҳо дар байни 1000, 6-то дар байни 500 ва 3-то дар байни 100 донишгоҳҳои бартари дунё ҷой гирифтаанд). Бояд гуфт, ки донишгоҳҳои ҷумҳурии мо дар рейтинги мазкур ҷой надоранд, яъне

ягон донишгоҳи мо дар байни ҳатто 1000 донишгоҳи беҳтарини дунё ҷой надоранд. Кишвари аз нигоҳи рушд нисбатан ба кишвари мо наздик – Қазоқистон танҳо бо як донишгоҳаш дар байни 1000 донишгоҳи бартари дунё ҷой гирифтааст. Яъне дар кулл, агарчӣ теъдоди объектҳои инфрасохтори инноватсионӣ дар кишвари мо ба нишондиҳандаҳои кишварҳои нисбатан пешрафта тақрибан баробар аст, вале сифати фаъолияти объектҳои инфрасохтори инноватсионӣ то ҳол нигаронкунанда боқӣ мемонанд.

Тасаввурот оиди тиҷоратикунонии навоварӣ ҳамчун раванди объективии ташаккули бозорӣ на танҳо ҳамчун категория, балки дар сатҳи макро ва бахусус микроиқтисодиёт хело муҳим мебошад. Воқеан, ҳар як ташкилот дар раванди тиҷоратикунонии ин ё он навоварӣ (мол ё технология) бозори наверо аз худ менамояд, ки ин раванд низ ҳамчун ташаккулёбии бозори нав ба таври объективӣ ва табиӣ маънидод карда мешавад [61, с.55]. Масалан, вақте як донишгоҳ фаъолияти назаррасро дар ҷанбаҳои гуногуни ба роҳ мемонад ва дар рейтингҳои ҷаҳонӣ дорои мақому мартабаи ба худ хос мегардад, маҳсулотҳои илмии (мақолаҳо, монорафияҳо, потентҳо ва ғ.) он низ бештар ба фурӯш мераванд. Ҳамин тавр, ҷараёни тиҷоратикунонии навовариҳои он самараи бештар ба худ касб менамоянд.

Ҳоло ба таваҷҷуҳ ба гуфтаҳои боло баҳси асосӣ ин аст, ки чӣ гуна метавон сифати фаъолияти инфрасохторҳои инноватсиониро беҳтару хубтар намоем, то таъсири мусбати он ба раванди тиҷоратикунонии навовариҳо бештар гардад. Албатта, дар ин замина, аз тарафи олимони соҳа пешниҳодоти зиёде анҷом пазируфтаанд [14, с.549], ки шурӯъ аз бунёди объектҳои наву замонавӣ то ҷалби сармоягузорӣ ба инкишофи объектҳои инфрасохторӣ, масоили мухталифи ин самти рушди фаъолияти навҷорисозиро дар бар мегиранд. Аммо ба андешаи мо, аз

байни роҳу услуҳои мухталиф, бо таваҷҷуҳ ба шароити ҷумҳурии мо, ба масоили зерин бояд таваҷҷуҳи бештар сурат бигирад.

1. **Ҷойгиркунии оқилонаи объектҳои мавҷуди инфрасохтори инноватсионӣ ва шумораи онҳо.**

Чуноне ки аз рақамҳои ҷадвали 3.2.1. мушоҳида намудем шумораи объектҳои инфрасохтори инноватсионӣ дар ҷумҳурии мо нисбатан зиёд аст. Теъдоди донишгоҳҳо, марказҳои илмӣ, ИИТ, озмоишгоҳҳо ва амсоли он мутаносиб ба аҳолии кишвар ва зарфияти соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт афзоиш ёфтаанд. Аммо теъдоди паркҳои технологӣ, бизнес-инкубаторҳо, марказҳои машваратӣ ва амсоли он ҳанӯз он қадар зиёд нестанд, ки битавонанд дар ҷумҳурӣ фазои рақобатиеро дар бахши инноватсия ва рушди он ба вуҷуд оранд. Чунон ҳолатро метавон бо он маънидод намуд, ки дар замони шуравӣ бо таваҷҷуҳ ба талаботи иқтисодиёти миллии ИИТ ва озмоишгоҳҳои марбут ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт бунёд шудаанд. Баъд аз гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ва расидан ба истиқлолияти миллӣ аксари ин институтҳо ва озмоишгоҳҳо мавҷудияти худро дар таркиби вазоратҳои дахлдор ё қатъ намуданд ва ё фаъолияти худро ба таври назарас коҳиш доданд. Ҳоло вақти он расидааст, ки теъдоди чунин институтҳо ва озмоишгоҳҳо дар пайванд ба шартномаҳои тиҷоратӣ бештар карда шавад. Барои ин, ба институтҳо ва озмоишгоҳҳои навтаъсис кадрҳои соҳибтахассус ва дорои тавонмандиҳои инноватсиониро ҷалб намудан лозим аст.

2. **Такмили механизми ҷалби сармоягузориҳо ба рушду инкишофи инфрасохтори инноватсионӣ.**

Барои ба сармоягузорони хусусӣ ва корхонаҳо имкони сармоягузорӣ кардани маблағ зарур аст, ки дар доираи қонунгузории мавҷуда тартиби сармоягузорӣ ба фаъолияти инноватсионӣ ҳам дар марҳилаи таҳияи лоиҳа ва ҳам дар марҳилаи татбиқ муайян карда шавад. Омӯзиши шаклҳои гуногуни сармоягузории хароҷот барои инноватсия

нишон дод, ки маблағҳои давлатӣ ба рушди соҳибкории хурди инноватсионӣ таъсири қобили таваҷҷуҳ надорад. Нақшаҳои пешниҳодшудаи иштироки сармояи хусусӣ дар раванди сармоягузорӣ (тавассути фондҳои инвеститсионӣ) воридоти зарурии захираҳои сармоягузориро таъмин намекунанд, зеро фаъолияти ҷорӣ ва сармоягузории чунин фондҳо захираҳои зиёдро талаб мекунанд. Дар кишварҳои пешрафтаи хориҷӣ шакли ташкилию ҳуқуқии бештар истифодашаванда ҳангоми сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои инноватсионӣ фондҳои венчурӣ аст. Аммо дар кишварҳои миқёси иқтисодиашон хурд ташкили фондҳои венчурӣ душвор аст. Аз ин рӯ, дар чунин кишварҳо ҷиҳати сармоягузорӣ ба бунёд ва рушди зерсохторҳои инноватсионӣ бештар ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ рӯй меоранд. Дар Тоҷикистон ҳам бояд ҳамин модели ҷалби сармоягузориҳо ба рушду инкишофи инфрасохтори инноватсионӣ ба таври васеъ истифода шавад.

Қонуни ҶТ «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» соли 2012 қабул гардид. Дар моддаи якуми Қонуни мазкур омадааст, ки: "Қонуни мазкур ба ҳамаи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусии соҳаҳои инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ мувофиқи созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ амалӣ карда мешаванд, татбиқ мегардад." [43], аммо ба андешаи баъзе аз муҳаққиқон " Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ” соли 2012 қабул карда шудааст, вале то ҳол аз татбиқи он натиҷаи назаррас ва матлуб ба даст наомадааст. Бинобар ин ба мо зарур аст, ки бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ ва хусусиятҳои иқтисодию иҷтимоии ҷумҳуриамон ба қонуни мазкур тағйироту иловаҳои дахлдор ворид намоем, то ки он ба дарёфт, омода ва амалӣ кардани лоиҳаҳои шарикӣ мусоидат кунад" [155]. Яъне, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳанӯз Қонуни мазкур натавонистааст, ки ба таври самаранок дар самти инкишофи инфрасохторҳои таъиноти

мухталиф татбиқи комили худро ёбад. Яке аз сабаҳои асосии он кафолати нокифояи ҳуқуқҳои соҳибкорон номида мешавад [155].

3. **Ташаккул ва инкишофи кластерҳои инноватсионӣ.**

Бояд гуфт, ки дар кишвар то ҳол консепсияи ташаккули кластерҳои инноватсиони вуҷуд надорад, технологияи идоракунии инноватсионӣ ва маркетинг дар фаъолияти амалии корхонаҳои саноатӣ ба таври зарурӣ рушд накардааст ва инчунин асосҳои консептуалии ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии инноватсионии рушди саноати кишвар мушаххас нашудааст.

Профессор С.Ҷ. Комилов қайд менамояд, ки "...кластерҳои инноватсионие, ки дар муҳити инноватсионӣ фаъолият мекунанд, фазои иқтисодие мебошанд, ки дар он корхонаҳои хурду калон, воҳидҳои инфрасохторӣ, муассисаҳои илмию таълимӣ рушд мекунанд ва рушди равандҳои ҳамгироиро дар соҳаи инноватсионӣ таъмин менамоянд. Дар робита ба навсозӣ ва индустрикунонии босуръати иқтисодиёти ватанӣ, масъалаҳои кластеризатсияи фаъолияти инноватсиони дар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисоди миллии кишвар аҳаммияти хоса пайдо мекунанд. Равандҳои ташаккули низоми миллии инноватсионӣ ва рушди сармояи инсонӣ, таҳкими ҳамкории илм ва истеҳсолот ва зарурати фаъол гардонидани фаъолияти инноватсиониро дар асоси ташаккул ва рушди кластерҳои инноватсионӣ ба миён овардааст. Истифодаи модели кластерӣ барои фаъолгардонии ташкили фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун воситаи муносиби ташкили иқтисодиёти инноватсионӣ алтернатива надорад" [26, с.14].

Тадқиқоти масъалаҳои ташаккули кластерии ширкатҳои ба дониш асосёфта нишон медиҳад, ки кластеризатсияи ин ширкатҳо бо мушкилоти фарҳангӣ, маъмурӣ ва ҳуқуқӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ки онҳоро танҳо тавассути тағйиротҳои бунёдӣ ҳал кардан мумкин аст. Кластерҳо маҷмуи фаъоли самти субъектҳои иқтисодӣ мебошанд, ки дар як

минтақаи ҷуғрофӣ мутамарказ шудаанд ва мушкилот ва имкониятҳои муштарак доранд.

Кластерҳои ба дониш асосёфта ҳамчун категорияи кластерҳои саноатӣ метавонанд нақш ва ҷойгоҳи худро дар сохтори институтсионалии кластерҳо пайдо кунанд, то сифат ва самаранокии маҳсулотро дар занҷири арзиш баланд бардоранд.

Кластерҳои ба дониш асосёфтаро дар кишвари мо аз нуқтаи назари фаъолиятҳои гуногун, аз қабили кишоварзӣ ва биотехнология, тиб, маҳсулоти пешрафтаи кимиёвӣ, таҷҳизоти муосир, барқ ва лазерҳо ва технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ муайян кардан мумкин аст. Таҳлиҳо нишон медиҳанд, ки мушкилот, ки дар маҷмуъ дар роҳи кластерии саноатӣ мавҷуданд, инчунин ба раванди кластерии ширкатҳои ба дониш асосёфта таъсир мерасонанд. Дар айни замон, кластеризатсияи ширкатҳои ба дониш асосёфта хусусиятҳо ва мушкилоти бунёдӣ дорад.

Ин ширкатҳо аз сабаби хусусияти маҳсулот, сатҳи мураккабии маҳсулоти технологӣ, андозаи бозор ва миқёси иқтисодӣ аз корхонаҳои муқаррарӣ ба куллӣ фарқ мекунанд ва бисёре аз онҳо бо мушкилоти дохил шудан ба занҷири арзиши як соҳаи калонтар рӯ ба рӯ мешаванд. Қонунҳое, ки истилоҳоти фаъолияти шабакавӣ ё кластерии ба дониш асосёфтаро мушаххас ва мустақим истифода мебаранд.

Масъалаҳои дар кластеризатсияи ширкатҳои ба дониш асосёфтаро дар ду сатҳ баррасӣ кардан мумкин аст. Дар сатҳи макро, мушкилот ва масъалаҳои марбут ба гурӯҳбандии соҳаҳо, дар навбати худ, ба технологияҳо ва соҳаҳое, ки ба дониш асос ёфтаанд, ки қисми ин харитаи институтсионалӣ мебошанд, таъсир мерасонанд. Дар сатҳи махсус, мушкилот, ки ба соҳаи илм, дониш ва технология марбут мебошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти ташаккули кластерии ширкатҳои ба дониш асосёфта нишон медиҳанд, ки ин масъалаҳо дар се сатҳ муҳиманд: фарҳангӣ, иҷроия ва ҳуқуқӣ (ҷадвали 3.2.2.).

### Ҷадвали 3.2.2. - Мушкилоти ташаккули кластерҳои инноватсионӣ дар Тоҷикистон

| САМТ | САТҲ | МУСОИДАТ БА КОҲИШИ САТҲИ ТАЪСИРИ МАНФӢ |
|---|---|---|
| **Фарҳангӣ** | Набудани малакаҳои техникӣ ва касбӣ | Навсозии мундариҷаи таълимӣ |
| | | Таъсиси бонк барои қонеъ кардани ниёзҳои маҳорати кишвар бо иштироки вазоратҳои дахлдор |
| | | Тавсеаи иштироки бахши хусусӣ дар таҳия ва пешниҳоди тренингҳои техникӣ ва касбӣ ва аутсорсинги машғулиятҳои амалӣ ва семинарҳо барои марказҳои тиҷоратӣ |
| | Заифии фарҳанги шарикии стратегӣ | Ташвиқ ва дастгирии фаъолиятҳои дастаҷамъӣ ва гурӯҳӣ ҳангоми омӯзиш |
| | | Актуализатсияи мундариҷаи таълимӣ ва тадқиқотии шарикии стратегӣ |
| | Норасоиҳо дар эътирофи ҳуқуқи моликият ба ғояҳо | Омӯзиши ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ бо забони оддӣ барои донишҷӯён (ихтироъ, савдо, тамғаи молӣ ва ғайра) |
| | | Гузаронидани курсҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, ҳуқуқи иштирок ва ғайра барои донишҷӯён ва омӯзгорон |
| | | Навсозии фанҳо ва барномаҳои таълимии ба соҳибкорӣ ва технология мутобиқшуда |
| **Маъмурӣ** | Норасоиҳо дар банақшагирии ҳудудӣ ва иқтисоди минақавӣ | Зарурати банақшагирии рушди фаъолият дар ҳудуди деҳот, ки ба дониш асос ёфтааст, бо назардошти афзалиятҳо ва талаботи ҷуғрофии минтақаҳо |
| | | Зарурати нақши ҷиддии паркҳои илмӣ-техникӣ дар қабули қарорҳо ва барномаҳои афзалиятноки рушд дар шӯрои банақшагирии маҳаллҳо |
| | | Харитаи институтсионалӣ, ки нақш ва мавқеи амалиётии ҳар як сарпарасти кластерро муайян мекунад, алахусус дар сатҳи татбиқ ва байни паркҳои илмӣ-техникӣ, кампусҳо, шаҳракҳои тадқиқотӣ, шаҳракҳои технологӣ ва шаҳракҳои саноатӣ |
| | Камбудиҳо дар ҳамкорӣ ва эҷоди робитаҳо байни корхонаҳои хурду миёна | Зарурати такмил додани нақши паркҳои илмӣ-техникӣ тавассути баъзе стратегияҳои сиёсӣ, аз қабили гурӯҳбандии паркҳои аз рӯйи функсия, баҳодиҳии самаранокӣ, тасҳеҳи дастгирӣ ва дахолати ҳукумат ба танзими фаъолияти онҳо, инчунин ташкили паркҳои махсус бо дархост бо истифода аз бахши хусусӣ бо мақсади мусоидат ба кластеризатсия ва маҳдуд нашудани тавонмандӣ тавассути чорабиниҳо ё хидматҳои молиявӣ. |
| | | Зарурати ба расмият даровардани нақши агентҳои илм ва технология дар экосистемаи инноватсионӣ тавассути сиёсати ҳавасмандгардонӣ ва дастгирӣ. |
| | | Баланд бардоштани малака ва имкониятҳои махсуси брокерҳои технологӣ дар пешниҳоди хидматҳо ба монанди мубодила, гирифтани литсензияҳо, машваратҳои ҳуқуқӣ, тақсим, паҳн ва рекомбинатсияи лоиҳаҳои саноатӣ байни кластерҳо ва ҳалли мушкилоти кадрӣ ва сохтории ширкатҳо дар кластер |

Идомаи ҷадвали 3.2.2.

| | | |
|---|---|---|
| **Ҳуқуқӣ** | Корхонаҳои хурд бо созишномаҳои ҳуқуқӣ ошно нестанд | Пешниҳоди хидматҳои тавонмандсозӣ ва дастгирӣ, ки ба таҳкими малакаҳои идоракунӣ ва ҳуқуқӣ ба ширкатҳое равона карда шудаанд, ки метавонанд ба кластер мувофиқат кунанд |
| | | Дастгирии нақши брокерҳои дониш ва технология ё акселераторҳо дар бастани шартномаҳои шарикӣ |
| | | Таҳияи моделҳои иштироки ширкатҳо ва донишгоҳҳо дар рушди кластерҳои дониш ва технология |
| | Нигаронӣ аз ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ | Муайян кардани ҳуқуқҳои ва ҳудудҳои моликияти зеҳнӣ, ки дар натиҷаи ҳамкории мақомоти иҷроия бо ихтироъкори воқеӣ, донишгоҳ, ширкати ба дониш асосёфта ё шуъбаи технологӣ ба даст оварда шудаанд |
| | | Қабули стратегияҳои возеҳ ва шаффоф, канорагирӣ аз сарлавҳаҳои умумӣ ва норавшан, ки ба амалҳои такрорӣ оварда мерасонанд |
| | Камбудиҳо дар татбиқи барномаҳо барои кӯмак ба ташаккули кластерҳо | Муайян кардани категорияҳои муҳимми фаъолият, ки ба дониш асос ёфтаанд, дар минтақаҳои дорои афзалиятҳо |
| | | Ҷамъоварӣ ва идоракунии иттилооти системаҳои гуногуни мубодилаи талабот ва пешниҳод, ба монанди tavaniran, nan, samat, sataeh барои таҳлили захираҳо ва мусоидат ба ташкили кластерҳои минтақавӣ; |

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст.

Дар тӯли зиёда аз даҳ сол, рушди кластери саноатӣ таваҷҷуҳи банақшагирандагон ва сиёсатмадорони кишварҳои саноатӣ ва рӯ ба тараққиро ҳамчун стратегияи нав ҷалб кард. Ташкилотҳои байналмилалӣ ташаббусҳои сершумори рушди кластерҳои саноатиро дар кишварҳои гуногун амалӣ ва дастгирӣ карданд.

Корхонаҳои хурду миёна бо сабабҳое, ба монанди чандирии ташкилӣ ва қобилияти истифодаи имкониятҳои якдигар, метавонанд дар ташаккули кластерҳо нисбат ба ширкатҳои калонтар муваффақтар бошанд ва инчунин ташаббускор, эҷодкор ва навовар бошанд. Бо вуҷуди ин, корхонаҳои хурду миёна дар Тоҷикистон аз сабаби таҷрибаи ками кор дар муҳити озод ва рақобатӣ ба ҳамон мушкилот дучор меоянд. Дар зер баъзе масъалаҳое оварда шудаанд, ки ҳангоми ҳамкорӣ бо кластерҳои калон таҳқиқ ва назорат карда мешаванд.:

1. Норасоии донишҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва идоракунӣ, хусусан дар замони таъсисёбӣ, барои ширкатҳои ин навъ мушкилот эҷод

мекунад, ки баъзан як шахс бояд якчанд корҳои махсусро берун аз салоҳияти касбии худ иҷро кунад.

2. Аз сабаби набудани мақомоти муассир ва дастгирӣ, тиҷорати хурд наметавонанд ба тағйирёбии муҳити зист таъсир расонанд ва онҳоро осебпазиртар кунанд.

3. Маблағгузории ин ширкатҳо нисбат ба ширкатҳои калон мушкилтар аст, алахусус аз он сабаб, ки бонкҳо нисбат ба гарав ва фоизи баландтар нисбат ба онҳо талаботҳои сахттар доранд.

4. Таъмин ва нигоҳ доштани қувваи корӣ барои ин ширкатҳо як мушкили доимӣ аст, зеро аксари мутахассисон одатан дар ширкатҳои калон кор мекунанд ва ҳатто пас аз хатми таҳсил дар соҳаҳои хурд метавонанд тарк кунанд.

5. Ин соҳаҳо на танҳо аз таҷрибаи идоракунӣ маҳруманд, балки аз сабаби маҳдуд будани захираҳои молиявӣ наметавонанд хидматҳои машваратии мутахассисони муассирро ба даст оранд.

6. Дар аксари ҳолатҳо, ин ширкатҳои хурду миёна дар соҳаи маркетинг ва содирот ягон дастгирӣ надоранд, ки хароҷоти содирот ва хатарҳои марбутро зид мекунанд.

7. Набудани ташкили пурраи хатҳои коммуникатсионӣ ва муошировати мувофиқашуда оид ба ҳамлу нақли молҳо ва ҷузъҳо, занҷири арзиш, бозор, маблағгузорӣ, ҳамкории байнидавлатӣ дар соҳаи дониш ва зарурати гирифтани литсензияҳои сершумор вақти амортизатсияро дар ин намуди ширкатҳо зиёд кард ва самаранокии онҳоро коҳиш дод.

8. Шумораи зиёди ин ширкатҳо технологияҳои куҳнаи миёна ва пастро истифода мебаранд ва ба технологияҳои нав дастрасӣ надоранд.

Кластерҳои ба дониш асосёфта як қисми занҷири арзиш дар баробари кластерҳои саноатӣ мебошанд ва бо онҳо алоқамананданд, аз ин рӯ, мушкилоте, ки одатан дар роҳи кластеркунии саноатӣ ба миён меоянд, ба раванди кластеркунии ширкатҳои ба дониш асосёфта таъсир

мерасонанд. Доштани бартарии рақобатӣ омили асосии муваффақият аст. Доштани малака ва имкониятҳои технологии кластер барои истеҳсоли маҳсулот барои ширкатҳое, ки дар ин кластер фаъолият мекунанд, бартарии рақобатӣ ба вуҷуд меорад. Бартарии рақобат метавонад тағйиротро талаб кунад ва одатан олимон ва муҳандисони ботаҷриба метавонанд ин тағйиротро пешгӯӣ кунанд.

Барои оғози фаъолияти кластер буҷаи мувофиқ лозим аст. Ғайр аз он, ширкатҳои фаъол бояд худашон ба афзоиш ва эҷоди сармоя саъй кунанд, на ба сармояи хориҷӣ, ки боиси нокомии онҳо мегардад. Бояд қайд кард, ки дар оғози ташаккули кластер сармоягузорони венчурӣ сармоягузорӣ кардан намехоҳанд ва аз ин рӯ, бояд аз ҷониби давлат маблағгузорӣ карда шаванд. Инчунин бояд ба назар гирифт, ки сармоягузорон метавонанд дар минтақаҳои гуногун бошанд ва дар ин минтақа зиндагӣ накунанд.

Ҳамин тавр, омили асосии инкишофи равандҳои тиҷоратикунонии навовариҳо таъмини инфрасохтори ба ҳам алоқаманди фаъолияти инноватсионӣ ба шумор меравад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ба инфрасохтори тиҷоратикунонӣ аҳаммияти махсус дода мешавад. Дар Тоҷикистон, ки дар марҳиллаи омодагӣ ба гузариш ба модели инноватсионии рушд қарор дорад, тадқиқи асосҳои назариявӣ ва методии таъмини инфрасохтори тиҷоратикунонӣ тақозои вақт мебошад. Бояд ба назар гирифт, ки дар занҷираи фаъолияти навҷорисозӣ мавқеи муҳим ва калидӣ ба марҳилаи тиҷоратикунонӣ ихтисос дода мешавад. Пас, ҳама кӯшишҳо дар самти таъмини модели инноватсионии рушд бесамар хоҳад буд, агар ба инфрасохтори тиҷоратикунонии навовариҳо аҳаммияти хос дода нашавад. Азбаски самаранокии системаи инноватсионӣ аз ҷониби вазифаҳои он дар таҳқиқоти гуногун муайян карда мешавад, таснифи камбудиҳои он аз нуқтаи назари функсионалӣ низ метавонад ба рафъи

ин камбудиҳо мусоидат кунад. Ҳамин тариқ, дар категорияҳое, чун вазифаҳои сиёсӣ, мусоидат ва самти таҳқиқот ва фаъолияти инноватсионӣ, гузаронидани тадқиқот ва рушд, рушди захираҳои инсонӣ, соҳибкорӣ ва паҳнкунии технологияҳо заъфи функсионалии системаи миллии инноватсионӣ ва мувофиқан, тиҷоратикунонии натиҷаҳои он, ошкоро ба назар мерасад. Аз тарафи дигар, мушкилоти инфрасохторӣ ва институтсионалӣ низ баръало ба чашм мерасад.

## §3.3. Моделсозии омилҳои инкишофи тиҷоратикунонии донишҳои нав дар муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои илмӣ

Гузариши кишвар ба заминаи инноватсионии саноатии рушд бо афзалиятҳои асосии сиёсати муосири иқтисодии Тоҷикистон эълом шудааст. Тибқи муқоисаи байналмилалӣ, ки дар "индекси фаъолияти инноватсионӣ" оварда шудааст, Тоҷикистон аз бисёр кишварҳое, ки дар онҳо рушди инноватсионии сармоягузорӣ ба пешрафти илмӣ-техникӣ самти афзалиятноки рушди иқтисодӣ шудааст, ба таври назаррас қафо монда истодааст. Бисёр кишварҳо системаҳои миллии инноватсионии худро (NIS - National Innovation System) бо инфрасохтори муносиб барои рушди бизнеси венчурӣ ва муносибати махсус ба рушди инноватсия ташаккул доданд. Мутаассифона, дар иқтисодиёти Тоҷикистон рушд накардани системаи миллии инноватсионӣ, ташаккули сусти инфрасохтори мувофиқ, сифати пасти таҷҳизот ва технология сатҳи пасти рушди инноватсионии иқтисодиётро ба бор меорад.

То ҳол се намуди системаи иқтисодӣ вуҷуд дорад: пеш аз саноатӣ, саноатӣ ва баъди индустриалӣ. Чунин сохтори бениҳоят гетерогении қувваҳои истеҳсолкунанда на танҳо натиҷаи хусусиятҳои дохилии табиӣ ва иқтисодӣ ва эволютсияи табиӣ, балки оқибати таъсири омилҳои беруна мебошад. Аз ин рӯ, дар робита ба фароҳам овардани шароит барои рушди навъи инноватсионии иқтисодиёт дар кишвар бояд бисёр масъалаҳо ҳалли худро ёбанд. Пеш аз ҳама, мушкилот дар рушди

иҷтимоию иқтисодии кишвар аст. Бо вуҷуди дастовардҳои назарраси мусбат дар ҷумҳурӣ, пас аз таъмини суботи пурраи сиёсӣ, яъне аз соли 1997 инҷониб дар соҳаи индустрикунонии кишвар камбудиҳои ҷиддӣ ҷой доранд. Аҳаммияти босуръат азнавсозии иқтисодиёти миллиро дар робита бо афзоиши иқтидори саноатии кишвар дарк намуда, имрӯз роҳбарияти давлат самтҳои умумии рушдро барои оянда муайян мекунад.

Дар қисматҳои болии рисола мо дидем, ки тиҷоратикунонии наоварӣ аз ҷониби корхонаҳои хурд, миёна ва бузург дар ҷумҳурӣ бо мушкилоти зиёд мувоҷҷеҳ мебошад. Дарояндаи наздик ин равандро ба раванди муътадил ва устувор табдил додан хеле душвор аст. Аммо, таҳлил нишон медиҳад, ки яке аз самтҳои барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дастарас ва воқеӣ ин тиҷоратикунонии донишҳои донишгоҳӣ аст.

Тиҷоратикунонии таҳқиқоти илмӣ яке аз мавзуъҳоест, ки муҳаққиқон ва олимон дар қисматҳои гуногуни ҷаҳон дар ду даҳсолаи охир баррасӣ кардаанд. Дар мамлакати мо, муҳаққиқон аҳаммияти ин категорияро торафт бештар дарк мекунанд ва ба он диққати бештар медиҳанд. Баланд бардоштани аҳаммият ва нақши дониши илмӣ дар навоварӣ ва рушди тиҷорати нав аз як тараф ва баланд бардоштани сатҳи вуруди аҳолӣ ба таҳсилоти олӣ аз тарафи дигар, донишгоҳҳоро ба яке аз бозигарони асосии инноватсия ва рушди ҳамаҷонибаи кишварҳо табдил дод. Мувофиқи ин, масъалаи тиҷоратикунонӣ низ дар асоси таҳқиқоти илмӣ ва навовариҳои донишгоҳӣ баррасӣ шудааст. Тиҷоратикунонии таҳқиқоти илмӣ дар рушди кишвар, самараи ғояҳои олӣ ва инчунин соҳибкорӣ нақши муҳим дорад. Дар тӯли ду даҳсолаи охир, аксари донишгоҳҳо бо ширкатҳои хусусӣ робитаҳои наздик барқарор карданд, то барои васеъ намудани доираи фаъолияти худ мавқеи беҳтарро ба даст оранд. Ин боиси эҷоди шаклҳои гуногуни ҳамкории онҳо бо саноат ва талошҳо барои тиҷоратикунонии натиҷаҳои

таҳқиқот ҳамчун принсипи асосӣ дар баробари таҳсилот ва таҳқиқот гардид. Дар асл, донишгоҳ ҳамчун як корхонаи иқтисодӣ амал карда, барои соҳибкор манбаъҳои нави даромад меҷӯяд ва хадамоти технологиро мефурӯшад. Тиҷоратикунонии технология ин раванди такроршавандаест, ки аз дарки бозори нав ё имконияти нави хидматрасонӣ барои ихтирооти дар асоси технология оғозёфта ба саъйҳои рушд, истеҳсол ва маркетинг дар самти муваффақияти тиҷории ихтироъ оварда мерасонад. Ин таъриф ду фарқияти асосиро баррасӣ мекунад:

- раванди тиҷоратикунонӣ рушди технологии ихтироотро дар якҷоягӣ бо бозори ин ихтироъ барои истифодабарандагони охирин тавассути қабул ва паҳнкунӣ дар бар мегирад.

- раванди инноватсионӣ моҳиятан такроршаванда аст ва аз ин рӯ, ба таври худкор аввалин татбиқи технологияи нав ва барқароркунии навовариҳои тағйирёфтаро дар бар мегирад.

Муҳаққиқон ва коршиносони гуногун дар бораи моделҳои маъмул дар тиҷорати донишҳо ибрози ақида намудаанд, ки муҳимтарини онҳо дар ин бахш баррасӣ шудааст. Моделҳо, марҳилаҳо, амалҳо, ҷараёни дониш ва иттилоот ва фаъолоне мебошанд, ки фаъолияти тиҷоратикунониро иҷро мекунанд. Тарҳрезии як модели тиҷоратикунонии дониш дар таҳсилоти олӣ боиси маъмурияти донишгоҳҳо ва сиёсатгузорон мегардад, ки тиҷоратикунонии идеяҳои нави академикиро бомуваффақият татбиқ мекунанд ва аз тарҳрезии модели тиҷоратикунонӣ ва пешниҳоди модели пешниҳодшудаи тиҷоратӣ манфиат мегиранд.

Дар зер, ҷадвали 3.3.1. бо баррасии ва муқоисаи моделҳо бо мақсади фароҳам овардани модели мукаммали тиҷоратикунонии донишҳо вобаста ба шароити маҳаллӣ, мушкилот ва масъалаҳои ширкатҳо дар роҳи тиҷорикунӣ ва вуруд ба бозор баррасӣ карда шудааст.

**Ҷадвали 3.3.1. - Баррасии ва муқоисаи моделҳои мукаммали тиҷоратикунонии донишҳо**

| | Барномарезии стратегӣ | Фишори технология | Чандирии талабот | Кашфи имкониятҳо | Идея ва такмили ғояҳо | Тадқиқоти асосӣ | Ниҳодҳо | Муҳандисӣ | Санҷиш/Арзёбӣ | Истеҳсол | Маркетинг | Тиҷоратикунонӣ | Алоқа | Омилҳои экологӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Табдил ва нусхабардорӣ** | | + | + | + | | | | + | | + | | | + | |
| **Фаъолияти зина ба зина** | + | + | + | + | + | + | + | + | + | + | + | + | + | + |
| **Чандирии талабот нисбат ба арзиш** | | | + | | | | + | | | + | + | | + | |
| **Модели Roozenburg & Eekels** | + | + | + | + | + | + | + | + | + | + | + | + | + | + |

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст.

Тиҷоратикунонӣ вазифаи муҳимми илмӣ барои ба даст овардани инқилоби академӣ мебошад. Чун анъана, рисолати асосии донишгоҳ таълим ва таҳқиқот мебошад. Бо пайдоиши фанҳое, ба монанди биотехнология, афзоиши ҷаҳонишавӣ, пешниҳоди грантҳои асосӣ ва дурнамои нав дар бораи нақши донишгоҳ дар системаи истеҳсолӣ роҳбарияти донишгоҳҳо ботадриҷ ҷиҳати тиҷоратикунонии донишҳои нав барномарезӣ мекунанд. Муносибати байни донишгоҳҳо, саноат ва ҳукумат дар ин модел бо спирали сегонаи эволютсияи шабакавӣ рамзгузорӣ шудааст. Умуман, донишгоҳҳо метавонанд, ба рушди иқтисодӣ ҳам тавассути ҳамкорӣ бо соҳаи мавҷуда ва ҳам тавассути дигар намудҳои тиҷоратикунонии дониш саҳм гузоранд (масалан, таъсиси ширкатҳои нав).

Фаъолияти соҳибкорӣ метавонад ба озодии таҷрибаи маъмули донишгоҳҳо ва таҳқиқоти асосӣ таҳдид кунад, инчунин нигарониҳои зуд аз уфуқҳои кӯтоҳтари вақт дар таҳқиқот ва фишорҳо ба бетарафӣ ва дигар фаъолиятҳо. Баъзе ташаббусҳо метавонанд аз "поён ба боло" ва аз ҷониби ҳукумат ва муассисаҳои он дар ҳоле, ки ташаббусҳои дигар "аз поён ба боло" ва аз ҷониби шахсони алоҳида ва муассисаҳои дохили донишгоҳ пайдо шаванд.

Тавре зикр гардид, ҳадафи ин таҳқиқот пешниҳоди модели амалии тиҷоратикунонии таҳқиқот дар кишвар тавассути муҳосибаи нишондиҳандаҳо ва ҷузъҳои ба модел дохилшаванда ва ба даст овардани хусусиятҳои мусбати моделҳои омӯхташуда ва истисно кардани хусусиятҳои имконпазири манфӣ мебошад. Бо баррасии адабиёти дахлдор муайян карда шуд, ки омилҳои муҳитӣ дар тарзи тиҷоратикунӣ ва раванди он, инчунин ҷузъҳои самарабахши он иштирок мекунанд ва ҳатто гуфтан мумкин аст, ки бидуни баррасии омилҳои муҳитӣ, дар бораи тиҷоратикунонӣ сухан гуфтан бефоида мебуд (расми 3.3.1.).




**Расми 3.3.1. - Омилҳои муҳити тиҷоратикунонӣ ва алоқаи мутақобилаи онҳо**

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст.

Бо вуҷуди ин, натиҷаҳои ин тадқиқот моро ба нақши барҷастаи маркетинг дар тиҷоратикунонии таҳқиқот, бахусус дар Тоҷикистон, ки фаъолиятҳои маркетингӣ ба кадри кофӣ рушд накардаанд, мебаранд. Саволи асосии таҳқиқот ин аст: хусусиятҳо ва сохтори модели тиҷоратикунонии дониш дар мактаби олӣ кадомҳоянд? Он чизе, ки ин моделро аз моделҳои шабеҳ фарқ мекунад, фарогирии нисбии он аст, ки боиси интихоби унвони фарогир гардид. Тарҳи намуна ва ҷузъҳои он дар зер шарҳ дода шудааст. Дар ин модел таъсири омилҳои гуногуни муҳити зист баррасӣ шуда, таъсири муштараки онҳо низ шомил карда шудааст. Омилҳои муҳитӣ ҳангоми мутақобила ва таъсиррасонии якдигар, инчунин ба ду нишондиҳандаи муҳимми талаботи бозор ва технологияи муосири дониш таъсир мерасонанд. Тавре ки мо медонем, ин параметрҳо ду омили асосии пайдоиши ғояҳо ва тарроҳии маҳсулот ва хидматҳои нав мебошанд ва омилҳои боқимонда воқеан аз ин ду ба вуҷуд омадаанд. Ин ду омил бо якдигар бо ҳам ба таври органикӣ муносибат мекунанд.

Пешрафтҳои илм ва дониш ба талаботи нави бозор оварда мерасонанд, ки корбарон ва муштариёнро ҷалб мекунад.

Талаботи бозор ба фишори технология ва тамоюли болоравии илму дониш низ таъсир мерасонад. Инчунин, як омили хеле муҳимми маркетинг ҳамчун параметрҳои алоҳида номбар карда шудааст, ки пеш аз алоқамандии омилҳои муҳитӣ ва муносибати онҳо бо ҳам баррасӣ карда мешаванд. Аммо ин омил метавонад ба параметрҳои дигар низ таъсир расонад, ки он низ ба назар гирифта мешавад. Дар ҳар як марҳилаи тиҷоратикунонӣ, натиҷаҳои маркетинг ва таҳқиқоти бозор метавонанд самт ва тартиби маҳсулотро, ки ба марҳилаҳои тиҷоратикунонӣ таъсир мерасонад, тағйир диҳанд (расми 3.3.2.).




**Расми 3.3.2. - Алоқамандии омилҳои тақозои бозор ва рушди фановариҳои донишӣ**

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст.

Аммо марҳилаҳои гуногуни тиҷоратикунонӣ низ бо ҳамдигар алоқаманданд, масалан, натиҷаҳои шуъбаи санҷишӣ дар такмили идея ва истеҳсоли маҳсулот самаранок мебошанд, ки он низ дар намуна нишон дода шудааст. Ин ҳамкорӣ бо қадамҳои аввалия маҳдуд намешавад ва

қадамҳои дигарро низ дар бар мегирад. Масалан, пас аз истеҳсоли оммавии маҳсулот ва фикру мулоҳизаҳои муштариён дар бораи маҳсулот, ғояҳои нав барои ҳалли ин мушкилот эҷод карда мешаванд ё кашф карда мешаванд. Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқот, муваффақияти тиҷоратикунонии таҳқиқоти илмӣ аз нигоҳи махсус ба маркетинг вобаста аст. Аз ин рӯ, кӯмаки муассир дар ин соҳа ба ширкатҳои таълимӣ ва роҳнамоии шуъбаи маркетингии онҳо метавонад аз шикасти чунин ширкатҳои нававвар ҷилавгирӣ кунад.

Тибқи шарҳе, ки аз баррасии моделҳои пешниҳодшуда ба даст омадаанд, модели тиҷоратикунонӣ таҳия карда шуда, сипас саволнома барои муҳосибаи самаранокии модели таҳияшуда таҳия ва дар байни респондентон тақсим карда шуд. Пас аз ҷамъоварии маълумоти зарурӣ, дар онҳо таҳлил гузаронида шуд ва натиҷаҳо ҳамчун натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур тасдиқ карда шуданд. Мувофиқи саволномаҳо ва ҷавобҳои пешниҳодшуда ва мусоҳибаҳо бо мутахассисон оид ба марҳилаҳо ва алгоритми тиҷоратикунонии дониш дар муҳити донишгоҳ алгоритми барои муҳити тадқиқотӣ мувофиқ пешниҳод карда шуд. Ба респондентон омӯзгорони донишгоҳҳи кишвар, инчунин мутахассисони тиҷоратикунонӣ ва соҳибкорон, ки 70 нафарро ташкил доданд, дохил шудаанд. Барои таъмини эътибори таҳқиқот, андешаи коршиносон ва профессорони муҳтарам истифода шуда, эътимоднокӣ ва дурустии саволҳоро бо коэффисиенти Алфа-Кронбах таҳлил гардид. Коэффитсиенти Алҳфа-Кронбах барои ҳамаи 39 саволҳои тадқиқотӣ қимати 875, 0-ро ташкил дод, ки аз 7,0 баландтар аст ва эътимоднокӣ ва дурустии саволҳоро дар маҷмуъ нишон медиҳад. Саволномаи тадқиқотӣ тариқии усули миқёси Лейкарт барои ба даст овардани нишондиҳандаҳо истифода шудааст. Тестҳое, ки дар ин боб истифода мешаванд, санҷишҳои t - student-ро аз ҷадвали Фридман дар бар мегиранд. Саволнома дар асоси марҳилаҳои тиҷоратикунонӣ ва ҷузъҳо ва

нишондиҳандаҳое, ки ба тиҷоратикунонии дониш дар мактабҳои олӣ таъсир мерасонанд, дар асоси хулосаи коршиносони илмӣ таҳия шуда, дар чор фасли зерин таҳия шудааст:

1. Марҳилаҳои асосии тиҷоратикунонии дониш.
2. Омилҳои асосии таъсирбахши тиҷоратикунонии дониш.
3. Омилҳое, ки ба тиҷоратикунонии дониш таъсир мерасонанд.
4. Нишондиҳандаҳои тиҷоратикунонии дониш.

Дар қисми аввал саволҳои марбут ба ҷузъи марҳилаҳои асосии тиҷоратикунонии дониш баррасӣ ва таҳлил карда мешаванд. (ҷадвали 3.3.2) Бо дарназардошти рақамҳои бадастомада, азбаски ҳудуди эътимод аз 95% барои ҳама саволҳо мусбат буд, гуфтан мумкин аст, ки ҷузъи миёнаи марҳилаҳои асосии тиҷоратикунонии дониш – қимати 5 ҳамчун сатҳи баланди эъҳтимодноки модел (Test value) маънидод мешавад.

**Ҷадвали 3.3.2. - Санҷиши омории t - student**

**барои саволҳои марбут ба марҳилаҳои асосии тиҷорати навоварӣ**

| Нуқтаҳои асосии тиҷоратикунонии дониш | Шумораи аъзоёни интихобшуда | Ҷавобҳо ба ҳисоби миёна | Хатои стандартӣ | Хатои стандартӣ ба ҳисоби миёна |
|---|---|---|---|---|
| Ба вуҷуд овардани имконият | 70 | 7,7245 | 1,29125 | 0,17325 |
| Ба вуҷуд овардани идеяҳо | 70 | 6,5245 | 1,95606 | 0,15077 |
| Интихоби идеяи оптималӣ | 70 | 7,4 | 1,70761 | 0,4021 |
| Истеҳсоли маҳсулоти санҷишӣ | 70 | 7,9712 | 1,67307 | 0,15557 |
| Истеҳсоли омавии маҳсулот | 70 | 6,2897 | 1,57646 | 0,43641 |
| Ҳисоби миёнаи ҷавобҳо | 69 | 7,1513 | 0,54151 | 0,11055 |

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст.

Бо мақсади афзалият додан (рутбабандӣ) ба нишондиҳандаҳои марҳилаҳои асосии тиҷоратикунонӣ, санҷиши рейтингии Фридман (ҷадвали 3.3.3.) истифода шудааст. Аз ин рӯ, дар асоси маълумоти ҷадвали дар боло овардашуда, нишондиҳандаҳои фароҳам овардан ё кашф кардани имкониятҳо, истеҳсолот ва рушди маҳсулот дар бахши санҷишӣ ва такмили ғояҳо барои ба даст овардани ғояҳои оптималӣ муҳимтарин марҳилаҳои тиҷоратикунонии дониш мебошанд. Эҷод ё

кашфи имкониятҳо маънои онро дорад, ки дар натиҷаи талабот ва пешрафти бозор дар соҳаи технология имконияти нав ба вуҷуд оварда ва ё кашф карда мешавад. Истеҳсол ва рушди маҳсулот дар бахши санҷишӣ маънои онро дорад, ки дар ин бахш раванди истеҳсолот ниҳоӣ карда шуда, намунаҳои озмоиши маҳсулот пешниҳод карда мешаванд ва ҳамзамон таҳияи маҳсулот ба барнома дохил карда мешавад. Инчунин, интихоби ғояҳо барои ба даст овардани ғояҳои беҳтарин маънои онро дорад, ки дар ин марҳила ғояҳои пешниҳодшуда такмил дода мешаванд ва ғояҳои беҳтарин интихоб карда мешаванд.

**Ҷадвали 3.3.3. - Рейтинги марҳилаҳои асосии тиҷоратикунонии дониш бо истифода аз санҷиши рейтингии Фридман**

| Нуқтаҳои асосии тиҷоратикунонии дониш | Рутбаи аҳамиятнокӣ ба ҳисоби миёна |
|---|---|
| Ба вуҷуд овардани имкониятҳои нав | 3,41 |
| Истеҳсоли маҳсулоти санҷишӣ | 3,35 |
| Интихоби идеяи оптималӣ | 2,98 |
| Ба вучуд овардани идеяҳои нав | 2,77 |
| Истеҳсоли омавии маҳсулот | 3,49 |

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст.

Дар қисми дуюм, саволҳои марбут ба омилҳои асосии таъсирбахши тиҷоратикунонии дониш дар мактабҳои олӣ (ҷадвали 3.3.4.) баррасӣ ва таҳлил карда мешаванд. Азбаски фосилаи эътимоди паст ва баланд 95% барои ҳамаи саволҳои ҷадвали 5 мусбат буд, гуфтан мумкин аст, ки ҳисоби миёнаи омилҳои асосии ба тиҷоратикунонии дониш таъсирбахш аз кимати 5 баландтаранд ва аз ин рӯ, аҳаммияти ин модел баланд ва қобили қабул аст. Албатта, ҳисоби миёнаи омилҳои асосии таъсиррасонии тиҷоратӣ 7,44-ро ташкил медиҳанд, ки ин аз қимати 5 ба ҳисоби миёна ва миёнаи спектр зиёдтар аст ва ин аҳаммияти баланди нишондиҳандаҳои омилҳои асосии таъсирбахши тиҷоратикунонии донишро дар мактабҳои олӣ тасдиқ мекунад.

**Ҷадвали 3.3.4. - Санҷиши тестии Test value барои саволҳои марбут ба омилҳои асосии таъсирбахши тиҷоратикунонии дониш**

| Омилҳои асосии таъсирбахши тиҷоратикунонии дониш | Шумораи аъзоёни интихобшуда | Ҷавобҳо ба ҳисоби миёна | Хатои стандартӣ | Хатои стандартӣ ба ҳисоби миёна |
|---|---|---|---|---|
| Чандири талаботи саноат ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ барои татбиқи лоиҳаҳои илмӣ | 70 | 7,7897 | 1,29609 | 0,17203 |
| Суръати паҳншавии технология нав | 70 | 7 | 1,95606 | 0, 1869 |
| Маркетинги маҳсулоти нав ва арзёбии талабот | 70 | 8 | 1, 22002 | 0,7144 |
| Таъсири сиёсати ҳукумат барои татбиқи лоиҳаҳои нав | 70 | 5 | 1,679519 | 0,15181 |
| Таъсири омилҳои муҳитӣ | 70 | 6,5710 | 1,95012 | 0,15187 |
| Ҳисоби миёнаи ҷавобҳо | 69 | 7,4456 | 0,72393 | 0,1591 |

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст.

Сипас, барои афзалият додан ба нишондиҳандаҳои омилҳои асосии таъсирбахши тиҷоратикунонии дониш, санҷиши рейтингии Фридман истифода шуд.

Дар таркиби омилҳои асосии таъсирбахши тиҷоратикунонии дониш дар таҳсилоти олӣ, нишондиҳандаҳои муҳимтарини тиҷоратикунонӣ ин маркетинги маҳсулоти нав ва баҳогузории талабот ва чандирии талаботи саноат ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ барои татбиқи лоиҳаҳои илмӣ ва таъсири сиёсати ҳукумат барои татбиқи лоиҳаҳои нав ба ҳисоб мерафтаанд. Ҳадафи ҷалби талабот ба маҳсулот таъсир расонидан ба ниёзҳои рӯз ва зиёд кардани талабот ба баъзе маҳсулот дар раванди инноватсия ва тиҷоратикунонии ғояҳои нав (нисбати ҳамон маҳсулот) мебошад.

Ин рутбабандӣ интихоби оқилонаи стратегияи маркетингиро ҳамчун яке аз омилҳои асосӣ дар марҳилаҳои тиҷоратикунонии дониш нишон медиҳад (ҷадвали 3.3.5.).

**Ҷадвали 3.3.5. - Рейтинги омилҳои асосии таъсирбахши тиҷоратикунонии дониш бо истифода аз санҷиши рейтингии Фридман**

| Омилҳои асосии таъсирбахш ба тиҷоратикунонии дониш | Рутбаи аҳамиятнокӣ ба ҳисоби миёна |
|---|---|
| Чандири талаботи саноат ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ барои татбиқи лоиҳаҳои илмӣ | 3,7 |
| Суръати паҳншавии технология нав | 3,06 |
| Маркетинги маҳсулоти нав ва арзёбии талабот | 3,01 |
| Таъсири сиёсати ҳукумат барои татбиқи лоиҳаҳои нав | 2,56 |
| Таъсири омилҳои муҳитӣ | 2,31 |

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст.

Дар қисми сеюми таҳлили маълумот, саволҳои аз 11 то 20 баррасӣ ва таҳлил карда мешаванд. Ин саволҳо идомаи марҳилаи дуюм мебошанд ва барои иҷрои марҳилаҳои тиҷоратикунонии дониш пешбинӣ шудаанд. Тавре ки дар (ҷадвали 3.3.6.) дида мешавад, азбаски фосилаи эътимоди паст ва баланд 95% барои ҳамаи саволҳои ҷадвали 5 мусбат буд, гуфтан мумкин аст, ки ҳисоби миёнаи омилҳои асосии ба тиҷоратикунонии дониш таъсирбахш аз қимати 5 баландтаранд ва аз ин рӯ, аҳаммияти ин модел баланд ва қобили қабул аст. Албатта, ҷузъи миёнаи марҳилаҳои тиҷоратикунонии донишҳо 6,34-ро ташкил медиҳад, ки аз қимати 5 ба ҳисоби миёна ва миёнаи спектр баландтаранд ва ин низ аҳаммияти баланди нишондиҳандаҳои марҳилаҳои тиҷоратикунонии донишро тасдиқ мекунад.

Ба ибораи дигар, дар байни нишондиҳандаҳои марҳилаҳои тиҷоратикунонии дониш мувофиқ ба назари посухгӯяндагон омили маркетинг аҳаммият ва афзалияти баландтар доранд. Тавре дар ҷадвали 3.3.6. мушоҳида мешавад, нишондиҳандаҳои робитаи байни шуъбаи маркетинг бо дигар шуъбаҳои донишгоҳ оид ба пешбурди тиҷоратикунонӣ, муҳимтарин нишондиҳандаҳои тиҷоратикунонии донишҳо мебошанд. Он нишондиҳандаи фарогирии тиҷоратисозӣ мебошанд.

**Ҷадвали 3.3.6. - Санҷиши тестии Test value**

**барои саволҳои марбут ба марҳилаҳои тиҷоратикунонӣ**

| Марҳилаҳои тиҷоратикунонӣ | Шумораи аъзоёни интихобшуда | Ҷавобҳо ба ҳисоби миёна | Хатои стандартӣ | Хатои стандартӣ ба ҳисоби миёна |
|---|---|---|---|---|
| Байни марҳилаҳои пешбинишуда то куҷо мустақилият вуҷуд дорад? | 67 | 6,1342 | 1,6777 | 0,40603 |
| Қадамҳои дар боло овардашуда то куҷо мафҳуми тиҷоратикунониро фаро гирифта метавонанд? | 68 | 6,3842 | 1,9163 | 0, 18386 |
| Миқдори қадамҳои пешниҳодшуда то чӣ андоза мувофиқ аст? | 68 | 5,7098 | 1, 93534 | 0,18901 |
| Қадамҳои пешбинишуда то куҷо воқеӣ ва ҳадафноканд | 68 | 5,5066 | 1,7774 | 0,41713 |
| То кадом андоза фарогирии мавриди маҳсулоти гуногун дар марҳилаҳо ба назар гирифта мешавад? | 68 | 5,5710 | 1,4964 | 0,41658 |
| Шумо ин моделро то кадом дараҷа дар донишгоҳҳо татбиқшаванда меҳисобед? | 67 | 5,56885 | 1,7554 | 0,41908 |
| Омили маркетинг то чӣ андоза муҳим аст? | 68 | 6,51436 | 1,6356 | 0,15856 |
| Ба фикри шумо, шуъбаи маркетинг бо дигар шуъбаҳои донишгоҳ то чӣ андоза алоқамандии муассир дорад? | 68 | 7,55543 | 1,2197 | 0,17453 |
| Оё тиҷоратикунонӣ самаранок аст? | 68 | 5,51434 | 1,6357 | 0,12859 |
| То чӣ андоза шумо боварӣ доред, ки мушкили асосӣ дар донишгоҳҳои Тоҷикистон маркетинг аст? | 68 | 5,2706 | 1,5732 | 0,4353 |
| Шумо то чӣ андоза боварӣ доред, ки қобилияти менеҷменти донишгоҳӣ дар татбиқи ин модел барои тиҷоратикунонӣ мусоидат мекунад? | 68 | 6,6176 | 1,7018 | 0,4063 |
| Ҳисоби миёнаи ҷавобҳо | 64 | 6,3398 | 0,5676 | 0,1404 |

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст.

Мавқеи номувофиқи индекси қобилияти менеҷменти донишгоҳӣ дар татбиқи ин модел барои тиҷоратикунонӣ дар соҳаи донишгоҳҳо метавонад ҳамчун яке ва мушкилоти муҳим дар татбиқи модели амалии тиҷоратикунонии дониш ҳисобида шавад.

**Ҷадвали 3.3.7. - Рейтинги марҳилаҳои тиҷоратикунонии дониш бо истифода аз санҷиши рейтингии Фридман**

| Марҳилаҳои тиҷоратикунонии дониш | Рутбаи ахамиятнокӣ ба ҳисоби миёна |
|---|---|
| Ба фикри шумо, шуъбаи маркетинг бо дигар шуъбаҳои донишгоҳ то чӣ андоза алоқамандии муассир дорад? | 7,55 |
| Оё тиҷоратикунонӣ самаранок аст? | 6,49 |
| Миқдори қадамҳои пешниҳодшуда то чӣ андоза мувофиқ аст? | 5,66 |
| Қадамҳои пешбинишуда то куҷо воқеӣ ва ҳадафноканд? | 5,56 |
| То кадом андоза фарогирии мавриди маҳсулоти гуногун дар марҳилаҳо ба назар гирифта мешавад? | 5,36 |
| Шумо ин моделро то кадом дараҷа дар донишгоҳҳо татбиқшаванда меҳисобед? | 4,51 |
| Байни марҳилаҳои пешбинишуда то куҷо мустақилият вуҷуд дорад? | 3,33 |
| Оё тиҷоратикунонӣ самаранок аст? | 3,26 |
| То чӣ андоза шумо боварӣ доред, ки мушкили асосӣ дар донишгоҳҳои Тоҷикистон маркетинг аст? | 3,12 |
| Шумо то чӣ андоза боварӣ доред, ки қобилияти менеҷменти донишгоҳӣ дар татбиқи ин модел барои тиҷоратикунонӣ мусоидат мекунад? | 2,88 |

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст.

Дар қисми ниҳоии таҳлили саволнома, саволҳои 21 то 35 баррасӣ ва таҳлил карда мешаванд. Ин саволҳо, омилҳои ташкилиеро дар бар мегиранд, ки ба тиҷоратикунонии дониш дар мактабҳои олӣ таъсир мерасонанд.

Азбаски фосилаи паст ва баландтарини эътимоднокӣ 95% барои ҳамаи саволҳо мусбат буд (Ҷадвал 3.3.8.) гуфтан мумкин аст, ки миқдори миёнаи омилҳои, ки ба тиҷоратикунонии дониш дар мактабҳои олӣ таъсир мерасонанд (Test value), аз қимати 5 баландтаранд ва аз ин рӯ, аҳаммияти модел дар сатҳи баланд аст ва он қобили қабул аст. Албатта, тавре дида мешавад, ҷузъи миёнаи омилҳои ташикилие, ки ба тиҷоратикунонӣ таъсир мерасонанд, 7,30 -ро ташкил медиҳад, ки ин аз 5 ба ҳисоби миёна баландтар аст ва ин низ аҳаммияти баланди нишондиҳандаҳои марбут ба омилҳои ташкилии тиҷоратикунониро тасдиқ мекунад.

**Ҷадвали 3.3.8. - Санҷиши тестии Test value барои саволҳои марбут ба омилҳои ташкилии тиҷоратикунонӣ**

| Омилҳои ташкилии тиҷоратикунонӣ | Шумораи аъзоёни интихобшуда | Ҷавобҳо ба ҳисоби миёна | Хатои стандартӣ | Хатои стандартӣ ба ҳисоби миёна |
|---|---|---|---|---|
| Тадқиқоти бунёдӣ аз шуъбаи дастгирии давлатӣ | 65 | ,3768 | 1,6188 | 0,1528 |
| Дастгирии бахши давлатӣ барои лоиҳаҳои тадқиқотии амалӣ ва ғояҳои нав дар ин соҳа | 65 | 7,2098 | 1,6458 | 0,1564 |
| Технология ва рушди марказҳои рушд | 70 | 6,7245 | 1,6558 | 0,4031 |
| Такмилддиҳии қонунҳои моликияти зеҳнӣ | 70 | 7,6971 | 1,9255 | 0,1894 |
| Имтиёзҳои андозӣ ба лоиҳаҳои амалӣ Донишгоҳҳо | 70 | 7,0486 | 1,5709 | 0,4399 |
| Мустаҳкам намудани робитаи бахши саноат бо донишгоҳҳо | 70 | 8,1123 | 1,3888 | 0,1695 |
| Афзоиши даромади тадқиқотии муҳаққиқон | 68 | 7,5995 | 1,9951 | 0,185 |
| Тақвияти фарҳанги ҳамкории бахшҳои мухталифи иқтисодӣ бо муҳаққиқони эҷодкор | 68 | 7,2403 | 1,6306 | 0,1563 |
| Бартараф кардани монеаҳои гуногун дар қонунҳои бонкӣ, андоз, содирот ва воридот | 65 | 7,3123 | 1,6543 | 0,4048 |
| Кӯшишҳо барои ба даст овардани даромад барои донишгоҳҳо тавассути фаъолияти илмӣ | 65 | 7 | 2,0294 | 0,4224 |
| Тақвият додани рақобат дар лоиҳаҳои илмӣ ва эҷоди ғояҳои нав | 68 | 6,6434 | 1,5286 | 0,4329 |
| Ташкили фаъолияти соҳибкории донишгоҳҳо | 70 | 7,4576 | 1,0296 | 0,4224 |
| Инкишофи фарҳанги соҳибкорӣ | 70 | 7,4 | 1,7724 | 0,414 |
| Афзоиши марказҳои маркетингӣ | 70 | 6,2 | 1,8251 | 0,441 |
| Пешниҳоди хизматрасонии маркетингӣ ба муҳақиқон | 70 | 7,08 | 1,7997 | 0,4054 |
| Ҳисоби миёнаи ҷавобҳо | 68 | 7,3028 | 0,5904 | 0,1157 |

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст.

Дар идомаи ин бахш, бо мақсади рутба додан ба омилҳо ва ҷузъҳои таъсиррасонии тиҷоратикунонии дониш дар мактабҳои олӣ, санҷиши рейтингии Фридман истифода шудааст. Нишондиҳандаҳои тақвияти робитаҳои донишгоҳӣ-саноатӣ, иштироки муҳаққиқон дар даромади илмӣ, бартараф намудани камбудиҳо дар қонунҳои моликияти зеҳнӣ ва тақвияти фарҳанги ҳамкории бахшҳои мухталифи иқтисодӣ бо муҳаққиқони эҷодӣ муҳимтарин омилҳо ва ҷузъҳое мебошанд, ки ба тиҷоратисозии дониш таъсир мерасонанд. Аз тарафи дигар, нишондиҳандаҳои таваҷҷуҳ ба маркетинг дар марказҳои рушд, тақвияти рақобат дар лоиҳаҳои илмӣ ва эҷоди ғояҳои нав, инчунин рушди марказҳои рушд ва технология камтарин омилҳо ва ҷузъҳое мебошанд, ки ба тиҷоратикунонии дониш таъсир мерасонанд (ҷадвали 3.3.9.).

**Ҷадвали 3.3.9. - Рейтинги омилҳои ташкилии тиҷоратикунонии дониш бо истифода аз санҷиши рейтингии Фридман**

| Омилҳои ташкилии тиҷоратикунонӣ | Рутбаи аҳамиятнокӣ ба ҳисоби миёна |
|---|---|
| Мустаҳкам кардани муносибатҳои донишгоҳ ва саноат | 10,21 |
| Ҳиссаи муҳаққиқон дар даромади илмӣ | 9,67 |
| Бартараф кардани камбудиҳо дар қонунҳои моликияти зеҳнӣ | 9,55 |
| Тақвияти фарҳанги ҳамкории бахшҳои мухталифи иқтисодӣ бо муҳаққиқони эҷодӣ | 9,51 |
| Дастгирии бахши давлатӣ барои таҳқиқоти асосӣ | 9,47 |
| Таваҷҷуҳи дучанд ба соҳибкорӣ дар донишгоҳҳо | 9,44 |
| Рушди марказҳои технологӣ | 9,25 |
| Дастгирии бахши давлатӣ барои лоиҳаҳои тадқиқотии амалӣ ва ғояҳои нав дар ин соҳа | 8,60 |
| Бартараф кардани монеаҳои гуногун дар қонунҳои бонкӣ, андоз, содирот ва воридот | 8,32 |
| Афзоиши таблиғи фарҳанги соҳибкорӣ дар ҷомеа | 7,34 |
| Кӯшишҳо барои ба даст овардани даромад барои донишгоҳҳо тавассути фаъолияти илмӣ | 7,12 |
| Додани имтиёзҳои андозӣ ба донишгоҳҳои лоиҳаҳои татбиқшаванда | 7,03 |
| Пешниҳоди хидматҳои маркетингӣ ба муҳаққиқон | 7,01 |
| Диққати махсус ба маркетинг дар марказҳои рушд | 6,73 |
| Тақвият додани рақобат дар лоиҳаҳои илмӣ ва эҷоди ғояҳои нав | 5,39 |

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст.

Ҳамин тавр, беҳтар кардани робитаи байни шуъбаи маркетинг бо дигар шуъбаҳои донишгоҳ бо мақсади муваффақ шудан ба тиҷоратикунонӣ, пешбурди омили самарабахши маркетинг ва баланд бардоштани қобилияти роҳбарияти донишгоҳҳо дар татбиқи модели тиҷоратикунонӣ, роҳҳои муҳимтарини такмили тиҷорати дониш дар сатҳи олӣ мебошанд. Инчунин, дар робита бо нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои тиҷоратикунонии дониш дар донишгоҳҳо ва институтҳои илмӣ гуфтан мумкин аст, ки фароҳам овардан ё кашф кардани имкониятҳо, истеҳсол ва таҳияи маҳсулот ва тозакунии ғояҳо барои ба даст овардани ғояҳои олӣ муҳимтарин шартҳо ва омилҳои тиҷоратикунонии дониш дар донишгоҳҳо ва институтҳои илмӣ мебошанд.

Дар охири ин тадқиқот, стратегияҳо ва пешниҳодҳои зерин оид ба мусоидат ба вазъи тиҷоратикунонӣ ва инноватсионии кишвар дар маҷмуъ ва алахусус дар байни муассисаҳо ва ширкатҳои илмии дар марказҳои рушд ва паркҳои илмӣ-техникӣ ҷойгиршуда, пешниҳод карда мешаванд:

- барқарорсозии иртиботи зич байни донишгоҳҳо ва марказҳои саноатии кишвар бо мақсади огоҳ шудан аз ниёзҳои таҳқиқотии онҳо;

- таъмини як қисми хароҷоти тадқиқот ва таҳияи воҳидҳои истеҳсолӣ аз ҷониби ҳукумат, ба шарте ки дастовардҳои тадқиқотии онҳо дар самти қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа, коҳиш додани мушкилот, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, кам кардани хароҷоти истеҳсолӣ, баланд бардоштани арзиши молҳо ва афзоиши содироти муассир бошанд;

- ба назар гирифтани манфиатҳои муҳаққиқон ба тиҷоратикунонии таҳқиқоти худ;

- дастгирии ҷиддӣ ба муҳаққиқон ва институтҳои тадқиқотии кишвар ва маблағгузории кофӣ барои инкишофи фаъолияташон ва

маблағгузории натиҷаҳои таҳқиқотие, ки арзиши молҳоро зиёд мекунанд, самаранокии истеҳсолотро паст мекунанд;

- муайян кардани сиёсат ва стратегияҳои илм ва технология дар кишвар дар ҳамоҳангии мутақобила бо сиёсатҳо ва стратегияҳои иқтисодӣ;

- додани ваколатҳои васеъ ба муҳаққиқон ва технологҳо бо мақсади фаъол кардани захираҳои инсонӣ дар донишгоҳҳо, аз ҷумла омӯзгорони соҳибунвон ва аспирантҳо.

## ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ

### А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Навоварӣ чун раванди тиҷоратикунонии донишҳо, ғояҳо, фикру андешаҳои нав дар асоси фановариҳо баррасӣ карда мешавад, ки барои воҳидҳои истеҳсолӣ манфиатҳои иқтисодӣ дорад. Маърифати илмӣ, идеяҳои техникӣ ва пешрафтҳои нави технологӣ унсурҳои ҷудонашавандаи ташкили раванди истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ тавсиф мешаванд. Мавқеи калидӣ дар раванди навҷорисозӣ ба тиҷоратикунонии натиҷаҳои навоварӣ ихтисос дода мешавад. [1-М]

